**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО”**

ВБД: 809.155.0+802.0
УКБ:81.2(2ТАДЖ)

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**МАҶИДЗОДА БАҲРИНИСО МАҲМАДҶОН**

# ВИЖАГИҲОИ МАЪНОӢ ВА СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ ДАР “ТИББИ МАНСУРӢ”-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

**Диссертатсия**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 - Забони тоҷикӣ**

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ
Низомӣ Санавбар Фахрӣ

**ДУШАНБЕ - 2026**

## МУНДАРИЧА

Ихтисораҳо ....................................................................................... 4

Муқаддима .......................................................................................5 -15

**БОБИ 1. ОМӮЗИШИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ**..........................................................................................

1.1. Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти илмӣ дар забоншиносӣ...........................................................................16-24

1.2. Омӯзиш ва баррасии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ......25-30

1.3. Саҳми Закариёи Розӣ дар ташаккули истилоҳоти илмӣ......30-33

1.4. "Тибби Мансурӣ "-и Закариёи Розӣ - асари энсиклопедӣ....33-35

**Хулосаи боби якум**.................................. ....................................36

БОБИ 2. **ВИЖАГИҲОИ МАЪНОӢ ВА СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ ДАР "ТИББИ МАНСУРӢ"-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ**

2.1. Матолиби муқаддимотӣ ...................................................... 37-40

2.2. Сохтори истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ............................................................................................... 40

2.2.1. Истилоҳоти сода........... ....................................................40-52

2.2.2. Истилоҳоти сохта ................... ............................................... 52

2.2.2.1. Бо пешвандҳо сохта шудани истилоҳоти тиббӣ . ......... ....52-53

2.2.2.2 .Бо пасвандҳо сохта шудани истилоҳоти тиббӣ. .................53-68

2.3 Истилоҳоти мураккаб.......................................... ....................68-71

2.3.1. Истилоҳоти мураккаби пайваст.. ........................................71 -74

2. 3.2. Истилоҳоти мураккаби тобеъ ...........................................74-93

2.3.3. Истилоҳоти мураккаби пасванддор........ ...............................93-94

2.3.4. Истилоҳоти мураккаби омехта........... ................................93-94

2.3.5. Ибораистилоҳҳои тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ...................................................................................94-100

2.3. Мавқеи калимаҳои хосса дар ташкили ибораистилоҳҳои тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ ............................................ 100-129
**Хулосаи боби 2**....................... ..........................................................130
**БОБИ 3. ИСТИЛОҲОТИ ИҚТИБОСИИ ТИББӢ ДАР "ТИББИ МАНСУРӢ"-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ**.......................................................
3.1. Вожаҳо ва истилоҳҳои тиббии тоҷикӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ..........................................................................132- 142
3.2. Истилоҳҳои иқтибосии тиббӣ дар ""Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ ................................................................................142
3.2. 1. Истилоҳҳои тиббии юнонӣ ...... .......................................142-149
3. 2. 2. Истилоҳҳои тиббии ҳиндӣ. ...................... .......................149-154
3. 2.3 Истилоҳҳои тиббии арабӣ ..... ................. .......................154-159
Хулосаи боби сеюм . ............................... ....................................159
**Хулоса**..........................................................................................160-163
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** ................164
**Рӯйхати адабиёт**.....................................................................165-179

## ИХТИСОРАҲО:

ВТ - Вожаномаи тиббӣ

ФТЗТ- Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

ФКН - Фарҳанги тибби ниёгон

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Илми тиб бо ҳаёти инсон алоқаи ногусастанӣ дошта, он дар нақлу ривоятҳои халқӣ, осори хаттии ниёгонамон тасвир ёфтааст. Аз замони мавҷудияти инсоният тибби халқӣ дар асоси дармонгиёҳӣ ташаккул ёфта буд. Истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта, аз аввалин сарчашмаҳои динию илмӣ ва адабӣ маншаъ мегирад. Рушду равнақи забони тоҷикӣ ба асрҳои IX-X рост омада, дар ин давра беҳтарин осори илмию таърихӣ, адабӣ эҷод шудааст, ки дар таърихи башарият мақоми сазовореро соҳиб гардидаанд. Омузиши осори илмию таърихӣ ва бадеӣ аз лиҳози вижагиҳои сарфию наҳвӣ, лексикию семантикӣ, услубию истилоҳшиносӣ, овошиносӣ метавонад ба масъалаҳои баҳсталаби ин бахши илм мусоидат намояд. Яке аз масъалаҳои мубраму баҳсталаби забоншиносии муоссир омузиши истилоҳоти илмии миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омузиш ва таҳқиқи истилоҳоти илмӣ дар асоси осори хаттии ниёгонамон муҳим арзёбӣ мегардад. Омузиши истилоҳоти тиббиро забоншинос Мирзо Ҳасани Султон чунин нишон медиҳад: "*Баррасии истилоҳоти тиббии давраи аввал сайри таҳаввули забони илм ва комёбиву нокомии онро дар ин давра ба хубӣ нишон дода, ин ҳақиқатро ошкор месозад, ки забони форсии илми тиб бар хилофи илмҳои дигар, аз таълифи қадимтарин асари тиббии боқимондаи форсӣ дар сатҳи ибтидоӣ –"Донишномаи Майсарӣ" то шоҳасари тибби олӣ – "Захираи Хоразмшоҳӣ" роҳу равиши ягонаи мушаххас доштааст"* [7, 173-174].

Истилоҳоти илмӣ бахшҳои гуногуни илмро дар бар гирифта, яке аз ин бахшҳо истилоҳоти тиббӣ маҳсуб меёбад. Тиб ҳамчун як бахши соҳаи илм бо ҳаёти инсоният алоқамандии зич дорад. Истилоҳоти тиббӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми истилоҳшиносӣ солҳои зиёд таваҷҷуҳи забоншносонро ба худ ҷалб намудааст. Онҳо дар асару мақолаҳои илмӣ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки забони илми тибро аз лиҳози сохтору маъно ва решашиносӣ муайян намоянд.

Имрӯз месазад, ки истилоҳоти тиббии осори хаттии ниёгонамон мавриди баррасии илмӣ қарор додашуда, вижагиҳои сохториву маъноӣ ва баромади забонии истилоҳоти тиббӣ муайян карда шавад. Истилоҳоти тиббии тоҷик давраи тулониро паси сар намуда, то замони истиқлолияти миллӣ омада расидааст.

Тиб ҳамчун як бахши муҳим ва арзандаи фаъолияти инсоният амал мекард ва донишмандони тоҷик доир ба он асарҳои арзандаеро таълиф намуданд, ки башарият аз онҳо баҳра гирифтааст. Дар ин самт хидмати донишмандон, аз ҷумла Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Ахвайнии Бухороӣ, Муваффақиддин Абумансури Алии Ҳиравӣ, Абумансури Қамарӣ, Ҳаким Майсарӣ, Исмоили Ҷурҷонӣ, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон шоистаи таҳсин мебошад.

Яке аз донишмандони бузург, энсиклопедист, табиб, кимиёшинос, мунаҷҷим Абубакри ар-Розӣ мебошад, ки илми тибро ба дараҷае омухта буд, ки муосиронаш ӯро "Ҳалени араб" меномиданд. Хизмати ин абармард дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ бесобиқа мебошад, ки ин маъниро муаллифони "Таърихи мухтасари тибби тоҷик" чунин баён намудаанд: "*Абубакри ар-Розӣ ба авлод мероси бузурги илмии тиббӣ гузоштааст, ки он ба равнақи илми тибби на фақат мамлакатҳои Шарқ, балки Ғарб ҳам таъсири калон расонид. Як силсила асарҳои ар-Розӣ, хусусан "Патологияи ҷузъӣ" дар баробари асарҳои Ҳиппократ, Ҳален, ибни Сино дар донишгоҳҳои Аврупо то асри XVI аз ҷумла дастурҳои асосии донишҷӯён – духтурони оянда дониста мешуд*" [46,50] .

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки Абубакри Розӣ дар илми тиб муваффақ буда, мероси арзишманде барои аҳли башар аз худ боқӣ мондааст.

Қайд кардан бомаврид аст, ки омузиш ва баррасии истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводди осори хатти ниёгонамон, аз ҷумла, "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ дар замони соҳибистиқлолии кишвар, ташаккул ва густариши истилоҳоти миллӣ аз аҳаммият холӣ нест ва он метавонад ба масъалаҳои баҳсноки истилоҳоти тиббӣ мусоидат намуда, густариш ва ташаккули истилоҳоти тиббиро дар асрҳои IX-X муайян намояд. Бояд зикр намуд, ки вижагиҳои сохториву маъноӣ ва баромади забонии истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводди "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад.

**Дараҷаи омузиши мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои истилоҳнигорӣ, истилоҳгузинӣ ва истилоҳсозӣ дар забоншиносии умумӣ, аз ҷумла, дар забоншиносии тоҷикӣ аз аввали саддаи XX мавриди пажуҳиши олимону донишмандон қарор гирифтааст. Доир ба шинохт, аломату нишонаҳои истилоҳот, фарқи истилоҳот аз дигар қабати лексикии забон дар асару рисолаҳои донишмандону забоншиносони хориҷию ватанӣ: Г. О. Винокур [1939], В. В. Виноградов [1961], А. А. Реформатский[1961; 1968],

Д. С. Лотте [1969; 1972], В. П. Даниленко [1970; 1977], Р. А. Будагов [1971], В. А. Лившитс [1981], Л. С. Пейсиков [1973, 1975], В. В. Расторгуева [1962, 1964, 1966], Ю. А. Рубинчик [2001], Д.И.Эделман [1974,1990], П. Смирнова [1981], Я. И. Калонтаров [1961], Б. Ниёзмуҳаммадов А. Л. Бухоризода [1961], Н. О. Шаропов [1970], Ш. Рустамов [1972], Н. Ш. Абдуллоев [1978], П. Г. Нуров [1997], М. Ҳ. Султон [1999; 2008] С. Назарзода [2001; 2004; 2013], Саймиддинов [2001], Т. М. Ваҳобов [2006],, Қосимова [2004; 2007], Т. Шокиров [2008], О. Ҳ. Қосимов [2006, 2011, 2016], А. Ҳасанов [1986], С. Раҳматуллозода [2010], А. Н. Шафоатов [2012], А. Байзоев [2016] ва дигарон зикр ёфтааст. Дар таҳқиқоти А. И. Юсупов [2003, 2004], Н. А. Ҳусанбоев [2023] К. Ш. Турахасанов [2005], Н. А. Ҳусанбоев [2023], М. К. Шодиматзода ва дигарон важагиҳои маъноӣ, сохторӣ, баромади забонии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ таҳлил ва таҳқиқ гардидааст.

Истилоҳоти тиббӣ ҳамчун як бахши истилоҳоти илмии тоҷик мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст, ки дар ин самт як қатор асару рисолаҳо таълиф гардида, дар онҳо вижагиҳои маъноӣ, сохторӣ ва решашиносии истилоҳоти тиббӣ баррасӣ гардидаанд.

Муҳаққиқ М. Ҷаъфаров дар гузориши худ “Тарзи ифодаи мафҳуми ранг дар як асари тиббӣ” доир ба мавзуи рангҳо таваҷҷуҳ намудааст [77]. Ин масъала дар осори тиббии қадим ҷой дорад, ки дар фаслҳои бобҳои рисолаи мо шарҳ хоҳад ёфт.

М.М. Муллоаҳмадов дар мақолааш “Қадимтарин рисолаи манзуми тиббӣ дар забони тоҷикӣ” [1997] ба масъалаҳои истилоҳшиносии тоҷикӣ таваҷҷуҳ намуда, бар он назар аст, ки ин масъала дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз ба таври комил мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст ва ниёз ба таҳқиқ дорад.

Муҳаққиқ Қ. Ш. Тураҳасанов дар монографияааш “Истилоҳоти тиббии пешобшиносӣ дар забони тоҷикӣ” [2005] доир ба масъалаҳои моҳияти лингвистии истилоҳот, сохтори истилоҳоти пешобшиносӣ, нақши калимаҳои иқтибосӣ дар ташаккули истилоҳоти пешобшиносӣ таваҷҷуҳ намуда, истилоҳоти мазкурро аз лиҳози сохтор ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ гурӯҳбандӣ намудааст. Муҳаққиқ дар фасли истилоҳоти таркибӣ ибораистилоҳҳоро аз лиҳози баромади забонӣ ба чунин гурӯҳҳо тасниф намудааст: “тоҷикӣ+арабӣ, тоҷикӣ+русӣ, тоҷикӣ+юнонӣ, тоҷикӣ+лотинӣ, арабӣ+арабӣ, аабӣ+юнонӣ, арабӣ+лотинӣ+асоси замони ҳозираи феъл, арабӣ

+немисӣ, юнонӣ+юнонӣ, юнонӣ +лотинӣ, лотинӣ+олмонӣ, олмонӣ +англисӣ” [45-46].

Рисолаи А. И. Юсупов ба масъалаҳои муҳимми корбурди истилоҳоти тиббӣ дар “Ҳидоят-ул-муттааллимин- фит-тибб”-и Ахвайнии Бухорой бахшида шудааст [21].

Бояд тазаккур дод, ки доир ба истилоҳоти тиббӣ дар бисёр асарҳои ба забон ва услуби ин ё он шоир ва нависанда бахшидаи муҳаққиқон ишораҳо ба назар мерасанд. Масалан, забоншинос А. Байзоев ҳангоми пажуҳиши “Донишнома”-и Ибни Сино ба истилоҳоти тиббӣ ишора кардааст [1].

Рисолаи Т. А. Назаров “Вижагиҳои луғавию маъной ва сохтории истилоҳоти даҳонпизишкӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ”[9] ба як бахши ҷудогонаи истилоҳоти тиббӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар пажуҳиши хеш истилоҳоти даҳонпизишкиро аз ҷиҳати мавзуъ ба анатомӣ, физиологӣ, ифодагари номи бемориҳои дандон, нишонаҳои клиникии беморӣ, истилоҳоти марбут ба раванди табобат, ташхис, таҷҳизоти даҳонпизишкӣ, таҷҳизоти шикастабандӣ ва ғ. тасниф намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Инчунин истилоҳоти мазкурро аз ҷиҳати сохтор баррасӣ намудааст.

М.Н. Қосимова ҳангоми таҳқиқи таърихи забон ба корбурди истилоҳоти тиббӣ дар асрҳои XI- XIX таваҷҷуҳ намуда, онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудааст: “1) номи узвҳо (истилоҳоти анатомӣ); 2) номи бемориҳо; 3) номи дору, дарахту гиёҳҳои шифой; 4) номи мева, сабзавот, полезӣ; 5) номи гиёҳҳо, ғалладона, дарахт ва моддаҳои табиӣ; 6) номи амалҳои тиббӣ” [5].

Рисолаи Н. А. Ҳусанбоев “Истилоҳоти тиббӣ дар осори Ҳомид Зоҳидов” [19], ки ба усулҳои истилоҳсозӣ, таснифи истилоҳ аз рӯйи маъно, баромади истилоҳоти тиббӣ бахшида шудааст, кори арзандае дар ин бахш маҳсуб меёбад.

Бояд зикр намуд, ки солҳои охир оид ба истилоҳоти тиббӣ мақолаҳои зиёде таълиф гардиданд, ки муҳаққиқон бархе аз вижагиҳои онҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Мисоли равшани гуфтаҳои болоӣ корҳои илмии М. К. Шодиматова “Истилоҳоти тиббӣ ва баъзе хусусиятҳои он дар осори бадей”, А. И. Юсупов, М. К . Шодиматова, Г. А. Суфиева “Тартиби омӯхтани илми тиб аз нигоҳи Унсурулмаолии Кайковус, М. Ҷумъаев “Баъзе мушкилоти истилоҳ дар шароити имрӯзаи ташаккули забони тоҷикӣ” ва ғ. шуда метавонанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳа) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи мавзуи диссертатсия нишондиҳандаҳои муҳимми мутобиқати кори илмӣ ба стратегияҳои давлатӣ, самтҳои афзалиятноки рушди илм, ҳамчунин, нишондиҳандаҳои муҳимми сифатӣ ва аҳаммияти кори илмӣ буда, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (05.10.2009, № 553), Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (аз 28.11.2020, №647), Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 (аз 30.06.2012, 335), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" ( аз 30.06.2021, №268) ва мавзуъҳои кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” робитаи бевосита дорад. Ин мавзуъ яке аз мавзуъҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” буда, барои мутахассисони соҳаи тиб таълим дода мешавад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии кори диссертатсионӣ – баррасии истилоҳоти тиббӣ аз лиҳози семантика, сохтор, баромади забонӣ, таснифоти мавзуӣ дар асоси маводди “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи мазкур муаллифи диссертатсия ҳалли вазифаҳои зеринро ба миён гузоштааст:

– таҳияи асосҳои назариявии истилоҳоти илмӣ, таҳлили адабиёти марбут ба истилоҳоти тиббӣ;
– ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводди “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ;
– таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ;
– муайян намудани дараҷаи корбурди истилоҳоти сода дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ;
– муайян намудани истилоҳоти сохта ва нақши воситаҳои калимасоз дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ дар “Тиббӣ Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ;
– таҳлил ва баррасии истилоҳоти тиббӣ аз лиҳози маъно ва мавзуъ дар “Тибби

Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ;
- муайян намудани мавқеи истилоҳоти аслӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ;
- муайян намудани мавқеи корбурди истилоҳиборахо дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ;
- муайян намудани дараҷаи истеъмоли истилоҳоти иқтибосии арабӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ;
- нишон додани мавқеи корбурди истилоҳоти юнонӣ ва ҳиндӣ дар асари мавриди таҳқиқ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқи кори диссертатсионӣ истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводди “Тиббӣ Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ интихоб гардидааст, ки то ҳол таҳлили вижагиҳои маъноӣ, сохторӣ ва баромади забонии истилоҳоти тиббӣ аз назари муҳаққиқон дур мондааст ва ҳамчун объекти ҷудогонаи таҳқиқ бори аввал сурат мегирад.

**Предмети таҳқиқот.** Дар диссертатсия масъалаҳои назарӣ, амалӣ, вижагиҳои маъноӣ, луғавӣ, басомад, дараҷаи истеъмоли истилоҳоти тиббии “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ баррасӣ гардидааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Доир ба мафҳуми истилоҳ, хусусиятҳои истилоҳгузинӣ, вижагиҳои маъноиву сохтории истилоҳот олимону донишмандони маъруфи хориҷиву ватанӣ ба монанди Д. С. Лотте, Г. О. Винокур, В. В. Виноградов, А. А. Реформатский, В. П. Даниленко, Р. А. Будагов, Я. И. Калонтаров, Ваҳобов, С. М. Қосимова, Мирзо Ҳасани Султон, Ш. Рустамов, С. Назарзода, П. Г. Нуров, Д. Саймиддинов, А. Байзоев, Н. О. Шаропов, Т. Шокиров, А. И. Юсупов, Қ.Ш. Тураҳасанов, Т. А. Назаров, Ҷ. Х. Асоев ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд, ки асосҳои назариявии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ, баромади истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати забонӣ, таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббии “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати сохтор, нақши воситаҳои калимасозӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ, роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳиборахо ва мавқеи корбурди онҳо дар муқоиса бо таҳқиқоти олимони забоншинос, фарҳангу луғатномаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия, инчунин, дараҷаи истеъмол ва мавқеи корбурди истилоҳоти тиббии тоҷикӣ ва иқтибосӣ муайян карда шудааст. Масъалаи таснифоти истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати баромади забонӣ, мавзуъ ва нақши воситаҳои калимасоз дар истилоҳсозӣ муайян гардида, андешаҳои муҳаққиқон оид ба имконоти истилоҳсозии забони тоҷикӣ тақвият дода шудаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муайян карда шуд, ки таҳқиқу баррасии истилоҳоти илмӣ, аломату нишонаҳои истилоҳоти илмӣ аз калимаҳои муқаррарии забон, таснифоти онҳо дар диссертатсия аз рӯйи назарияҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ ба роҳ монда шудааст.

2. Таҳқиқи вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар заминаи таҳқиқоти мавҷудаи назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти хоссаеро касб кардааст. Инчунин нақши пасванду пешвандҳо, калимаҳои хосса дар ташкили истилоҳоти сохтаву мураккаб ва ибораистилоҳҳои тиббӣ собит карда шуд.

3. Мавқеъ ва мақоми истилоҳоти тиббии “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ, густариш ва такомули истилоҳгузинии тиббии тоҷик хеле назаррас аст. Дар диссертатсия арзиш ва аҳаммияти калимаву истилоҳоти тиббии “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ мансубияти онҳо ба соҳаҳои гуногуни тиб дар заминаи баррасии муфассал ва таснифоти ҳамаҷонибаи онҳо муайян карда шуд.

4. Ҷойгоҳи корбурди истилоҳоти иқтибосии тиббӣ, дараҷаи истеъмоли истилоҳоти тиббии юнонӣ, ҳиндӣ ва арабии “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ дар муқоиса бо истилоҳоти тиббии муосир муайян гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия аз он иборат аст, ки муқарраоти диссертатсияи мазкур метавонад барои рушди минбаъдаи илми истилоҳшиносии тоҷик, аз ҷумла, барои танзими истилоҳоти тиббии тоҷикӣ, барои муқаррар кардани меъёрҳои истилоҳгузинӣ, интихоби истилоҳ, роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳоти тиббӣ, баромади истилоҳоти илмии тиббии забони тоҷикӣ мусоидат намояд. Диссертатсияи мазкур метавонад ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъда дар самти истилоҳшиносӣ, истилоҳгузинӣ, маъношиносӣ, вожашиносӣ, ибораоройӣ ва калимасозӣ истифода шавад.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсия дар он аст, ки маводди диссертатсия, муқаррарот ва хулосаҳои он метавонад дар таҳияи курсҳои лексикология, истилоҳшиносӣ, калимасозӣ, таҳияи курси истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ, барои таҳияи курси калимасозии забони тоҷикӣ, курсҳои махсуси таърихи забони тоҷикӣ, истилоҳшиносӣ истифода шавад. Инчунин маводди диссертатсия метавонад барои таҳияи фарҳангҳои тахассусӣ ва тафсириву дузабона, луғати калимасозиӣ истилоҳсозии забони тоҷикӣ истифода гардад.

Ҳамчунин диссертатсия метавонад барои таҳияи корҳои курсӣ, магистерӣ ва корҳои минбаъдаи таҳқиқотӣ дар самти забони адабии тоҷик, забони давраи классикии тоҷикӣ ва истилоҳотшиносӣ истифода шавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи "Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ" бо ихтисоси илмии 6. 2. 1. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар ҷамъоварии маводди фаровон роҷеъ ба истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводди "Тибби мансурӣ"-и Закариёи Розӣ, омузиши назарияҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқ, таҳия намудани мақолаву маърузаҳо оид ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад.Инчунин, интихоб ва бандубасти илмии мавзуъ дар мувофиқа бо роҳбари илмӣ сурат гирифта, саҳми довталаб дар муайян намудани ҳадафҳои асосӣ, коркарди мавод, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмии мавзуи интихобшуда зоҳир мегардад.

Таҳқиқот дар илми забоншиносии тоҷик пажуҳиши нав ва мубрам маҳсуб меёбад. Дар рафти таҳқиқ муаллифи рисола ба ҳалли масъалаҳои муҳимми дар пеш гузошташуда, аз ҷумла, таҳқиқи вижагиҳои маъноиву сохторӣ, нақши калимаҳои хосса дар ташкили ибораистилоҳҳо, истилоҳоти иқтибосии тиббӣ, таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводди"Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ муваффақ шудааст.

**Тасвиби амалисозӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино"(суратҷаласаи № 13 аз 26. 02. 2026) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсия дар семинару конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз қабили Конференсияи байналмилалии

илмӣ-амалӣ дар мавзуи: “Тибби муосир: анъана ва навоварӣ”(01.12. 2023), (МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”), Конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони “Истиқлол ва рушди забони модарӣ” ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуаву маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, 3 боб, фаслу зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

# БОБИ I.МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

## 1.1. Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти илмӣ дар забоншиносӣ

*"Масъалаи ташаккули забони илм ва истилоҳот имрӯз дар ҷомеаи мо беш аз пеш аҳаммият пайдо мекунад, зеро дар раванди имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва сели хурӯшони ҳаводиси рӯзгори пурошӯби мо танҳо забони тавонманд ва ҷавобгӯйи ниёзҳои илм ва фановарии муосир бо имконот ва собиқаю салиқаи худ метавонад дар баробари ин раванду ҳаводис устувору побарҷо монад. Баръакс, забоне, ки ҳамқадами замон нест ва соҳибону алоқамандони ин забон барои рушду густариши он дар заминаҳои мухталифи илму фан аз худ кору пайкори ҷиддии мондагор нишон намедиҳанд, маҳкум ба нобудист ва ногузир аз байн хоҳад рафт*" [Эмомалӣ Раҳмон, с.246-247]

Истилоҳшиносӣ, омилҳо, заминаҳои бавуҷудоии истилоҳоти илмӣ барои инкишоф ва густариши истилоҳоти тахассусӣ нақши асосӣ дошта, дар тамоми давру замон ба мафҳумҳои мушаххсас номгузорӣ намуда, ниёзи инсониятро ба олами воқей қонеъ мегардонад. Олами маънавии моро соҳаҳои мухталиф фаро гирифтаанд, ки онҳо дорои вожаҳои ифодакунандаи хоси худ мебошанд.

Баррасии истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илму техника ва таъриху фарҳанг барои дақиқтар ва мушаххастар ифода намудани вожаҳои тахассусӣ мусоидат менамоянд. Доир ба шинохт ва нишонаву аломатҳои хоси калимаҳои соҳавӣ донишмандону забоншиносон ибРозӣ назар намудаанд ва дар ин самт гуногунандешӣ ҷой дорад.

Истилоҳ аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънояш "ҳад, ҳудуд" мебошад. "Истилоҳ (арабӣ, сулҳ кардан, оштӣ кардан), термин калима ё иборае, ки предмет, мафҳуму ҷараёнҳои илм, санъат, техника ва ғайраро аниқ ифода мекунад. Истилоҳ аз калимаҳои маъмулӣ, ба

мафҳуми махсус, яъмаъноӣ ва муайянии ҳудуди худ фарқ мекунад" [148, 141].

Дар ФТЗТ истилоҳ чунин шарҳ дода шудааст: "Истилоҳ калима ё иборае, ки дар ҳавзаи амалкарди ягон соҳаи илму фан маънои мушаххасро ифода мекунад; (ба) дар истилоҳи… ба ифодаи…, аз рӯи гуфти…, ба ибораи…"[151, 561].

Истилоҳ калима ва ё ибораест, ки мафҳумҳои ягон соҳаи илмро ифода мекунад ва аз хусусиятҳои сермаъноӣ, муродифӣ, ва экспрессивӣ дур мебошад.

Истилоҳ ҳамчун як бахши маъношиносӣ ҳазорсолаҳо боз таваҷҷуҳи донишмандону забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Роҷеъ ба аломату нишонаҳои истилоҳҳо фикру андешаҳои гуногун ҷой дорад. Бархе аз донишмандон хусусияти синонимӣ, антонимӣ, омонимӣ ва сермаъноӣ доштани истилоҳотро таъкид кардаанд [6, 49-50; 35, 73-94 ].

Забоншинос Д. С. Лотте роҷеъ ба сермаъноӣ ва муродифшавии истилоҳот ибРозӣ назар намуда, таъкид мекунад, ки чунин хусусият хоси истилоҳот нест. Истилоҳот бояд бар хилофи калимаи муқаррарии забон маънои мафҳумро мушаххас ифода карда тавонад. Истилоҳ дар доираи дониши муайян истифода гардад ва берун аз матн низ маънои истилоҳии худро дошта бошад. Истилоҳ бояд кӯтоҳ, дақиқ бошад ва мафҳуми илму техникаро маънидод намояд.

Д.Лотте чунин чунин аломатҳои истилоҳотро нишон додааст, ки барои шинохти истилоҳот муҳим мебошанд:

1) "тартиб ва корбурди мафҳумҳо дар истилоҳот;
2) мустақилияти истилоҳ аз мафҳум дар матнҳои тахассусӣ;
3) ягонагии маънои мутлақ доштани мафҳумҳои истилоҳӣ;
4) таносуби байни маъноии истилоҳ ва маънии ҷузъҳои таркибии он;
5) дақиқӣ ва ё кӯтоҳии истилоҳоти фаннӣ" [94, 72-77].

Андешаҳои дар боло овардашуда, албатта, аввалин назария доир ба нишонаҳои истилоҳот буда, аломатҳои асосии истилоҳҳо: мустақилият, кӯтоҳӣ, янгонагии маънои мутлақ доштани истилоҳот дуруст мебошанд.

Баъдан забоншиносони рус З. О. Винокур, А. А. Реформатский, А. Д. Хаютин асару мақолаҳо навишта кӯшидаанд, ки аломатҳои ҷудогонаи истилоҳҳоро муайян созанд. Ба андешаи А. А. Реформатский истилоҳ бештар муҳтаво, сохтори забониро нисбат ба илм ифода мекунад. Мавсуф ба андешаи З. О. Винокур - "аломати номенклатурӣ хоси истилоҳ мебошад", зид буда, ба тамоми калимаҳо хос будани чунин аломатро таъкид намудааст [80, 41-53 ].

Забоншинос Н. П. Кузкин ҷиҳати муайян намудани мафҳуми истилоҳ чаҳор хусусиятро пешниҳод мекунад:

"-истилоҳ калимаест ба вазифаи дефинитав;

-истилоҳ - калимаест барои ифода мафҳуми тахассусӣ;

-истилоҳ - калимаест дар вазифаи номи мафҳум;

-истилоҳ калимаест барои ифодаи мафҳуми махсус" [89,134-137 ].

Ба андешаи мо ин аломатҳо хоси истилоҳ мебошад ва истилоҳ вожа ва ибораест, ки барои дарки мафҳуми тахассусӣ илму техника истифода мегардад.

Истилоҳ дорои хусусиятҳои махсуси маъноӣ-тахассусӣ буда, то ҳол мавриди баҳси муҳаққиқону забоншинос қарор дорад.

Дар забоншиносии тоҷик истилоҳ ҳамчун воҳиди луғавии забон бо вижагиҳои худ диққати аҳли илмро ба худ ҷалб намудааст, ки як қатор олимону донишмандон, ба монанди С. Ализода, С. Айнӣ, Ш. Рустамов, Н. Шаропов, М. Муҳаммадиев, Т. Бердиева, М. Шукуров, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, С. Султон, Т. Шокиров, П. Нуров, Қ. Ш.

Тӯраҳасанов, А. Юсупов ва дигарон пажуҳишҳои арзишмандеро ба анҷом расониданд.

Забоншинос Ш. Рустамов дар мақолаҳои “Истилоҳот ва ҳусни сухан” ва “Вазъи истилоҳот” дар мавриди интихоб, корбурди истилоҳот ва истилоҳсозӣ, оид ба вазъи ногувори истилоҳоти илмӣ изҳори нигаронӣ намуда, бар он назар аст, ки истилоҳсозӣ кори саҳл набуда, риояи дурусти тарзу воситаҳои калимасозӣ дар сохтани истилоҳоти миллӣ ҳатмӣ ва зарур аст. Забоншинос чанд нуктаи муҳимро, ки боиси нофаҳмиҳо дар низоми истилоҳҳо ва корбурди он мешаванд, таъкид кардааст, ки овардани баъзеи онҳоро зарур медонем:

1. “Истилоҳ вариант ва муродифро асосан намепарварад, вале дар матбуоти имрӯза ба як мафҳум чанд истилоҳ истифода мешавад. Баъзан як истилоҳ ду ва се вариант ва муродиф дорад: *институти педагогӣ, институти омӯзгорӣ, институти муаллимӣ.*

2. Масъалаи дигар ин аст, ки қаламкашони мо калимаҳои маълуму мафҳуми умум, махсусан, калимаҳои оммафаҳми русиву интернатсионалиро бо калимаҳои дигар, махсусан, душворфаҳм ва ё номафҳум иваз мекунад.

3. Дар амалияи забон истилоҳоти муродифи иқтибосиву тоҷикӣ истифода мешаванд. Дар ин маврид истилоҳи мувофиқро қабул кардан мумкин аст.

4. Ба таълифу таҳияи луғатҳои истилоҳот, аз ҷумла луғатҳои тафсирӣ олимони ихтисосманд ва хушқалам ғолибан ҷавононро ҷалб бояд кард. Дар ин соҳа ҳамкории муаллифони гуногунихтисос ва забоншинос зарур аст” [79, 131-132]

Дарвоқеъ, ин мушкилот то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст ва боиси нигаронӣ аст. Истилоҳот муродифро намепазирад, аммо ин падида дар

истилоҳоти тиббии муосир низ ҷой дорад: *беморхона, бемористон, шифохона, табобатгоҳ* ва ғ.

Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар мақолаи “Истилоҳот ва забони миллӣ” дар хусуси истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ, хизмати Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули донишвожаҳои адабӣ бо забони арабӣ навишта шуда ва вазъи истилоҳоти миллии тоҷик дар даврони шуравӣ, бенизомӣ дар корбурди истилоҳот ибРозӣ андеша намудааст. Дар баробари норасоӣ ва камбудиҳо дар самти истилоҳоти илмӣ, инчунин донишвожаҳои хушсохт низ тавассути тарҷума пайдо гардиданд. Мавсуф яке аз омилҳои пайдо шудани донишвожаҳои навро дар забони тоҷикӣ дар баргардони китобҳои дарсӣ меҳисобад ва таъкид мекунад, ки дар ин давра “истилоҳоти хушрехти *арринбарг* - *златолистика* (номи растанӣ), *шохдандон* - *рогозуб, бинибин* - *риноскоп*, оинае, ки барои тафтиши даруни бинӣ ба кор равад, *галаҷазира* - *архипелаг* ва ҳоказо” [106,162-163] пайдо шудаанд.

Дар бештари сарчашмаҳои илмӣ доир ба вазъи истилоҳоти илмӣ дар аввали садаи XX норизоии муҳаққиқон ба мушоҳида расид [79; 61; 106].

М. Шакурӣ қайд мекунад, ки вомгирии вожаҳо дар забони форсии қадим ҷой дошт, аммо дар даврони шуравӣ “вомгирии айнӣ пояҳои илмӣ такя надошт ва бар хилофи услуби илмӣ сурат гирифта, ба забони мо харобӣ овард”. Ин амалкард баъзе қоидаву қонунҳои истилоҳсозии забони моро вайрон кард, ҳусну қутби онро коҳиш дод. Мо ҳамфикри ин донишмандем, ки калимасозиву иборабандии бегона бар хилофи табиати забони мо мебошад. Ин падидаи номатлуб солҳои сол давом карда истодааст. Албатта, дар баробари норасоиҳо муваффақиятҳо ҳам кам набуданд. Дар ин маврид хулосаи мушаххас баровардан мумкин нест, ки вазъи истилоҳнигорӣ дар ин давра нохуб буд. Дар нимаи

дуюми асри XX вазъи истилоҳот беҳтар гардид. Мураттаб ва чопи фарҳангҳои тафсирӣ, дузабона, соҳавӣ, таъсиси созмони донишномаи миллӣ - энсиклопедияи шӯравии тоҷик ба инкишофи истилоҳоти миллии тоҷик аҳаммияти калон доштанд. М. Шакурӣ яке аз сабабҳои ин бесомониҳоро дар интихоб ва сохтани истилоҳоти илмӣ дар он медонад, ки "*имкони дохилии забони миллиро истифода карданӣ шавем ҳам, истилоҳ ба вуҷуд намеоварем, балки истилоҳоти русиро тарҷума мекунем*" [106, 186].

Зикр кардан ба маврид аст, ки мо бояд дар офаридани истилоҳоти илмӣ аввал аз имконоти дохилии забон баҳра бардошта, сонӣ дигар роҳҳои муфид ва зарурро ба кор барем.

П. Нуров дар фасли "Тарзҳои истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷик" ба масъалаҳои интихоби истилоҳот, тарҷумаи истилоҳоти илмӣ аз забони русӣ, интихоби дурусти истилоҳоти илмӣ, дарки дурусти маънои мафҳуми илмӣ, интихоби дурусти муодили тоҷикии истилоҳот ва ғ. таваҷҷуҳ намудааст. Муҳаққиқ дуруст таъкид кардааст, ки дар замони муосир яке аз роҳи асосии ба миён овардани истилоҳоти миллӣ "тавассути тарҷума сохтани муодилҳои тоҷикии истилоҳоти забонҳои муқтадири илмӣ" [38, 62] мебошад

Ин ҳодисаи забонӣ мавҷуд аст, аммо нозукиҳои табиати забони миллӣ ба эътибор гирифта шавад, бояд истилоҳи баргардоншаванда ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам хусусиятҳои забонӣ, яъне аз ҷиҳати калимасозӣ риоя карда шавад.

Профессор М. Н. Қосимова дар фасли "Истилоҳот" дар давраи навини ташаккулёбии забони тоҷикӣ, яъне асрҳои IX-X серистеъмол будани истилоҳоти соҳаҳои фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, мантиқ, низомӣ-ҳарбӣ, тибб, дорушиносиро ишора намуда, як қатор

нишонаҳоро дар корбурди истилоҳоти илмӣ дар ин давра нишон додааст [33, 73-79].

Забоншиноси тоҷик, муҳаққиқи осори хаттии асримиёнагӣ Мирзо Ҳасани Султон бештари пажуҳиши хешро ба истилоҳоти илмӣ бахшидааст. Мавсуф истилоҳро чунин тавсиф намудааст: “ *Истилоҳ калимаи хос, саҳеҳтараш калимае ба вазифаи хос аст. Вай калима ё ибораест, ки тобиши махсуси маънои илмӣ дошта, дар ҳавзаи амалкарди як илми мушаххас мафҳуми муайянеро ба шакли муҷазу дақиқ ифода мекунад. Истилоҳ метавонад гоҳе дар матн маънии истилоҳии худро аз даст бидиҳад ва ба сифати калимаи маъмули забон истифода гардад. Зикри ин нукта муҳим аст, ки ҳангоми маънои истилоҳӣ пайдо кардани калима ва ё вожа ҳамаи маъниҳои дигари он қатъи назар мегардад*” [52, 14] .

М. Султон дар мақолааш “Вазъи истилоҳнигории тоҷикӣ дар даврони Истиқлолият” барои офаридани истилоҳоти илмии миллӣ аз чор шеваи истилоҳнигорӣ: а) муодилҷӯйӣ; б) истилоҳсозӣ; в) тарҷумаи истилоҳ; г) иқтибосгирӣ баҳра бурданро таъкид намуда, чунин менигорад: “*дар забони тоҷикӣ истилоҳнигор илова бар дониши олии забонӣ бояд дорои табъи салим ва завқи баланди сухансанҷию суханшиносӣ бошад*” [53, 33] .

С. Назарзода доир ба вижагиҳои истилоҳот, даврабандии истилоҳоти забони тоҷикӣ, роҳҳои истилоҳофарӣ, аломату нишонаҳои истилоҳот, иқтибосгирии истилоҳот ва ғ. таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин хусусиятҳои хоси истилоҳотро зикр кардааст:

“1. Истилоҳот пеш аз ҳама вожаест, ки дар сохтори истилоҳии як соҳаи муайян ба таври дақиқ ва қатъиву мушаххас як мафҳумро ифода мекунанд.

2. Истилоҳ дар доираи соҳаи муайян бо ифодаи маънои мушаххаси худ ба ҳамин соҳаи муайян ва соҳаҳои вобастаи он ба якмаънoӣ вобастагии зич дорад.

3. Истилоҳ дар баробари вижагии хос доштанашон дар таркиби сохтори забонӣ мутобиқ бо қойидаҳои дастурӣ амал намуда, дар калимасозӣ ҳамчун воҳиди истилоҳӣ иштирок менамояд.

4. Истилоҳ бештар аз як калимаи одӣ, сохта, мураккаб сохта шуда, ибораҳои истилоҳӣ ҳанӯз хусусияти томи як истилоҳро надоранд” [61, 41-42].

Мо дар мавриди истилоҳибораҳо ҳамфикр нестем, зеро дар забони тоҷикӣ истилоҳоти зиёдеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар қолаби ибораистилоҳ сохта шудаанд: *дармони сармозадагӣ* [157,15], *омоси гулӯ* [157,18], *тангии нафас* [157,18], *хилти сина* [157,18], *омоси шуш* [157,18], *тапиши дил* [157,18], *хилти сина* [157,18], *сангинии забон* [157,18],*омоси пардаҳои шуш* [157,18], *дарди ҷигар* [157,18], *дардҳои сипурз* [157,18], *сахтии пешоб кардан* [157,18], *омоси падидомада дар гурда* [157,18], *сӯзиши пешобӣ* [157,18], *балғами ширин* [157,22], *зардоби обакӣ* [157,22], *зардоби гунаи қирмизӣ* [157,22], *зангори оҳан* [157,23], *таҳшини хун* [157,23], *роҳҳои гузари оби нарина* [157,24], *андомҳои дарунӣ* [157,24] ва ғ.

Ҳар сол бо мақсади баррасӣ ва ҳаллу фасли мушкилоти истилоҳоти миллӣ Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин конфронсу ҳамоишҳои илмӣ барпо менамояд ва гузоришу мақолаҳоро дар шакли хаттӣ дастраси хонандагон мегардонад. Ин беҳтарин иқдомест, ки ба таври анъанавӣ баргузор мегардад.

Н. А. Ҳусанбоев чунин хусусиятҳои фарқкунандаи истилоҳотро аз вожаҳои маъмули забон нишон додааст:

1. “Калимаи маъмули забон хусусияти сермаъноӣ гирифтанро доро мебошад, аммо истилоҳот, баръакси ин махсусият маҳруманд ва ҳамеша ба сӯйи якмаъноӣ майл мекунанд.

2. Маънои калимаҳои муқаррарӣ, одатан, дар матн дар алоқамандӣ бо дигар калимаҳо муайян карда мешаванд, аммо истилоҳот берун аз матн низ маънои худро нигоҳ дошта метавонад.

3. Баъзе истилоҳоте вуҷуд доранд, ки дар як чанд соҳа ба кор бурда мешаванд. Сермаъноии истилоҳот фаҳмидани маънои аслии онҳоро душвор менамояд. Барои мисол, мо калима-истилоҳҳои “морфология”, “овоз”-ро мегирем. Хонанда дар назари аввал муайян карда наметавонад, ки морфология истилоҳи забоншиносист ё истилоҳи биологист, зеро ин истилоҳ дар фанҳои забоншиносӣ ва биология баробар истифода бурда мешаванд.

4. Истилоҳот аз калимаи муқаррарии забон бо он фарқ мекунад, ки маънои онҳо барои мутахассисони соҳа маълуманд. Масалан, истилоҳҳои *синтаксис, грамматика, лексика, вожа* ва ғайра забоншиносианд. Истилоҳҳои *ҷарроҳӣ, тиф, саратон, сил, диқ* ва монанди инҳо истилоҳоти тиббӣ мебошанд.

5. Истилоҳот бо калимаҳои умумихалқӣ алоқаи зич доранд. Баъзан калимаҳои муқаррарии забон хусусияти истилоҳиро мегиранд ва бо ҳамин роҳ ба гурӯҳи истилоҳот мегузаранд.

6. Истилоҳҳо аз обуранги бадеӣ маҳруманд. Масалан, калимаҳои *гул, ишқ, фараҳбахш* вобаста ба тарз ва мавқеи истеъмол хусусиятҳои ҳиссӣ гирифта метавонанд, аммо истилоҳот ин гуна хусусиятро доро нест” [101, 16-17 ].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили адабиёти назариявӣ чунин бармеояд, ки доир ба хусусиятҳои истилоҳҳо нуктаҳои назари гуногун ҷой дошта, дар ин масъала ҳанӯз фикри ягона мавҷуд нест.

## 1.2. Омӯзиш ва баррасии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ

Истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ ҳарчанд мавриди пажуҳишҳои ҷудогона қарор нагирифта бошанд ҳам, онҳо дар фарҳангҳои тахассусӣ, тафсирии ниёгонамон шарҳу эзоҳ ёфтааст. Муҳаққиқони таърихи забон ҳангоми пажуҳиши осори ин ё он донишмандону адибон ба масъалаи истилоҳоти тиббӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд.

Д. Саймиддинов дар рисолааш “Вожашиносии забони форсии миёна” дар боби истилоҳот дар мавриди истилоҳоти тиббӣ зерфаслеро бо номи “Сарвари пизишкон” зикр намуда, танҳо ду калимаро шарҳ додааст: “Drustbed (drwistbed)” “сарвари пизишкон”. ав. [85,782] drva//druva- ф.б.duruva-, ф.б, drust “дуруст”, ҳамчунин дар ф.м. randurust “тандуруст”: бо пасванди -ih тадурустӣ” [85, 230]. Тандурустӣ дар забони тоҷикӣ шакли гуфторӣ ва омиёна набуда, балки ҳамчун вожаи куҳани форсӣ то имрӯз маҳфуз мондааст

Мирзо Ҳасани Султон дар асараш – “Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсии тоҷик” ба осори хатии гузаштагонамон, ки дар бахши тиб таълиф гардидаанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Мавсуф дар фасли “Замина ва омилҳои ташаккули забон ва истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ” дар самти тибб таълиф гардидани асарҳои арзишмандро таъкид намуда, мавқеи “Ҳидоят-ул-мутааллмин фит-тибб”-и Аҳмади Ахвайни Бухороӣ, “Донишномаи Алоӣ”-и Абуалӣ ибни Сино, “Донишномаи Майсарӣ”, “Китоб-ул-абниё”-и Муваффақ ибни Алии Ҳиравиро баррасӣ намудааст.

Мирзо Ҳасани Султон асари ба соҳаи тибб бахшида шудаи Ҳаким Майсариро баррасӣ намуда, аз ташаккули истилоҳоти илмии форсӣ дар ин давра ёдрас мешавад: “*Аксари истилоҳоти тиббии форсие, ки дар ин асар омадаанд, ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳанд. Шояд баъзе аз*

*истилоҳоту, ки дар ин китоб истифода шудаанд, сохтаи завқи худи муаллиф бошанд*" [52, 57].

Ин муҳаққиқ ба китоби "Ҳидоят-ул-мутааллимин фит-тиб"-и Аҳмади Ахвайнии Бухорой баҳои арзандае додааст, ки баёнгари ташаккули истилоҳоти илмии тиббӣ дар ин давра мебошад: "Ҳидоят-ул-мутааллимин фит-тибб" аз қадимтарин навиштаҳои форсии дарӣ дар илми тиб ва аз беҳтарин ганҷинаҳои истилоҳоти тиббӣ ба ин забон аст [52, 57]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ дар садаи IX-X ба дараҷаи баланд ташаккул ёфта будааст.

Китоби дигаре, ки ба соҳаи тиб бахшида шудааст, "Китоб-ул-анбиё"-и Мувафақиддин Абӯмансури Алии Ҳиравӣ мебошад. Муҳаққиқ дар мавриди муҳтавои ин асар менигорад: "*Ин китоб қадимтарин асари боқимондаи доруշиносӣ буда, гиёҳҳо ва адвиёти дигар дар он бо тартиби алифбои арабӣ оварда шудаанд*" [2008, 61].

Инчунин муҳаққиқ ҳангоми баррасии "Донишномаи Алоӣ"-и Ибни Сино ба хулосае меояд, ки Сино дар корбурд ва интихоби истилоҳоти тиббӣ чор усулро ба кор бурдааст ва аксари онҳо истилоҳоти сохтаи худи муаллифанд [2008, 64-65]. Дар ин сарчашма фасле бо номи "Истилоҳоти тиббӣ" зикр гардидааст. Муҳаққиқ дар таҳқиқи истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ сайри таърихӣ намуда, баррасии истилоҳоти тиббиро аз қадимтарин мероси хаттии мардуми эронинажод - китоби Авесто оғоз намуда, зина ба зина ташаккул ва такомули истилоҳоти тиббиро ба қалам додааст.

Дар забоншиносии тоҷик аз аввали садаи XXI сар карда, доир ба истилоҳоти тиббӣ дар осори тиббии адибону донишмандони ҷудогона пажуҳишҳои илмии арзишманде рӯйи кор омаданд:

Рисолаи А. И. Юсупов “Истилоҳоти тиббӣ дар “Ҳидоят-ул мутааллимин фи тибб”-и Ахвайнии Бухороӣ ” ба тарзи нигоришоти истилоҳоти тиббӣ дар ин асар бахшида шудааст.

Муҳаққиқ Қ. Ш. Тӯраҳасанов дар монографияаш “Истилоҳоти тиббии пешобшиносӣ дар забони тоҷикӣ” [90] истилоҳҳои тиббии пешобшиносиро аз ҷиҳати сохтор, нақши иқтибосот дар ташаккули истилоҳоти пешобшиносӣ, роҳҳои сохта шудани истилоҳҳои пешобшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Мавсуф дар зерфасли “Калка ҳамчун яке аз роҳҳои истилоҳсозӣ”дар соҳаи тиб серистеъмол будан чунин роҳи истилоҳсозиро таъкид намудааст: “Дар истилоҳоти тиббӣ низ миқдори муайяни калимаҳои аслан форсии тоҷикӣ зери таъсири калимаҳои лотинию юнонӣ ва арабӣ ба маънои нав соҳиб шуданд. Истилоҳоти тиббии пешобшиносии – *идрор, пешоб, кӯмакхарҷии донишҷӯён, мушак (мыщцы), мушаки ҳавоӣ, ...* ва монанди онҳо аз қабили чунин калкаҳо мебошанд . Бояд гуфт, ки 10 % истилоҳоти пешобшиносӣ бо ҳамин роҳ сохта шудаанд “[90, 66].

Ин амри воқеист, ки дар истилоҳсозии тамоми соҳаҳо ба мушоҳида мерасад.

Ш. Ҳаитова дар мақолааш “Ташаккул ва таҳаввули низоми истилоҳоти тиббӣ дар “Захираи Хоразмшоҳӣ”-и Муҳаммад Исмоили Ҷузҷонӣ” роҷеъ ба корбурд, шарҳу тафсири истилоҳоти тиббӣ дар ин асари тиббӣ ибРозӣ назар намудааст. Муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, ки “услуби нигориши истилоҳоти тиббӣ ба “Захираи Хоразмшоҳӣ” хос буда, Ҷурҷонӣ ҳангоми кушодани мазмуну муҳтавои истилоҳоти тиббӣ тамоми ҷузъиёти онро тавсиф намудааст, ки он метавонад барои пизишкон ва донишомӯзони соҳаи тиб муфид ва манфиатовар бошад [95, 23].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми осори ба тибб бахшидаи донишмандони асримиёнагӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар бораи беморӣ, нишонаҳои он маълумоти пурра дода шуда, роҳу усулҳои ташхис ва табобат бо тамоми ҷузъиёташ тавсиф карда мешаванд. Ин ҳодисаро дар шарҳи бемориҳои “Тибби Мансурӣ” мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, дар порчаи матни зерин ҳам номи беморӣ, ҳам нишонаҳои он ва роҳҳои пешгирии он тавсиф шудааст. Закариёи Розӣ қайд мекунад, ки пайваста сармохӯрӣ ва зуком сабаби **бемории сил, тангии нафас ва бемориҳои шуш** мегардад ва бояд он пешгирӣ карда шавад. Дар ҳолати арақ бадбӯ бошад ва таб афзоиш ёфта бошад, зардобро аз тан равон кардан мумкин аст, то бемори шифо ёбад.

Рисолаи илмии Н. А. Ҳусанбоев “Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов” [101,2023] кори тозанашре дар ин самт ба ҳисоб меравад. Рисолаи азкур дорои се боб буда, дар боби аввал “Масъалаҳои назариявию амалии истилоҳнигорӣ ва хусусияти сохтории истилоҳоти тиббии суннатии тоҷик” ба масъалаҳои омӯзиши истилоҳнигорӣ дар забоншиносии тоҷик, маълумот дар бораи осори Ҳ. Зоҳидов, хусусияти сохтории луғати тиббии “Канзи шифо”, “Хазинаи тибби қадим” усулҳои истилоҳсозӣ таваҷҷуҳ намуда, онҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар боби дуюми рисола “Таснифоти истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим” аз рӯйи маъно” истилоҳоти ҷамъовардашударо аз лиҳози мавзуъ гурӯҳбандӣ шуда, таҳқиқ гардидаанд. Боби сеюм “Истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим” аз ҷиҳати бароmад” ном дошта, истилоҳоти тиббии асари мавриди назарро ба истилоҳоти тиббии арабӣ, юнонӣ, туркӣ, суриёнӣ, ҳиндӣ ва муарраби тоҷикӣ гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Як хусусияти бартарии ин пажуҳиш  аз  дигар пажуҳишҳо дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми аз ҷиҳати баромад таҳлил намудани истилоҳоти тиббӣ, ба вазъи маъноӣ ва мавзуии он аҳамияти махсус дода мешавад.

Як қисми муҳимми пажуҳишҳои дар ин самт ба анҷомрасидаро таҳлили муқоисавӣ ташкил мекунад. Аз ҷумлаи ин пажуҳишҳо таҳқиқоти Т. А. Назаров мебошад, ки  ба мавзуи муқоисавии истилоҳоти  даҳонпизишкӣ “Вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти даҳонпизишкӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ” бахшида шудааст. Ин рисола аз се боб иборат буда, боби аввал ба масъалаҳои омӯзиши адабиёти  назариявии марбут ба истилоҳот, омӯзиши истилоҳоти даҳонпизишкӣ дар забонҳои муқоисашаванда ва ғайра бахшида шудааст [64]  .

Боби дуюм “Вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва таснифоти мавзуии истилоҳоти даҳопизишкӣ”  ном дошта, муҳаққиқ истилоҳоти ин соҳаро ба чунин навъҳо тасниф намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст: истилоҳоти анатомӣ, истилоҳоти физиологӣ, истилоҳоти дорои нишонаҳои клиникии беморӣ, истилоҳоти ифодагари номи бемориҳои дандон, истилоҳоти марбут ба раванди табобат ва ташхис дар соҳаи даҳонпизишкӣ, номгӯйи истилоҳоти таҷҳизоти даҳонпизишкӣ, истилоҳоти дорувори ва ғ .  Муҳаққиқ дар ин боб доир ба  хусусияти синонимӣ, антонимӣ, полисемияи  истилоҳоти даҳонпизишкӣ ибРозӣ андеша намудааст.

Зикр намудан бомаврид аст, ки истилоҳоти як соҳа дар чанд забон муродиф шуда метавонад, аммо хусусияти антонимӣ ва сермаъноӣ хоси истилоҳот нест. Истилоҳот сермаъноӣ, муродифшавиро намепазирад ва дар чунин ҳолат маънои истилоҳии мафҳум суст мешавад.

Боби сеюм ба таҳлили сохтории истилоҳоти даҳонпизишкӣ дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудааст.

Аз омӯзишу таҳлили адабиёт ва рисолаҳои илмии ба соҳаи тиб бахшидашуда бармеояд, ки ҳанӯз дар ин самт корҳои илмӣ кам анҷом дода шуда, ниёз ба пажуҳишҳои илмии то ҳол вуҷуд дорад.

## 1.1. Саҳми Закариёи Розӣ дар ташаккули истилоҳоти илмӣ

Олими маъруфи тиб ва кимиё Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ дар солҳои 865-925 ҳаёт ба сар бурдааст. Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар ташаккули илмҳои фалсафа, тиб, ситорашиносӣ, физика, кимиё ва илмҳои дигар хизматҳои сазовор намуда, аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ мондааст.

Дар бораи шаъну шуҳрат, мавқеъ ва мартабаи Муҳаммад Закариёи Розӣ дар илми пизишкӣ донишманди эронӣ Алиасғари Ҳалабӣ баҳои воқеӣ ва арзандаеро баён намудааст: “*Пизишкӣ набуд, онро Буқрот ба вуҷуд овард, пизишкӣ мурда буд, онро Ҷолинус зинда кард, пизишкӣ пароканда буд, онро Закариёи Розӣ фароҳам овард, пизишки ноқис буд, онро Бӯалии Сино комил кард* ”.

Муҳаммад Закариёи Розӣ, бахусус, дар илми тиб муваффақ гардида буд, ки донишмандони олам осори тиббии ӯро эътироф намуда, дар таълими мутахассисони соҳаи тиб дар Аврупо истифода мекарданд.

Муаллифи китоби “Зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ” А. Комилӣ номгӯйи таълифоти ин донишмандро 300 адад зикр кардааст.

А. Девонақулов дар сарсухани “Мунтахаби осор” -и Закариёи Розӣ фаъолияти тиббии ин донишмандро чунин арзёбӣ намудааст: “*Закариёи Розӣ яке аз он сарварони илми тибби асримиёнагист, ки бо саъю кӯшиши он тибби парокандаву мушавваши юнонӣ ба як тартиби муайяне дохил карда мешавад. Ғайр аз ин, саҳми Закариёи Розӣ дар бобати илми тибро аз назария берун овардан, илми тибби амалиро дар ҳаёт бунёд намудан;*

*сохтани доруҳо мувофиқи табиати узвҳои инсон ва ниҳоят илми тибро ба илми мададгору малҳами дарду ҷароҳати халқ табдил додан бузург мебошад”* [11, с. 13-14].

Муҳаққиқ Абдилбаев Манас дар мақолааш “Целостная медицина Ар-Розӣ ” таълимоти тиббии Закариёи Розӣро эътироф намуда, бар он назар аст, ки тибби классикӣ барои табобати бемориҳо натиҷаи ниҳоят хуб дода метавонад. Ӯ қайд мекунад, ки Закариёи Розӣ аз дониши пизишкӣ ва назариявии ҳиндӣ, юнони, суриёнӣ, арабӣ хуб огоҳ буд ва дар осори тиббиаш “Всеобъемлющая книга по медицине” таърифи бемориҳоро оварда, роҳҳои табобати онро нишон додааст [70, с. 26].

Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ асосан дар ду бахши илм -тиб ва химия хизмати арзандае намуда, барои аҳли башар мероси гаронарзише боқӣ гузоштааст. Ин донишманд дар соҳаи тибби амалӣ ва назариявӣ асарҳои зиёде навишта, тибро аз ҷиҳати амалӣ ташаккул дод. Чунин асарҳои ба соҳаи илми тиб бахшидаи Закариёи Розӣ дар тибби ҷаҳонӣ беназиранд: “Ат-тиббу-р-рӯҳонӣ”, ”Ат-тиббу-л-муллуки”, “Ат-тиббу-л-фуқаро”, “Китобу-л-ҳовӣ” (ё “ал-ҷомеъу-л-кабир” дар 30 ҷилд (дар тибб), “Китотобу-т-тибби-л-Мансурӣ” (дар 10 ҷилд), “Ал-қавл фӣ-л-ҳайюло”, “Мин лояҳзараҳу-т-табиб”, “Ал-фохир фӣ-т-тибб”, “Дафъи мазоррул-ағзия”, “Ал-фусул фӣ-т-тиббӣ” (маъруф ба “Муршиди Закариёи Розӣ”).

Асарҳои тиббии ӯ «Ал-ҳовӣ» ва «Тибби Мансурӣ» дар баробари асари «Ал-қонун»-и Абуалӣ ибни Сино асрҳои аср дастури табибони Шарқу Ғарб буданд ва имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд. Мероси илмии ин донишманди энсиклопедистро 184 адад зикр намуда, «Ал-ҳовӣ» ва «Китоби тиббии Мансур»-иро муҳимтарин донистаанд.

Абубакри Розӣ доир ба бемориҳои сирояткунанда асареро бо номи “Китоби нағзак ва сурхак ” таълиф намуд, ки барои инкишофи

таълимоти бемориҳои сироятӣ дар педиатрия аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад. Ин донишманд фарқи нағзакро аз сурхак муайян намуда, онҳоро аз бемории табларза ҷудо мекунад.

Ин донишманд аз илми тибби шарқу ғарб хуб огоҳ буда, роҳу усулҳои нави табобатро пешниҳод намудааст. Масалан, Абубакри Розӣ барои пешгирии бемории нағзак эмкуниро ба кор мебурд.

Табиби нуктасанҷ роҳҳои пешгирии бемории нағзакро муайян намуда, роҳи обилакорӣ ва ё эмкуниро бар зидди нағзак пешниҳод намудааст. Дар таърихи тиб асосгузори обилакории нағзак ба номи табиби англис Эдуард Ҷеннер шинохта шудааст (соли 1796 ), пас аз ҳазор сол аз зиндагонии Закариёи Розӣ, ки дар ин маврид муаллифони китоби “Таърихи мухтасари тибби тоҷик” чунин андеша баён намудаанд: “*Дар таърих ҳақиқат дер ё зуд муайян ва муқаррар мегардад. Дар ҳамаи дастурҳои ҷаҳон(аз ҷумла дар энсиклопедияи калони тиббӣ ҳам) олими англис Эдуард Ҷеннер, ки соли 1796 нағзаки духтараки 8-сола Ҷенс Фийсро гӯё аввалин бор обилакӯбӣ карда бошад, асосгузори обилакӯбии нағзак دониста шудааст. Ба шарафи Ҷеннер нишони сари сина сикка зада, ба рӯяш “Ҷеннер” навишта буданд. Мардуми Лондон ӯро шаҳрванди фахрӣ хонда, ба вай дипломи бо алмоси суфта орошёфтаро тақдим кард. Вале асосгузори обилакӯбии нағзак донистани Абубакри ар-Розӣ аз рӯйи адолат аст. Ба худ тасаввур кардан муҳол аст, ки Ҷеннер аз асари ар-Розӣ шинос набошад”* [108, 53].

Дарвоқеъ, аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо Ҷеннер баъди мутолиаи китоби “Обила ва сурхакон” (ал-Фадри ва-л ҳасба) бо забони англисӣ ин пешниҳоди Закариёи Розӣро дар асри XVIII дар Аврупо барои раҳоии мардум аз вабои шадид амалӣ намуд.

Ар -Розӣ дар ин китоб доир ба тарзу усулҳои нигоҳубини кӯдаки бемор маълумоти муфассал пешниҳод намудаст.

Ин донишманд дар тибби амалӣ таҷрибаи хубе дошт, ки бори нахуст барои берун овардани ҷисмҳои бегона аз гулӯ ва ҷарроҳӣ намудан таҷзиҳотеро пешниҳод намуд.

Закариёи Розӣ дар китобаш “Ҳикмати тиб” ба масъалаҳои одобу ахлоқи табиб, муоширати табиб бо бемор, яъне деонтология ибРозӣ андеша намудааст, ки аҳаммияти калони тарбиявӣ дорад.

Яке аз хизматҳои бесобиқаи ин марди фозил дар таърихи инсоният ин аст, ки бори аввал дар Бағдод шифохона таъсис дод, ки муродифи «бемористон»-и забони тоҷикӣ мебошад. Дар ин бемористонҳо шуъбаҳои занона ва мардона амал мекарданд ва беморон дар алоҳидагӣ ба муоина ва табобат фаро гирифта шуда буданд. Инчунин, дар ин муассисаҳо баробари муолиҷа намудан табиби оянда таълим дода мешуданд.

Яке аз самтҳои фаъолияти Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣро илми кимиё ташкил медиҳад. Ӯ беҳтарин кимиёгар ва табиб буд, ки дар таърихи илми кимиё маводро ба чунин навъҳо ҷудо намуд: минералҳо, растаниҳо ва ҳайвонот. Аз рӯйи пешниҳодоти Закариёи Розӣ минералҳоро ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд: руҳ, спирт, маводди бухоршаванда, ҷисмҳо, сангҳо, сулфати мис — хока, бӯрак ва намакҳо. Хизмати дигари ин донишманд дар он аст, ки амалиёти химиявиро чунин тасниф намуд: обшавии ҷисмҳо, соф кардани чизе, қатра-қатра чаконидан, сахтшавӣ, булӯршавӣ ва ғайра.

### 1.4 “Тибби Мансурӣ “-и Закариёи Розӣ ҳамчун асари энсиклопедӣ

“Тибби Мансурӣ” аз бебаҳотарин осори тиббии Закариёи Розӣ буда, дар даҳ ҷилд бо забони арабӣ таълиф гардидааст. Ин китоб баъди XII қарн ба ба муносибати 1150 - солагии бузургдошти олим ва донишманди нотакрор Закариёи Розӣ, ки ба феҳристи санаҳои таърихии ЮНЕСКО дар солҳои 2016-2017 ворид карда шуда буд, ба забони тоҷикӣ

баргардон шуда, бори аввал бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи июни соли 2016 ба тавсиб расида, нашр гардид.

Ин китоби тахассусӣ дар Ғарб ҳамчун китоби дарсӣ дар донишгоҳҳои Аврупо дар баробари китобҳои Ибни Сино ва дигарон истифода мегардид. “Тибби Мансурӣ” аз ҷониби тарҷумон Ҷерард Кремонки ба забони лотинӣ баргардон шуда, он дар солҳои 1484, 1492, 1493, 1498, 1501, 1510, 1519 ва солҳои баъдӣ ба нашр расидааст.

Банду басти “Тибби Мансурӣ” аз дигар асарҳои Закариёи Розӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ин асар тибби назариявию амалӣ ба 10 гурӯҳ даврабандӣ шуда, мазмуну муҳтавои он ба хонанда дастрасу оммафаҳм аст:

Гуфтори якум аз 27 боб иборат буда, ба масъалаҳои қиёфа, анатомияи узвҳо, сохтори устухонҳои сару гардан, узвҳои ҷинсӣ бахшида шудааст. Гуфтори дуюм ба масъалаҳои мизоҷшиносӣ, гуфтори сеюм доир ба доруҳо, таъсир ва моҳияти доруҳо, ғизоҳо, гуфтори чорум бошад ба нигоҳдории тандурустӣ бахшида шудааст. Дар гуфтори панҷум доир ва пероиш ва ороиш сухан меравад. Гуфтори шашум нисбат ба дигар гуфторҳо васеътар буда, ба масоили мухталиф, аз қабили рафтору чорабиниҳои саҳеҳ дар мавриди гармӣ ва сардӣ, нигоҳубини дасту по, рӯй, чашм, муолиҷа ва ёрии таъҷилӣ ба шахсони гирифтори ин ҳолат бахшида шудааст.

Гуфтори ҳафтум дар кори шикастабандӣ ва боз кардани сари захму омосҳо ва беҳбудии захмҳо бахшида шуда, роҳу усулҳои табобат нишон дода шудааст.

Гуфтори ҳаштум доир ба заҳрҳо ва газидагии ҳашарот, роҳҳои пешгирӣ ва табобат, тарзи омода намудани дорувориҳо бахшида шудааст, ки имрӯз аҳамияти амалӣ доранд.

Гуфтори нуҳум доир ба бемориҳое, дар бадани одам падид меоянд, бахшида шудааст.

Гуфтори даҳум ба роҳу омилҳои асосии  пайдо шудани табҳо ва паёмадҳои пас аз он ва роҳҳои муоличаи абҳо бахшида шудааст, аз бахшҳои ҷудогона иборат аст.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як гуфтор аз чандин бахш иборат аст, дар он дар бораи бемориҳо, тарзи усули табобати онҳо, омода намудани дорувориҳо, марҳамҳо,  истифодаи гиёҳдармонӣ маълумоти мукаммал дода шудааст.

Як хусусияти хоси ин асар дар он зоҳир мегардад, ки аз лиҳози қиёфа, чашмон хислати одамон нишон дода шудааст.

Андарзу тавсияҳои ин донишманд ба табибон чунон буд, ки  бояд табиб тавонад бе дору, бо хӯрок беморро дармон намояд ва ин амали ӯ хушбахтист. Закариёи Розӣ бар он назар буд, ки табиб фикру андешаи беморро барои сиҳатӣ ёфтан водар намояд, ӯро умедвор созад, ки  шифо меёбад, ҳарчанд ки бемор ба ин боварӣ надорад. Табобат ёфтани бемор ба ҳолати руҳии вай сахт алоқаманд аст.

Закариёи  Розӣ барои хуб ба роҳ мондани фаъолияти тиббии худ услуби тозаеро интихоб намуд: Ӯ аз таҷрибаи пизишки юнонии худ баҳравар буд, он донишеро, ки аз лиҳози назариявӣ дошт,  аз озмоиш мегузашт,  интихоб менамуд ва дар мавриди аз  озмоиш нагузаштан, инкор менамуд.

Закариёи Розӣ аз табибон риояи муошироти тиббӣ, яъне деонтологияи тиббиро талаб мекард.  Барои табиб муошират бо бемор, муносибати онҳо аҳаммияти муҳим барои табобатро дорад. Илова бар ин, ӯ муошироти табиб бо бемор, яъне деонтологияи тиббиро дар мадди аввал гузошта, онро роҳи муҳимми раҳоӣ аз беморӣ медонад: “агар пизишк доно ва бемор фармонбардор бошад, бемор ба зудӣ сиҳат мешавад” [157, 441].

**Хулосаи боби якум**. Омӯзиш ва таҳлили адабиёти назариявӣ доир ба истилоҳот, шинохти истилоҳот, фарқи истилоҳот аз вожаҳои муқаррарии забон маълум гардид, ки дар ин самт то ҳанӯз гуногунандешӣ ҷой дорад.

Дар мавриди хусусиятҳои сермаъноӣ, муродифӣ, антонимӣ ва омонимии истилоҳот баҳс давом дорад. Бархе то ҳанӯз чунин хусусият доштани истилоҳотро дар пажуҳишҳояшон истифода намудаанд. Истилоҳот хусусияти сермаъноӣ, муродифӣ ва омонимиро намепазирад.

Инчунин то ҳанӯз вижагиҳои истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносии тоҷик пурра таҳқиқ нашудааст ва ниёз ба пажуҳишҳои нав дорад.

Осори тиббии ин донишманд, табиб, кимиёшинос месазад, ки дар фаъолияи табибон мавриди истифода гардад.

# БОБИ II. ВИЖАГИҲОИ МАЪНОӢ ВА СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ ДАР “ТИББИ МАНСУРӢ”-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

## 2.1. Матолиби муқаддимотӣ

Дар забоншиносии ватанӣ ва хориҷӣ роҷеъ ба калимасозӣ, роҳу воситаҳои калимасозӣ ҳамчун як омили асосӣ ва муҳимми ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардидааст. Дар ин самт шарқшиносон, олимону забоншиносон, аз ҷумла В.В. Виноградов, У. С. Кубрякова, Е. А. Земская, А. С. Пейсиков, Т. А. Чавчавадзе, Т. Д. Чехеидзе, забоншиносони ватанӣ С.Ализода, А. Фитрат, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Ф. Амонова, М. Муҳаммадиев , Д. Саймиддинов, М. Қосимова, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, С. Назарзода, М. Султонов, П. Нуров, С. Низомова, А. Амлоев ва дигарон муҳимтарин масъалаҳои калимасозӣ ва истилоҳсозиро баррасӣ намудаанд.

М. Қосимова калимаҳои сохтаро ба се навъ ҷудо намудааст:

“1. Калимаҳое, ки бо ёрии пешвандҳо сохта мешаванд: *андарёфта, бениёз, бархамида* ва ғ.

2. Калимаҳое, ки бо ёрии пасвандҳо сохта мешаванд: *сароянда, кадевар, офаридгор, палангина, санглох* ва ғ.

3. Калимаҳои сохтае, ки бо ёрии ду аффикс (вандҳо) ду роҳи калимасозиро аз сар гузаронидаанд: *доноӣ, беҳунарӣ, ҳунармандӣ* ва ғ “[34, 123-139].

Таҳқиқу баррасии истилоҳсозиву истилоҳофарӣ ва истилоҳгузинӣ яке аз бахшҳои муҳимми илми забоншиносӣ мебошанд. Истилоҳсозӣ муҳиммтарин роҳи такмилёбии истилоҳот ба шумор меравад. Дар сохтани истилоҳоти илмӣ усулҳои калимасозӣ фаровон истифода мегарданд.

Истилоҳсозӣ дар забони муосири тоҷикӣ, бахусус дар забони илм, дорои як қатор хусусиятҳо мебошад. Роҳу воситаҳои сохтани истилоҳҳои илмӣ дар замони муосир аз вожасозӣ ба куллӣ фарқ мекунанд ва ин

маъниро П. Нуров чунин маънидод мекунад: “*Азбаски истилоҳоти муосири илмӣ дар забони тоҷикӣ дар заминаи тарҷумаи адабиёти илмии русӣ поягузорӣ шуда, пеш меравад, бо таъсири забони русӣ дар забони тоҷикӣ дар сохтани истилоҳот қолабҳои наве пайдо шудаанд, ки пештар дида намешуданд. Чунончи, қолабҳои сохтаи истилоҳои мураккаби таркибӣ, фаъол гаштани қолабҳо бо ҷузъҳои зиддӣ-, ғайрӣ-, ҳам-, микро/макро ва чанди дигар ин нуктаро тасдиқ мекунад*” [70, 106].

Инчунин дар ин асар ба кадом забон мансуб будани ҷузъҳои ибора муайян карда шудааст.

Забоншинос дар сохтани истилоҳоти мураккаби физикӣ 19 қолаби истилоҳсозиро бо мисолҳо шарҳу тавзеҳ додааст. Ибораистилоҳҳоро бошад ба дутаркиба, сетаркиба, чандтаркиба ҷудо намуда, сипас дар доираи ҳиссаҳои нутқ баррасӣ менамояд.

А.Байзоев истилоҳоти илмии “Донишнома”-и Абуалӣ ибни Синоро аз ҷиҳати сохтор баррасӣ намуда, дар мавриди истилоҳибораҳо қайд мекунад, ки аксарияти ин навъи ибораҳо бо алоқаи изофӣ сохта шуда, аз лиҳози ҷузъҳо дутаркиба ва сертаркиб мешаванд. Мавсуф таъкид мекунад, ки истилоҳоти сертаркибаи “Донишнома” миқдоран кам бошад ҳам, ба хубӣ нишон медиҳад, ки пайдоиши онҳо таърихи дуру дарозестро дорост [7, 48].

С. Назарзода таърихи луғатсозӣ ва истилоҳофаринии забони форсии тоҷикиро шартан ба се давра гурӯҳбандӣ намудааст [61, 81-140]. Забоншинос усулҳои луғатсозиву истилоҳофриниро дар ин давраҳо ба ҳафт услуб тасниф намуда, услуби ҳафтумро чунин шарҳ медиҳад: “*Калимасозӣ ва истилоҳофаринӣ аз тариқи иштиқоқ. Ин шева низ яке аз густурдатарин роҳи луғатофаринӣ мебошад ва ҳоло ҳам васеъ ба кор бурда мешавад. Нахустин нависандагону мутарҷимин агар аз роҳҳои дигар*

*муваффақ нашуданд, луғат ва истилоҳоти зарурро бо ин восита сохтанд: омехтан, омезанда, омезиш... ва ғ.*” [61, 81-140].

Мирзо Ҳасани Султон дар офаридани истилоҳоти илмии тоҷик усули панҷгонаро ҷойиз дониста, дар асоси ин усулҳо бунёд гардидани истилоҳоти миллиро бо далелҳо нишон додааст: “Истилоҳоти тиббии тоҷикӣ ба мисли истилоҳоти илмҳои дигар бо усули панҷгона ташаккул ёфта, роҳи такмилу такомул пайдо намудааст:

1. Истифода аз вожагону истилоҳоти мустаъмали забон: *пизишкӣ-биҷишкӣ* [51,11:20], *беморӣ* [51,11:20], *зуфон* [51,11:21], *устухон* [51,11:25], [51,11:25].
2. Маънии истилоҳӣ додан ба калимоту вожагони мустаъмали давраи аввал: *пешоб* [51,5:186], *об* (*нуфта, манӣ), оби пушт нуфта, манӣ* [51,11:44], *хориш* (номи беморӣ) [51,11:44],
3. Сохтани истилоҳоти нави тиббӣ бо истифода аз имконоти дохилизабонӣ ва унсурҳои иқтибосӣ: *буновар* [51,,20:19], табгир [51,20:20], заҳистон [51,20:11], *барсом* [51,11:117], *сарсом* [51,11:67].....
4. Фароҳамоии истилоҳоти тиббӣ тавассути тарҷумаи истилоҳоти тиббӣ аз забонҳои дигар: *хук* (навъи беморӣ, тарҷумаи ханозир аз арабӣ) [51,20:13], *рагҳои ноҷаҳанда* (алъурук ғайру-з-завориб) “[51,5:63]...

Иқтибос гирифтани истилоҳоти тиббӣ аз забонҳои дигар . Ёдовар бояд шуд, ки аксари истилоҳоти иқтибосии тиббии осори давраи аввал аз забони арабӣ ва юнонӣ сурат гирифтааст: а) истилоҳоти иқтибосии юнонӣ, ки аксаран гунаи муарраби онҳо истифода шудаст: *амирусиё, анисун*, *афсинтин* , *афюн* [54, 23-25]; б) истилоҳоти иқтибосии арабӣ: *судоъ* [54,5:218], *назла* [54,5:268], *хадар* [54,5:264], *авромy-л-меъда* [54,5:349], *ҷӯъу-л-бақар* [54,5:370], *ваҷъу-л-аснон* [54,5:296] ва ғ.

Бо мақсади дақиқ муайян намудани сохтори истилоҳоти тиббии асари мавриди таҳқиқ саъюу кӯшиш намудем, ки маводди

гировардашударо аз лиҳози сохтор табақабандӣ намуда, таҳлил ва баррасӣ намоем.

Истилоҳоти тиббии "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣро бо такя ба таснифоти илмии донишмандони соҳаи истилоҳот, ба сода, сохта, мураккаб, таркибӣ ва ибораистилоҳҳо даврабандӣ намудан мумкин аст.

## 2.2. Сохтори истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ

### 2.2.1. Истилоҳоти сода.

Қобили тазаккур аст, ки калимаҳои решагӣ ва ё сода асоси бунёди вожаофарӣ ба шумор меравaнд. Онҳо барандаи маънои луғавии калима, қисми марказии он мебошанд ва сарчашмаи асосии бунёди калимаҳои нав мегарданд.Истилоҳоти сода вожаҳое мебошанд, ки дар заминаи калимаҳои маъмули забон ба миён омада, ба сифати истилоҳоти илмии ин ё он бахши илм хизмат мекунанд. А. Байзоев истилоҳшавии калимаҳоро "ҳодисаи забонӣ" номида, таъкид мекунад, ки истилоҳшавии калимаҳо ҳамчун падидаи забонӣ ба ҷараёни калимасозӣ бештар наздик аст, ки онҳо бояд дар бахши калимасозӣ омӯхта шаванд" [7, 27].

Истилоҳоти содаи тиббӣ дар асари мавриди назар мавқеи хоса дошта, онҳоро аз лиҳози маъно ва мазмун ба чунин гурӯҳҳо тасниф кардан мувофиқи мақсад аст:

1. **Истилоҳоти содае, ки номи узвҳои инсонро ифода мекунанд:**

а) Истилоҳҳоти ифодакунандаи номи узвҳои дохилӣ (дарунӣ). Ин навъи истилоҳоти сода дар "Тибби Мансурӣ" серистеъмоланд: *дандон* [157,19], [157,18], *забон* [157,18], *гулӯ* [157,18], *шуш* [157,18, 28,99], *ғуддаҳо* [157,103], *ҷигар* [157,18;25; 29; 56], *шикамба* [157,18], *гурда* [157,18], *раг* [157,18; 25], *хун* [157,21], *сипурз* [157,21; 56], *рӯда* [157,22; 59; 60; 243], *мағз* [157,22], *дил* [157,24;28], *устухон* [157,24], *шона* [157,25], *пизӣ* (маъқад), *масона* [157,12] - "пешобдон, шошадон, хичак, халтачаи бавл, обдон- Vesica urinaria [134,559] ва ғ. Ба гурӯҳи андомҳои ёридиҳандаи

кумаккунандаи танаффусӣ Закариёи Розӣ **дил**, сурхрагҳо, **сина**, **шушро** шомил донистааст. Инчунин дастгоҳи ҳис, ҳаракат ва андешидан, дарбаргирандаи **мағз, нухоъ, пайҳо**, моҳичаҳо, **ватарҳо**, зардпайҳо аз қабили узвҳое мебошанд, ки дар анҷоми корҳои ҳиссӣ, ҳаракатӣ ва фикрӣ фаъол мебошанд.

Закариёи Розӣ ҳангоми корбурди истилоҳоти содаи ифодакунандаи узвҳои инсон ҳар як ин навъи истилоҳотро мушаххас шарду эзоҳ медиҳад. Дар организми инсон ин узвҳои чӣ гуна ҷойгир шудаанд, кадом вазифаро иҷро мекунанд, бо кадом узвҳо алоқаманданд, тавсиф намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки д***аҳон*** ба ду канал ворид мешавад, ки ба андешаи колбадшиносон онро «ной» ва дигареро, ки дар пушти он ва рӯйи муҳраҳои гардан ҷойгир аст, «марӣ» номанд, вазифаи он аст, ки аз он хӯрок ва ошомиданиҳо мегузарад ва ной макони ҳавои танаффусӣ мебоашад.

б) **Истилоҳҳоти ифодакунандаи номи узвҳои беруна. Закариёи Розӣ дар ин бахш 26 истилоҳотро оварда, ҷойгоҳи онҳоро дар организми инсон нишон додааст. :** ***п****илк* [157,79], *зону* [157,145] *симо, чеҳра* [157,84], *гӯш* [157,16], *риш* [157,89], *хоя* [157,16;25], *пистон* [157,16], *лаб* [157,16], *даст* [157,16], *чашм* [157,16, 18], *пой* [157,16, ], *бинӣ* [157,18], *қиёфа* [157,63], *рон* [157,18], *по* [157,18], *сар* [157,24], *сина* [157,25,99] , *оринҷ* [157,25], *ангуштон* [157,26], *миён* [157,31], *гардан* [157,13], *соқ* [157,13], *ланбар* [157,13], *нохун* [157,15] ва ғ. *Он чи кундии* ***дандонҳоро*** *аз миён мебарад; поксозии* ***гӯш*** *аз ҷирмҳо; он чи арақи зери бағалро аз миён мебарад; он чи аз арақи* ***по*** *ҷилавгирӣ мекунад; он чи бӯи арақи танро хӯшбӯ мекунад; он чи бӯи бади пешоб ва даҳонро мебарад; ҷилавгирӣ аз бадбӯ шудани лошаи мурда ва гандидани он; он чи аз зуд бузург шудани* ***хояи*** *навҷавонон ва* ***пистони*** *духтаракон ҷилавгирӣ мекунад; он чи нохунҳоро баднамо ва зишт мекунад; он чи ангезаи тараки* ***лаб****, рухсора ва пушти* ***даст*** *мешавад; омос ва хориши* ***ангуштон*** *дар поиз ва зимистон; он чи танро шодоб мекунад”* [157,15].

в) истилоҳоти содае, ки имрӯз дар ин шакл истифода намешаванд ва аксарият калимаҳои иқтибосӣ мебошанд: *аъвар* - дар тибби ниёгонамон маънояш якчашма гуфтан буда, дар тиб ба ду маънӣ меояд*: "*1. *кӯррӯда, ки бо номҳои «рӯдаи кӯр», «рӯдаи васатӣ», «рӯдагони миёнгин» ва «рӯдаи чаҳорум» низ маъруф аст. Intestinum caecum; 2. «сӯрохи устухони сангӣ»"* [135,52, 182]; *аъсоб* [157,108] - ҷамъи асаб*; сифт* [157,102], *бавоб* [157,53] - баромадгоҳи меъда, ҳоҷиби меъда. Pylorus ventriculi [135,186]; *барсом* [157,106] - "илтиҳоби ҳиҷоб, пардаҳо ва мушакҳои синаву паҳлӯҳо ва ба маънои дигар "плеврит" [135, 47]*, бузоқ* [157, 48] - оби даҳон, луоб, *бузоқ* [157, 48] - оби даҳон, луоб**,** *булуғ* [157, 72] - расиш ба камол, синни балоғат [135, 239], *бандҳо* [157, 87] - "фосилаи миёни ду узви бадан" [135, 194], *ватар* [157,, 30 35] – "зардпай, зеҳ, "навъе аз андоми сода ва мурод аз он бандҳои аз гӯшаҳои мушакҳо рӯидаи паймонанд мебошад. Tendo" [135, 253], *вадаҷӣ* [157,45] - шоҳраг, раги гардан [135, 245], *ғузруфтҳо* [157, 35;75] - "узвест нармтар аз устухон ва сахттар аз най, тағояк, куркурак*, диафрагм"* [135, 42] - "девори байни синаву шикам, чодари байни қафаси синаву шикам - Diaphragma, phren" [135, 351] , *данд// данда* [157,87] – "устухони паҳлу, қабурға" [135, 324], *думал* [157,106] – "фосид шудани бофтаҳо ва ҷамъ шудани чирк дар ягон қисми бадан; ҷароҳате, ки рӯяш баста ва андарунаш чирк бошад, думбал, дунбал, маддахона, чиркхона- Abscessus" [134, *378*], *занд* [157,35] – "тибби қадим маънои лафзии ин чӯби чахмоқ аст, вале дар истилоҳ мурод аз он исми ҷинси ду устухони соид мебошад" [135, 389]*, зибриҳо* [157,106], *кафал* [157,87] *"сурин", қулинҷ* [157,102] – "тибби қадим ба маънии қуланҷ аст ва он бодест, ки ба сабаби он шикам ва паҳлу дард кунад ва бими ҳалокат бошад" [134, 520], *қулуфт* [157,88] – "ғафс, фарбеҳ, дурушт, дағал; 2. зишт, баднамо (дар бораи одам)" [135, 521], *кунт* [157, 240], *куланҷ* [157,109] – "ба маънии қуланҷ аст ва он бодест, ки ба сабаби он шикам ва паҳлу дард кунад ва бими ҳалокат

бошад” [135, 520], *лоя* [157,47], *маҳбал* – “даҳани фарҷ, даромадгоҳи раҳм, остини бачадон. Vagina; 2. ниём, ғилоф. Vagina.”[135, 604], *машимия* [157,47] - бачадон, ёрак, ҳамроҳак, кисаи ҷанин, обпарда, Placenta; 2. зиреҳбофт, яъне яке аз пардаҳои мағз, ки ба тариқи ташбеҳ бо машимаи ҷанин онро «машима» низ гӯянд, Arachnoidea” [135, 605], *маоқ* [157,80], *муч* [157,34] – “муштак, ғуррӣ, шитоланг, банд, банди устухони найчашакл. Condylus” [135, 682], *марӣ* [157,30;52] – “қисме лаҳмист ба сурати рӯда андаруни гулӯ, ки роҳи обу таом аст, марӣ, сурхрӯда” [135, 596], *сифт* [157,72], *нухоъ* [157,26] – “моддаи сафедранг, ки дар даруни аррапушт ҷойгир аст; мағзи ҳаром, ҳароммағз” [135, 729], *ҷиноғ* [157,34], *тосӣ* [157,36] –“ калӣ, качалӣ, тоссарӣ, кал шудан, рехтани мӯ, одамсарӣ – Decalvatio” [134,310] , *соид* [157,36], *усайлам* [157,44] – “рагест дар миёни ангушти кӯчак ва ангушти беноми даст, ки аз он хун мегиранд” [135, 343], *ниём* [157,45;73]- “мушакпарда, паи сербар, пардаи бофтаи пайвандие, ки мушакҳоро рӯпӯш мекунад. Fascia” [135, 713], *риботҳо* [157,75] - “танобаку бандакҳое, ки ба воситаи онҳо узвҳо ба ҳар ҷиҳат кашида мешаванд” [134,143], *савдоъ* [157,75] - миёнаи дил, *сулбия* [157,48] – “байзаи чашм, сафедпардаи чашм, ғишои байзаӣ, пардаи сафеди чашм- Sclera” [134,251], *симох* [157,48] 2 сӯрохи гӯш, маҷрои гӯши хориҷӣ, роҳи берунии сомеа. Meatus acusticis externus2 [134,199], *ҷиноғ* [157,50], *сифоқ* [157,62] – “ба маънои васеъ ҳама гуна парда; 2. шикампарда, зардобпардае, ки абраи он сатҳи даруни шикам ва қисман устухони кос, астари он бошад, узвҳои даруни шикамро мепӯшад. Peritoneum” [134,219], *юбусат* [157,70], *ситабр* [157,72, 87] – “ғафс, кулуфт, ҷасим, калон, тануманд, калонҷусса, захим; 2. дурушт, дағал. Massivus “[134, 214], *ҳуфраҳо* [157,76], *лиса* [157,76], тиҳол [157,99] – “испурч, сипурз, супурз, сиёҳлабак” [157, 303], *исфиноч* [157,100] - сафеда, *кимус* [157,102], *фатӣ* [157,103] - ҷавон, барно, *помаде* (маъҷуне) [157,106], *шиёф* [157,243] - чанд доруе, ки сиришта дар чашм ё узви дигар мегузоранд.

Дар тибби муосир ба маънии суппозиторӣ аст, ки давои шамъчамонанд буда, онро дар маҳбал ва мақъад дохил мекунанд, шамъак. Suppositorium [134, 557].

*2.* **Истилоҳоти содае, ки номи бемориҳо, ҳолати табиӣ ва ғайритабиии баданро ифода мекунанд:** *ханозир* [157,45], *саратон* [157,16], *бавосир* [157,79, 80], *хафақон*[157,6], *осеб* [157,24], *ярқон* [157,60], *ҷузом* [157,60] *молухулиё* [157,60], *бемор* [157,64], *зуком* [157,69], *ҳавос* [157,76], *пес (барас*) [157,77, 79], *салъа* [157,47] , *захм* [157,16, 80], *фишор* [157,80], *ханозир* [157,80], *сил* [157,80], *фалаҷ* [157,80;185], *сурфа* [157,81], *девона, оҷул* [157,81], *омос* [157,90] , *зуком* [157,194], *таб* [157,12], *сиётик* [157,19], *набз* [157,20], *балғам* [157,20;75], *вожун* [157,242], *тарсу* [157,69], *нарм* [157,70], *аҷул* [157,70], *сард* [157,71, 73] , *сӯзон* [157,77], *гол* [157,77], *кунд* [157,80] , *доҳис (ақрабак)* [157,16], *қулинҷ* [157,19], *никрис* [157,19], *хушк* [157,69], *бузоқ* [157,21, 77], *лӯдагӣ* [157,86], *лоғар* [157,87], *заиф*[157,87], *оеб* [157,99], *сакта* [157,109], *аъсоб*[157,184, 225], *рамад* [157,195], *таб* [157,191], *лақӣ (пӯсидагӣ)* [157,*80], зирак* [157,82], *азивут* [157,243], *бод* [157,106], *гол* [157,107], *хориш,* [157,121, 195], *қубо*[157,79], *фалаҷ* [157,109] , *вабо* [157,195], *сакта* [157,246], *омос* [157,251], *лахт* [157,88], *чарбиҳо* [157,90], *ташануҷ* [157,109], *ласса* [157,192] , *никрис* [157,195], *қубо* [157,223], *барас* [157,224], *казоз* [157,246], *ҳарос* [157,246], *ҳиҷомат* [157,78], *сард* [157,103], *думмал* [157,163, 186], *ҷӯш, дамл* [157,76], *пехол* [157,181], *сарсом* [157,186], *ҷузом* [157,186], *ҷаззом* [157,195], *тоун* [157,195], *курк* [157,196], *лоғар* [157,70], *фарбеҳ* [157,191], *чолок* [157,70], *танбал* [157,69], *лоғар* [157,169], *кулуфт* [157,215], *ҳасба* [157,195] - *бемории сурхак, саъф [157,*215].

Як хусусияти корбури истилоҳоти содаи тиббии ифодакунандаи номи бемориҳо, ҳолати табиӣ ва ғайритабиии бадан дар он аст, ки имрӯз дар ин қолаб истифода намешаванд. Мо зарур донистем, ки баъзе аз истилоҳоти мазкурро шарҳ диҳем:

*Бавосир* - донаест, ки бар рагҳои мақъад аз хуни ғализ ҳосил мегардад. Haemorrhoe [134, 185].

*Хафақон//хафқон* - дар тибби қадим тапидани дил, буғма, зиқи дил, диқи дил -Stenocardia-ро ифода менамуд [156, 396].

“*Сарсом* - бемориест, ки аз илтиҳоби майна пайдо шуда, дар бисёр мавридҳо ба ихтилоли он, ба ошуфтагӣ ва парешонҳавосӣ сабаб мегардад, менингит, Meningitis “[134, 175]. Закариёи Розӣ бар он назар аст, ки агар дар бемории сарсом даҳони бемор кaҷ шуда бошад ва сиҳат нашавад, парешонҳолӣ ва беҳудагӯйӣ бар бемор боқӣ мемонад, ки он яке аз нишонаи марг буда, ин ҳолат мушоҳида намегардад, пас аломати сиҳатёбӣ аст.

*Пехол* - чирки гӯшаи чашм, рамас [134,48]. Ба андешаи ин донишманд нигоҳдошти **пехол**, боди шикамравишии хунӣ, қуланчи бадҳим ва гум шудани иштиҳо боиси табоҳии хӯрок дар шикам мегардад. Инчунин Закариёи Розӣ таъкид мекунад, ки бахше аз **пехол** ва пешобро нигоҳ доштан барои инсон зараровар мебошад.

***Думмал*** ин фосидшавии бофтаҳо ва ҷамъ шудани чирку рим дар ягон узви бадан, яъне ҷароҳате, ки рӯяш маҳкам ва дар даруни он чирку рим бошад. “Думмал- думбал, дунбал, маддахона, чиркхона - Abscessus” [134,379]. Закариёи Розӣ сабаби пайдоиши омос ва думмалҳои чиркинро дар пурхӯрӣ накарданд, медонад.

***Ханозир*** - бемории ғадуди гардану гулӯ, хукак [134, 393]. Закариёи Розӣ бар он назар аст, ки агар тухми харбузаи пӯсткандаву шакарро бемор бихӯрад, дастгоҳи пешоби бемор тоза гардида, дар онҳо санг пайдо намешавад, агар инсон аз пурхӯрӣ, яъне зиёд хӯрдан даст кашад, ба бемории **ханозир** (омоси ғадуди линфи гардан) гирифтор нагардад.

3. **Истилоҳоти содае, ки номи растаниҳо ва доруворихоро ифода мекунанд.** Ин навъи истилоҳоти содаро аз рӯйи дараҷаи истеъмол ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) **истилоҳоте, ки дар забони имрӯзаи тоҷик истифода мебошанд**: *ангур* [157,94], *анбар* [157,134], *арзан* [157,101], *анҷир* [157,94;95], *анор* [157,252], *банг* [157,143], *бобуна* [157,134], *бодом* [157,99], *биринҷ* [157,101], *биҳӣ* [157,132], *боқолӣ* [157,96], *бобуна* [157,134; 160], *бед* [157,134], *гандум* [157,95; 102], *гашниз* [157,124], *ғӯра* [157,252], *ёсамин* [157,134], *зира* [157,93], *зайтун* [157,96, 100], *зуфт* [157,161], *зуфо* [157,146], *занҷабил* [157,145], *испанд* [157,147], *кабар* [157,93], *кунҷид* [157,95; 100; 133], каду [157, 96; 100], *кофур* [157,196, 197, 134], *кукнор* [157,132], *лубиё* [157,96, 100], *мушк* [157,197], *мавиз* [157,130], *мавизаҷ* [157,225], *мушк* [157,134], *марворид* [157,192], *қаранфул* [157,134], *мум* [157,228], *мӯмиё* [157,150], *нон* [157,94], *нишоста* [157,105], *нилуфар* [157,134], *нахӯд* [157,95, 96], *насрин* [157,134], *нарҷис* [157,134], *нафт* [157,151], *навшодир* [157,194], *олу* [157,132], *пудина* [157,93], *пиёз* [157,95], *писта* [157,99], *панир* [157,95], *ревос* [157,132], *сирка* [157,94], *сир* [157,95, 99], *сирка* [157,94], *себ* [157,102], *сабӯс* [157,106], *савсан* [157,134], *садаф* [157,159], *хурмо* [157,95], *себ* [157,252], *собун* [157,154], *сабр* [157,154], *сунбул* [157,152], *тут* [157,100], *турб* [157,95], *хурмо* [157,99], *ҳино* [157,147, 214], *шароб* [157,95], *шакар* [157,102], *шапуш* [157,228], *шилм* [157,155], *ҷав* [157,96, 102], *чинор (дулб)* [157,134].

*Пудина//Пудана* гиёҳи бисёрсолаи шифоҳӣ буда, хушбӯй мебошад. Онро дар тибби мардумӣ ҳамчун оромкунандаи асаб ба кор мебаранд. Имрӯз низ пудинаи обӣ ва даштӣ мавҷуданд, ки онҳоро барои хушбӯй намудани таом низ истифода мекунанд. Пудина навъҳои гуногун дорад. Абуалӣ ибни Сино пудинаи даштиро барои рафъи камиштиҳоӣ, нотавонии меъда ва ҳуқна муфид медонад. Инчунин тавсия медиҳад, ки пудинаро бо анҷир истеъмол кунанд, бемории обхӯраро шифо бахшад. Агар ҷӯшобаи пудинаро истеъмол кунанд пешобро битезонад, ба печиши

ноф ва ҳайз нафъ кунад. Агар пудинаро биошоманд ва ё зимод кунанд, аз ҳашароти газанда эмин мемонанд.

Закариёи Розӣ пудинаро ба гурӯҳи гиёҳҳои мизоҷаш гарм шомил дониста, роҷеъ ба хусусияти давоии пудина маълумот додааст. Пудинаи кӯҳӣ хусусияти гарм ва хушк дошта, хӯрокро гуворо мекунад, иштиҳоро зиёд мекунад ва хусусияти бодшиканӣ дорад. Инчунин барои тангии нафас ва сахтии пешоб кардан муфид мебошад ва хусусияти дигари он барангезандаи неруи ҷинсӣ мебошад.

*"Ревос // ревоҷ* -гиёҳи туршмаззаи хушхӯр ва гуворо, ки баргҳои калон-калон дорад ва дар кӯҳҳо мерӯяд, соқаи пуроби нордонаш хӯрданист: ребос, ревоҷ, чукурӣ . Rheum maximoviczii" [134,381]. Ин растаниро дар кишвари мо бо ду вожа ревоҷ/чукрӣ ном мебаранд ва истеъмол мекунанд.

Абуалӣ ибни Сино *ревос / ревоҷро* ба дарди тоун (чума) судманд медонад. Фишурдаи онро барои биноии чашм фоиданок меҳисобад: "Ин (ревос) растаниест, ки андар баҳор бар кӯҳҳо бирӯяд. Хомӯшкунандаи гармӣ ва буррандаи хун буда, гармиро фурӯ нишонад. Аз тоун судманд аст. Агар фишурдаи онро ба чашм бичаканд, биноиро тез кунад. Аз ҳасба, обила ва тоун суд бахшад" [2,381]: *Ревос, сард, хушк аст, бандоварандаи шикам аст, фурӯнишонандаи зардоб ва хун аст* [157,132].

*Пиёз* - сабзавоти маъруф, ки таъми тунд дорад. Allium cepa [134, 52]. Ин растанӣ маъмул буда, мардум онро зиёд истеъмол мекунанд. Ибни Сино дар мавриди ин растанӣ бар он назар аст, ки пиёз ва хусусан навъи хӯрокии он латифкунандаи буранда буда, ба изофаи гирандагӣ сахт кушоянда дорад, хусусияти ангезандаигии бод дорад, хунро ба берун кашида, ранги пӯстро сурх бигардонад. Ба андешаи Закариёи Розӣ пиёз барои организми инсон бисёр муфид буда, яке аз хусусиятҳои давоии пиёз дар он аст, ки хӯрокро сабук кунад, агар кас иштиҳо надошта бошад, пиёзу харла, яъне чизҳои каме тунд бихӯрад, иштиҳояшро бедор кунад ва бозорад.

Занҷабил гиёҳи давоӣ буда, шаклаш наймонанд аст, гулу мева надорад, бехи он таъми тунду муаттар дорад, онро ба хӯрок меандозанд ва мисоли дору истифода мекунанд. *"Турбади покшуда ва сойида ҳамчун сурма даҳ дирам, ва мустакӣ ва* ***занҷабил*** *аз ҳар кадом як дирам ва шакари табарзад ба монанди ҳар яке аз онҳо бармедоранд"* [157,386].

б) **истилоҳоти содае, ки дар забони муосири тоҷик бо номи дигар ифода мегарданд:** *афтимун* [157,174] , *асфарза* [157,243], *бура* [157,251], *лезоба* [157,242], *занбақ,* кашк [157,222], *кундус* [157,251, 252], *адвияҳо* [157,123] *заърур* [157,252], *тармас* [157,252], *саъду кабона* [157,154], *қаҳир* [157,221], *катиро* [157,223], *самғ* [157,189], *мозӯ* [157,215], *сумоқ* [157,222], *адас* [157,103], *мош* [157,103], *асал* [157,93], *хардал* [157,93], *наъноъ* [157,93], *Розӣёна* [157,93], *судоб* [157,93], *шавид*[157,93], *каровиё* [157,93], *кибр* [157,243], *садоб* [157,243], *фунҷакашт* [157,243], *асфарза* [157,243], *косну* [157,95], *шанбалид* [157,95], *карафс* [157,95], *шоҳӣ* [157,95], *хардал* [157,95], *гирд* [157,95], *тарра* [157,95], *хиёр* [157,96], *чанбар* [157,95], *хулув* [157,96], *фунҷакашт* [157,243], *кабар* [157,93], *шанбалид* [157,119], *наъно* [157,110], *карафш* [157,110], *оқиқир* [157,242], *ҳавиҷ* [157,93, 98], *лавзина* [157,119], *зулбиё* [157,119], *ҳозибо* [157,123], *буссад* [157,143].

*"Бусд // буссад // биссад* - дар тибби қадим онро марҷон ва баъзе бехи марҷонро гуфтаанд, ки асли марҷон аст; агар бар гардани соҳиби ниқрис бананд, нофеъ бошад. Corallium rybrum" [134,241]. Дар ин сарчашма хусусиятҳои он сарду хушк нишон дода шудааст. Усули хӯрдани он ба тарзи хуб орд шудан хӯрда тавсия гардида, барои баромадани хун аз даҳон муфид аст. Хусусияти дигар марҷон чашмро нерӯ бахшидан ва аз таровидани ашк ҷилавгирӣ кардан мебошад.

*"Ҳанзал-ҳинзал* - гиёҳе, ки онро "бодиринги талх" низ меноманд ва давои мусҳилу талхарон аст. Citrullus colocynthis." [134,442]. " Хусусияти ҳанзал гарм ва хушк буда, балғами сифтаро меронад, сарро тоза

мекунад, инчунин, барои дардҳои пай ва раги сиётиқ ва никриси сард пилпой муфид ва судманд

*Афтимун* (зираи румӣ) - имрӯз дар ин қолаб истифода намешавад. Ибни Сино онро барои бемориҳии асабӣ, димоғӣ, мафосил ва ғайра муфид медонад ва онро чунин тавсиф намудааст: “*Афтимун гиёҳест сухранг, шохаҳояш борик, ба гёҳҳою ашёҳои ҳамсояаш мечаспад. Баргояш рез ва тухмҳои он резтар аз тухми хардал, гулҳояш сурхранг, бехи он монанди зардак, вале талхмазза аст”* [2,453]. Дар сарчашмаи мавриди таҳқиқ зираи румӣ барои табобати молихулиё, рондани талхоб муфид мебошад.

Закариёи Розӣ барои тайёр кардани ҳаб (таблетка) дар мисоли зерин як чанд истилоҳи содаро ба кор бурдааст, ки имрӯз бо ин ном истифода намешаванд: ***азҳар, саъд асорун, қардмоно, мурр, ашақ, сакбинаҷ, муқл, филфил ва ваҷ:*** *Хамирхобшудаи ҳабби баласон: ҳабби баласон ва тухмии турб, ду қиво (тухмии гузбарӣ), фитри асолиюн, пӯстаи решаи кабар, пӯстаи решаи говшир, бодоми талх, донаи ғор,* ***азҳар, саъд, сунбул, салиха,*** *испанд, қантиёно, зарованди сард,* ***асорун, қардмоно, мурр, ашақ, сакбинаҷ, муқл,*** *филфил ва* ***ваҷ*** *ба гунаи баробар бармегзинад.*

Ҳоло маънии бархе аз ин истилоҳотро шарҳ медиҳем:

*“Ваҷ* - номи доруе, ки онро игири туркӣ меноманд. Савсани зардро меноманд, ки баргҳояш аз барги наргис дарозтар, соқааш баланд, гули он зард ва шабеҳ ба гули замбақ аст. Бехи он гиреҳдор ва баҳампесидаи сурхранги талхмазза мебошад. Онро визач ҳам меноманд дар тиб барои муолиҷаи сиқли забон бакор меравад” [2, 455].

Асорун вожаи юнонӣ буда, растании хушбӯест, ки барг, шох, решаи он барои табобати чунин бемориҳо истифода мегардад: нағзак, барои табобати суддакушо, истисқо, дарди сурин, иллати қарния ва ғ. Асорун

“бо номи нарди худрӯй ва сумбули худрӯй низ машҳур аст. Asarum europaeum” [134, 159].

Қардамоноро дар тибби қадим бо игари карвиё ном мебаранд. Асорун сунбули румӣ буда, хусусияти гарму хушк дорад ва барои табобати гирифтагии ҷигар, бемории истисқои лаҳмӣ давои хуб мебошад ва онро ҳамчун гиёҳи пешобовар истифода мекунанд.

4.**Истилоҳоти содае, ки номи аломат ва тамъи дорувориҳоро ва маводди онро ифода мекунанд:** *туруш* [157,90], *талх* [157,90], *шӯр* [157,90], ], *гарм, хушк, тафа* [157,90], *сафед* [157,64], *тира* [157,64], *оҷӣ* [157,64], *качӣ* [157,64], *сурбӣ* [157,64], *сурх* [157,64], *мода* [157,89], *лахт* [157,89], *сиёҳ* [157,89], *тунд* [157,183].

Закариёи Розӣ ҳангоми муоина ва муайян кардани бемориҳо рангҳоро низ ба эътибор мегирифт ва аз руйи ранги бемор хулосаи тиббӣ мебаровард ва ҳолати беморро муайян мекард. Ба андешаи ӯ агар ба ҳангоми дарди бандҳо варами дамидаи сурхранг мавҷуд набошад, пас омезаи сард аст ва ҳангоми маҳс кардани ҷойи дард он сард гардида, ранги **хокистар** ва гароянда ба ранги **сабз** монанд мешавад, барои давои он истеъмоли ҳаби савранҷони бузург манфиатовар аст. Лоғаршавии чеҳра, чашмҳо ва фурӯрафтагии ду гачгоҳ, зардии ранг ва коҳиши чарби он ва монандшавии пӯсти чеҳра ба ранги **зард ё сабз ё сиёҳ** нишонаҳои маргро дорад.

**5. Номи ҷонвароне, ки хӯрдани гӯшти онҳо ҳамчун маводди доруворӣ ва хӯрока барои рафъи бемориҳо истифода мешаванд**: *гӯшт* [157,90], *мурғ* [157,94 ], *барра* [157,94 ], *ҷӯҷа* [157,94 ], *гунҷишк* [157,94 ], *моҳӣ* [157,94], *тиҳу* (навъе аз кабк) [157,114], *шутур* [157,114], *оҳу* [157,114], *дурроҷ* [157,114], *мурғ* [157,114], чаковак [157,114], *кабк* [157,114], *ӯрдак* [157,114], *пиҳ* [157,115] - чарбу, чарбӣ, равғани тани ҳайвон. Adeps [157,60], *дунба* [157,115] *: **Тиҳӯ** сабуктарин гӯштро дар миёни паррандагон дорад ва барои касе, ки мехоҳад хӯроки сабук фароҳам кунад, хуб аст* [157,114].

**6. Номи маъданҳо**: *мис* [157,109], *қир* [157,109], *бӯра* [157,109], *гӯгирд* [157,109], *нуқра* [157,109], *зог* [157,109], *филизҳо* [157,109], *оҳан* [157,110]. Закариёи Розӣ беҳтарин обҳо он оберо меҳисобад, ки аз сарчашмаи конҳои **оҳан** берун биоянд ва арзиши боло дар хӯрокдиҳӣ дошта, барои сипурзи бузург фоидабахш аст. Оби аз кони **мис** бароянда, барҳамдиҳандаи омеза мебошад.

**7. Истилоҳоти тиббии содае, ки номи растаниҳо ва мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд:** *занбақ* [157,249], *розқӣ* [157,249], *бон* [157,249], *сусин*, [157,250], *килмӣ* [157,250], *сандрус* [157,259], *ҳазаз* [157,257], *ақоқиё* [157,257], *сак ва уд* [157,258], *фувва* [157,259], *адас* [157,259], *ақоқиё* [157,259], *сабр* [157,259], [157,260], *варак* [157,47],*таҳигоҳ* [157,262], *соқ* [157,262], *рон* [157,262] *шил* [157,264], *суст* [157,264], *омос* [157,265], *лабни (майа, сойла)* [157,265], *ашиқ* [157,265], *дишавл* [157,265], *илат* [157,268], *сақз ва қир аруқ, морзу адас ва қунбит* [157,276], *шиёф* [157,243], *287 зибрӣ* [157,66] *мисқол* [157,242], *қурс* [157,243]: *логар* [157,87].

Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки аз тамоми равғанҳои гармозо занбақ, розқӣ, бон, сусин, равғани ғор ва қатрон хуб буда, аз ҳама судманданд ва истифодаи онҳо беҳтар аст. Беморро ба наздики оташ гузошта, баданшро бо равғани **куст ва фарбиюнӣ** равғанмолӣ кардан лозим аст. Инчунин барои нигоҳдошти ангуштон аз сармозадагӣ ва пешгирӣ аз табоҳии он истифодаи равғани **зайтуни** кӯҳнаро барои равғанмолӣ тавсия додааст.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии истилоҳоти содаи “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ маълум гардид, ки қисми муҳимми истилоҳоти содаро калимаҳои аслӣ ташкил медиҳанд. Закариёи Розӣ ҳангоми корбурди истилоҳоти содаи доруворӣ, дармонгиёҳӣ дар баробари хусусиятҳои давоии ин навъи истилоҳот маълумоти мухтасар дар бораи ин ё он гиёҳ медиҳад. Як қисми муҳимро он истилоҳоте ташкил мкдиҳанд,

ки имрӯз дар ин шакл дар истеъмол нестанд ва барои шарҳи онҳо рӯ ба фарҳангҳои тахассусӣ овардем.

**2.2.2. Истилоҳоти сохта**

Вожасозӣ тавассути вандҳои калимасоз яке аз омилҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ буда, маъмултарин усули сохта шудани истилоҳоти илмӣ дар забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Маъмултарин роҳи сохта шудани истилоҳоти тиббӣ усули сарфӣ, яъне тавассути пасванду пешвандҳо сохта шудани калимаҳо мебошад.

**2.2.2.1. Бо пешвандҳо сохта шудани истилоҳоти тиббӣ**

Мирзо Ҳасани Султон дар сохтани истилоҳоти илмии осори қадимтарини форсии дарӣ таъкид мекунад, ки "пешвандҳое, ки дар сохтмони сарфии истилоҳоти ин осор иштирок мекунанд, ҳамон пешвандҳои то ба имрӯз маъмули вожасозу шаклсози забони форсиянд" [157,94].

Бояд зикр намуд, ки бо пешвандҳо сохта шудани истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ" каммаҳсул аст:

**Пешванди бе-.** Пешванди бе- (ф.м. sbe //ape) дар сохтани сифатҳо сермаҳсул аст ва вожаҳоеро месозад, ки ба хосият ва аломати чизе молик набуданро ифода мекунад. Дар сохтани истилоҳоти тиббӣ каммаҳсул аст ва дар объекти таҳққиқи мо чунин истилоҳоту вожаҳое мушоҳида гардиданд, ки ҳолати беморро мефаҳмонанд: *беиштиҳоӣ* [157,18]- камбуди иштиҳо, *анорексия. Anorexia* [134,134], *бемӯй* [157,87], *бебок, бетарсу бим* [157,89], *беҳушӣ* [157,15].

"Беҳушӣ бехудӣ, мадҳушӣ, беҳушӣ, сакарот, ҳолати беҳушӣ - Obnubilatio [134,214]: *бенамурӣ* [157,175], *бехобӣ* [157,237].

**Пешванди но - .** Пешванди но- дар истилоҳсозӣ каммаҳсул буда, ду вожа мушоҳида гардид: *ноороми* [157,205], *нобино* [157,193]. Истилоҳи *ноороми* аломат, ҳолати беморро ифода мекунад ва дар "Вожаномаи

тиббӣ" чунин маънидод шудааст: "Ноором نآرام - нороҳат, нотинҷ; мушавваш, пурташвиш. Inquietus" [135,721]. Истилоҳи *но+бино* серистеъмол буда, ҳамчун истилоҳи тиббӣ маънои "кӯр, аъвар, бебасар"-- Invidens [134,716] шарҳ ёфтааст. Ба андешаи Закариёи Розӣ ҳолати беморони ба нобиноӣ гирифторшуда вазнин мебошад. Шахси ба бемории **нобиноӣ** мубталогардида ба андозае **ноором** ва **бетоб** мегардад ва кӯшиш менамуд то худро аз мардум канор гирад. Яке аз сабабҳои ба ин беморӣ гирифтор шуданро дар пурхӯрӣ медонад .

**Пешвади ҳам-.** Бо ин пешванд *ҳамбистарӣ* [157,14] мушоҳида гардид, ки ба маънои - "ҳамхоба" омадааст. *Бузургии шикам, нишондиҳандаи бисёр **ҳамбистарӣ** кардан аст* [157,87].

**2.2.2 .2.Бо пасвандҳо сохта шудани истилоҳоти тиббӣ**

Бо пасвандҳо сохта шудани истилоҳоти тиббӣ назар ба пешвандҳо серистеъмолтаранд. Пешвандҳои истилоҳсозе, ки дар асари мавриди назр истифода гардидаанд, дар айни замон дар истифода қарор доранд. Дар объекти таҳқиқи мо чунин пасвандҳои истилоҳсоз мушоҳида гардиданд:

**Пасванди -а**. Ин пасванд таърихи қадима дошта, ҳамчун пасванди "***калимасоз, сермаъно, серистеъмол ва сермаҳсул"*** дар сарчашмаҳо зикр гардидааст [Л. С. Пейсиков, 1973; Ш. Рустамов, 1972; О. Қосимов, 1988: 87; Шамси Қайси Розӣ, 1991: 198].

**Пасванди -а** дар сохтани исм, сифат, калимаҳои мураккаби омехта иштирок намуда, вожаҳои нав месозад. Пасванди -а дар сохтани истилоҳоти тиббӣ зиёд ба кор меравад. Закариёи Розӣ аз имконоти калимасозии ин пасванд истифода намудааст, ки дар асари "Тибби Мансурӣ" чунин истилоҳоти сохта мушоҳида гардиданд: *ришта* [157,16], *заҳра* [157,17], *омеза* [157, 20], *бофта* [157,27; 28], *сӯзаҳо* [157,59], *пӯста* [157,59] - қабати қишрӣ, табақаи иборат аз бофтаи пайвандии пӯст. Corium *derma* [134,114], *даҳона* [157,58], *дӯшизагон* [157,62], *ширина*

[157,121], *бунафша (фарфир)*[157,127] гиёҳест, ки ранги гулҳои он арғувониранг, сафедча ва бунафш буда, дар тибби қадим барои тайёр кардани атр ва табобат кор мефармоянд. “Viola odorata” [134,240], *туруша* [157,131] *ҳарира* [157,105], *ханҷара* [157,57]. *Дирамана* [157,161] // *дармана* [157,*159*] **“**гиёҳи давоии маъруф мебошад, ки таъми талх дошта, дар тиб барои давоҳо истифода мегардад. Artemisia mogoltavica” [135, 326],

Зангори маъданӣ фузулотест, ки аз кони мис ҳосил мешавад ва ранги он сабзтоб буда, таъми он ширини ба талхӣ моил мебошад. Даҳанаи фаранг барои табобати бемориҳои гуногун, хусусан барои дафъи самум, доруи чашм истифода мегардад.

Пасванди -а аз чунин ҳиссаҳои нутқ истилоҳоти тиббӣ сохтааст:

а) **исм+пасванди -а:** *даҳана, ханҷара, пӯста, заҳра:*

Истилоҳи тиббии *заҳра* дорои чунин маъниҳост*: Заҳра* ба ибораи дигар талха ҳамчун истилоҳ дар тиб ба чунин маънӣ омадааст: “1. талхадон, ки андоми маъруфи дорои заҳра ва ё талха мебошад, Vesia fellea; 2. заҳра, зарда; қавитарини он заҳраи гов, сипас оҳу ва хирс, баъд буз ва сипас гӯсфанд аст, ки дар тибби ниёгон фаровон истифода мешуд. Chole; 3. тибби қадим гиёҳе, ки барои рафъи илоҷи беморӣ ба кор мебаранд - Anthyllis cretica [134, 39]: *заҳра - талхадон”* [152,17].

Вожаи *ханҷара* ҳамчун истилоҳи тиббӣ маънои - “шохаи шофмонанди устухони чаноғ”-ро дорад, Processus xiphoideus sterni [134,393]. Ҳолати ханҷара ҳангоми фурӯ бурдани хӯрок марӣ ба самти пойин рафта, **ханҷара** боло кашида мешавад ва дар натиҷа даричаи рӯйи он устувор мегардад, то фурӯ бурдани хӯрок осон гардад.

б) **сифат+пасванди -а:** *ширина, бунафша, туруша* ва ғ. :

Истилоҳи *ширина* варианти вожаҳои *ширинак* ва *ширинча* (гуфтугӯӣ) мебошад, ки дар луғатномаҳо чунин шарҳ дода шудааст: “...тибби қадим

навъе аз ҷӯшиш, ки бар андом ва рӯйи атфол бармеояд, саъфа, ширинча. Diathesis” [134,561]. Закариёи Розӣ навъи ширинаро ба кор бурдааст. Яке аз хосиятҳои **оби панир берун ва равон кардани** зардоб мебошад ва барои **бемориҳои хоришак, ҷӯш, ширина ва сӯзаҳои сар**, зарпарвин нафъ мебахшад.

Истилоҳи *туруша* аз сифати туруш ва пасванди -а сохта шуда, чунин шарҳ ёфтааст: *туруша // турушак* ت ر شک\\ت ر شه дар тибби қадим шулха, рустании маъруф, ки агар қадре аз тухми он дар хирқа гиранд ва зан бар бозуи чап бандад, модом ки бо худ дорад обистан нашавад [153, 327]. Ин растанӣ имрӯз низ дар истеъмол аст. Туршак, туруша (ҳаммоз) мизоҷи сард, хушк дошта, шикамро банд меоварад, ки боиси часбандагӣ дар шикамба мегардад, вале зардобу ташнагиро аз байн мебарад. Аз сабавот чунин растаниҳо решаҳои зиёд надоранд: коҳу, коснӣ, хиёр, сармақ, хурфа, турушак.

в) **асосҳои замони феъл +пасванди -а** : *ришта, бофта, омеза, сӯза* ва ғ.. Истилоҳи тиббии *ришта* дар фарҳангҳои тафсирӣ ва тахассусӣ гуногун ташреҳ ёфтааст: Дар фарҳанги тахассусии ВТ ба маънои “бемории маъруф, ки дар гузашта дар маҳалҳои бадбодуҳавои Осиёи Марказӣ хеле паҳн шуда буд. Dracunculosis” [134,148]; “ришта II شتهر тиб. пайдо шудани чизи кирммонанди сафеди сард дар зери пӯсти бадан дар натиҷаи нӯшидани обҳои истодаи гандида ва табоҳшуда: бемории ришта” [134, 166]. Закариёи Розӣ пайдоиши бемории риштаро бар он шароит мансуб медонад. Макони пайдоиш ва сабаби рушди бемории ришта, пеш аз ҳама, сарзаминҳои гарм, олуда ва ба ҳам рехтаи ифлосу чиркин, камобӣ, обҳои гандида, бесабзина пайдо мешавад. Ин беморӣ аслан дар соқи по пайдо мешавад ва баъзан дар ҷойҳои дигар низ падид меояд.

Вожаи *бофта* аз асоси замони гузашта, пасванди муштараквазифаи -а сохта шуда, ба маъноҳои зерин дар тиб истифода мегардад: “силсилаи

ҳуҷайраҳо ва ҳосилаи онҳо, ки аз ҷиҳати умумияти сохт, вазифа ва рушд муттаҳид шудаанд. Tela” [134, 232].

Бофтаҳо истилоҳоти биологӣ буда, низоми алоқаманди хуҷайраҳои ҳайвонот ва растаниҳоро ифода мекунанд. “*Ва агар тан бо омеза нумур бошад, захм ба марҳами нармкунанда ниёз дорад ва* ***бофтаҳои*** *осебдида дар жарфҳои захми бемор низ ниёз ба дармонгирии кор озмуда ҳамроҳ ва ҳамёри бемор мебошад* “[157,271].”

Вожаи *сӯза* истилоҳотии тиббиест, ки ҳолати беморро ифода мекунад: “*Бемориҳои гуногуни падидомада аз зардоб чун зардӣ ва* ***сӯзаҳо*** *ба сурхӣ ва намла ва табҳои сахт ва монанди он рух медиҳад”* [157,59].

**Пасванди -гоҳ**. Пасванди *-гоҳ // гаҳ* дар истилоҳсозӣ серистеъмол мебошад ва дар асари мавриди назар чунин истилоҳоти тиббӣ ба мушоҳида расиданд: *тиҳигоҳ* [157,12;13], *нишастангоҳҳо* [157,12;18], *урдугоҳҳо* [157,16], *растангоҳ* [157,27; 35], *дастгоҳ* [157,30], *рӯишгоҳ* [157,32], *шармгоҳ* [157,32; 55;150], *тиҳигоҳ* [157,34; 43; 201], *настангоҳ* [157,55], *гиҷгоҳи,* [157,83], *нишемангоҳ* [157,181].

Ин пасванд аз чунин ҳиссаҳои нутқ истилоҳоти тиббӣ сохтааст:

а) **исм+ пасванди -гоҳ**: *шармгоҳ* – “узвҳои чинсӣ, авратайн, андоми ниҳонӣ, аъзои таносул - Organa genitalia” [134, 552]. Аз қисми пойини ҷиноғ то устухони **шармгоҳ** бахши нарм ва сахти шикам ҳисоб меёбад. ***Дастгоҳи*** *танаффусӣ тарроҳии бисёр дурусте дорад* [157,49].

б) **сифат+пасванд:** “*тиҳигоҳ* تـ ـهـ ـيـ گاه - зери қавси қабурғаҳо, зерқабурға - Regio hypochondriaca”[134,303], гиҷгоҳ - чаккаи сар. Ҳангоми пайдо шудани сахтӣ ва кашидагӣ дар қисми поёни пушт ва **тиҳигоҳ** бо дигаргунии ҳолати пешоб нишондиҳандаи оғози бемории гурда буда, он пайгирӣ карда шавад.

Вожаи гиҷгоҳ чаккаи сар мебошад, ба адешаи Закариёи Розӣ агар абрӯи шахс баланд ва дарозшуда, то ба **гиҷгоҳи** расида бошад, ин шахс дорои чунин хислатҳост: худбин, гумроҳ, лофзан.

в) **асосҳои феъл+ пасванди -гоҳ:** нишастангоҳ, растангоҳ ва ғ.

Закариёи Розӣ яке аз сабабҳои пайдоиши бавосир ва нишонаи пайдоиши кирмҳои кӯчакро дар хориши нишемангоҳ донишста, ҳушдор медиҳад, ки онро пайгирӣ бояд намуд. Агар пехоле, ки сӯзонандаи **нишемангоҳ** бошаду дилпечаовар пас ин ба захми рӯда оварда мерасонад, онро пешгирӣ бояд намуд. Чунончи: *Агар нухоъ аз паҳно бурида ё шикаста шавад, ҳис ва ҳаракати андомҳое, ки* ***растангоҳи*** *пайи онҳо поинтар аз ин буридагӣ бошад, аз кор меафтад* [157,27].

**Пасванди -ак.** Пасванди *-ак* дар калимасозии калимаҳои сохта ва мураккаби омехта истифода меггардад. Ин пасванд дар забони форсии бостон дар шакли *-ака* дар истеъмол будааст [Фитрат, 12; ОИЯ, 175; Пейсиков, 134; Рустамов,77]. “Пасванди ***-ак*** дар сифатсозӣ каммаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳои аслие месозад, ки ба ягон аломат, амалу ҳолат доро будани предметро мефаҳмонад”[ГЗАТ, 1985: 142]. Дар забони адабии тоҷикӣ он ҳам дар калимасозӣ ва ҳам шаклсозӣ истифода мегардад. Муҳаққиқ С. Низомова бар он назар аст, ки “дар забони адабии тоҷикӣ ду пасванди ***-ак***$^{1}$ ва ***- ак***$^{2}$ мавҷуд аст, ки яке калима месозад, дигаре барои ифодаи маънои субъективӣ истифода мегардад” [68, 32-33].

Аз таснифоти мисолҳои гирдомада маълум гардид, ки ин пасванд дар сохтани истилоҳоти тиббӣ низ маъмул будааст. Дар “Тибби Мансурӣ” -и Закариёи Розӣ бо ёрии пасванди -ак истилоҳоти зерин сохта шудааст: *барфак* [157,18], *турушак* [157,96], *шобобак* [157,156], *тарак, туршак* [157,131], *золзолак[157,132], бахтак* [157,184], *хурусак* [157,149], *хасак* [157,159], *сармак* [157,164], *лолахасак* [157,159], *зардак* [157,217] *мивизак* [157,225], *казмозак*[157,230].

Истилоҳоти тиббии *хасак* аз исми *хас* ва пасванди *-ак* сохта шудааст. Абуалӣ ибни Сино роҷеъ ба ин истилоҳ чунин нигоштааст: **Хасак** бештар гули коҷираро меноманд. Коҷира гиёҳест баргҳои тухмшакл ва гулҳои

зардшакл дорад. Гулҳои онро чида пас аз хушк кардан майда мекунанд ва рӯйи нон мезананд ва баъзан ба ҷойи заъфарон истифода мебаранд. Онро ба истилоҳҳои дигар кофта, кофиша ва коғола ҳам ном мебаранд.

Дар ФТН вожаи хасак ба маънои "хори хасак", ки имрӯз ҳамчун даво истифода мегардад, шарҳ ёфтааст. Дар ФТЗТ чунин маънидод шудааст: "*Хасак* خسك. - хас, меваи ёбоӣ, хорҳои сегӯшаи аз оҳан сохташуда, ки ба сари роҳи душман андохта мешуд, то гузашта натавонад" [152, 428]. Дар асари мавриди назар он ҳам дар қолаби сода, ҳам мураккабу ибораистилоҳ истифода гардидааст: *чӯби дарахте [154,159]., равғани гули сурх[154,159] равғани гули харозӣ (ҳароз) [154,159] ки рӯи санглох бошад, барги бунафша* [154,159]. *ҳиск (хасак, гули тоҷира)-и тоза*[154,159]. *хашхош (кӯкнор, лолахасак)* [154,159].

Закариёи Розӣ оби сард, ҳамишаки ҷавон, харфа, **хори хасак**, донаи асфарза, ҷулбак доруҳои сардкунанда меҳисобанд. Хорхасак ё ба ибораи дигар хори хасак хусусияти давоӣ дошта, онро аз рӯйи тавсияи ин донишманд ба тухми шалғам, таратезак, шанбал, пиёз, морҷӯба, ратба дар ченаки якхела гирифта, бо гандум, нахӯд, мағз якҷоя намуда, бо обу шир ба миқдори якхела дар оташ то ширабастан пазанд, манфиат мебахшад.

Истилоҳи *бахтак* [154,184] аз исми маънии *бахт* ва пасванди *-ак* сохта шуда, дар фарҳангҳои тахассусӣ варианти арабии он вожаи кобус оварда шудааст. "Бахтак ҳолатест, ки ба инсон пас аз хуфтан, хусусан ҳангоми ба пушт хобидан, рӯй медиҳад ва дар натиҷа одам нафастанг мешавад ва ҳарчанд бихоҳад, ки биҷунбад ё доду фарёд бизанад, наметавонад. Ин урфият ҳолатро сиёҳӣ пахш кардан ҳам мегӯянд ва дар тиб бо чунин истилоҳҳо зикр мегардад: "зоғута, найдулон, сугоча - Oneirodynia"[134, 220; 134, 488].

Закариёи Розӣ табобати онро пешниҳод намуда, ҳушдор медиҳад, ки он оғози саршавии бемории саръ "буҳушӣ, ихтилоли рӯҳӣ" мебошад. Ба

андешаи Закариёи Розӣ **бахтак** (кобус) чунин беморист, агар шахсе дар хоб бубинад, ки чизе сангин ба рӯйи ӯ меафтад, ин гуна хоб диданро **бахтак** меноманд. Инчунин ҳушдор медиҳад, ки дар табобати он кӯтоҳӣ бояд нашавад, зеро нишонаи оғози саръ, яъне ихтилоли рӯҳист.

Истилоҳи *золзолак* бо пасванди *-ак* дар қолаби мураккаби омехта сохт шудааст: **Золзолак** бо истилоҳи дигар зуъруp истифода мешавад ва мизоҷи сард дошта, бандоварандаи шикам, оромкунандаи хун ва зардоб мебошад ва онҳоро рафъ мекунад.

Истилоҳи *сармак* дар осори Ибни Сино бо гунаҳои *сармуқ, салма* ҳаммаъно буда, чунин шарҳ ёфтааст: "*Сармак* (сармуқ, салма) - гиёҳест биёбонӣ ва худрӯй, дорои баргҳои тухмшакл, ки онро монанди инфиноҷ дар пухтани ош ба кор мебаранд. Онро links мармаҷ ва инфиноҷи румӣ низ мегӯянд "[2,468].

Ин истилоҳ дар ВТ бо номи *сарма* чунин шарҳ ёфтааст: *Сарма* سرمه дар тибби қадим номи гиёҳи давоӣ омадааст. Бӯстонӣ ва саҳроӣ мешавад. Саҳроии онро бигиранд ва биҷӯшонанд. Оби онро зане, ки машима дар шикамаш монда бошад, бихурад, дар соат биафтад - Atriplex hortensis [134,173].

Закариёи Розӣ сармақро ба гурӯҳи доруҳои намовари обакӣ шомил дониста, хусусиятҳои табобатии онро таъкид кардааст. Доруҳое, ки хусусияти намварии обакӣ доранд, ақоқиё, хирфа, борҳанг, **сармак** (сармақ, сурма), барги уллайқ (хуч), бақлатулямония, момисо, коҳу, дибқ, (сирешим), барги бунафша, каду, қурт (гандано, себарга, юнучқа), шавкарон мебошанд, ки онҳо хусусияти табобатии беш доранд. Чунончи, **сармак** доруи обакӣ буда, дорои чунин аломатҳост: сард, намур, шикамнармкунанда. Онро барои табобати зардигирифтагон ва касоне, ки ҷигари гарм доранд, истифода мебаранд.

*"Хурӯсак* - буғма, газаки ханҷара ва танг гаштани сӯрохии он, ки боиси сари чанд вақт хиррӣ шудани овоз, сурфаи канда-канда ва

душвории нафасгирӣ (нафастангӣ) мегардад. Бештар дар бачагон, хусусан бачагони аз 1 то 5-сола мушоҳида мешавад. Хурӯсак ҳақиқӣ ва қалбакӣ мешавад" [156,198]. Ин беморӣ дар тамоми фаслҳои сол мушоҳида мегардад, аммо дар баҳору тирамоҳ бештар аст. **Хурӯсак** бемории гирифтагии гулӯ мебошад. Агар шахс даҳонашро доимо шӯяд барои рафъи **хурӯсак**, хуноқ ва инчунин захмҳои даҳон судманд аст.

Истилоҳи "шабоб-ак" аз исми шабоб "ҷавонӣ" ва пасванди -ак сохта шудааст. Шабобак дорои хусусияти гарм буда, онро барои резиши оби даҳони кӯдакон ва саръ истифода мекунанд.

**Пасванди -й/гӣ.** Пасванди - *ӣ//- гӣ* дар вожасозӣ серистеъмол буда, аз давраҳои куҳани инкишофи забони тоҷикӣ маншаъ мегарад ва дар "забони форсии миёна дар шакли -ih ифода гардидааст, ки реша аз [-iya, -uwa] - и забонҳои эронии бостонро дорад"[134, 208]. Пасванди -й//-гӣ муштараквазифа, синоморфема, омоморфема мебошад ва дар сохтани исм, сифат, зарф истифода мегардад. Ин пасванд дар сохтани истилоҳоти тиббӣ низ фаъол мебошад. Дар "Тибби Мансурӣ" бо ин пасванд чунин истилоҳоти тиббӣ сохта шудаанд, ки номи беморӣ, ҳолати беморӣ ва ғайраро мефаҳмонанд: *беморӣ* [157,11], *равонӣ* [157,28], *логарӣ* [157,187], *сустӣ* [157,205], *танбалӣ* [157,205], *равонӣ* [157,30], *пизишкӣ* [157, 21;315], *сустӣ* [157,16], *дармонӣ* [157,15], *ташнакашӣ* [157,15], *беҳушӣ [157,15], шунавоӣ* [157,14], *зардӣ* [157,18], *мастӣ* [157,15], *дармонӣ* [157,15], *карахтӣ* [157,18], *зарангӣ* [157,87], *чоқӣ* [157,87], *логарӣ* [157,87], *намурӣ* [157,87], *зулолӣ* [157,87], *зардӣ ва ба сурхӣ* [157,59], *балғамӣ* [157,19], *маҷорӣ* [157,24], *нерӯзоӣ* [157,24], *фарбеҳӣ* [157,73], *болидагӣ* [157,66], *лоғарӣ* [157,66], *гӯштӣ*[157,66], *шунавоӣ* [157,81], *биноӣ* [157,81], *сурхӣ* [157,88], *ранҷурӣ* [157,127], *сиёҳӣ* [157,88], *сурхӣ* [157,88], *тарсуӣ* [157,81],*зибрӣ[157,81], ширинӣ ва чарбӣ ва тундӣ ва шӯрӣ* [157,198] *беморӣ* [157,205], *забарӣ* [157,224], *рӯбонӣ* [157,251].

Истилоҳоте, ки аз исм ва пасванди -ӣ сохта шуда, ҳолати бемор ва хусусияти дору ва растаниҳои давоиро ифода мекунанд: беморӣ, дармонӣ, пизишкӣ, балғамӣ, гӯштӣ, чарбӣ ва ғ. Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки шахси гирифтори бемориҳои **балғамӣ** чизҳои балғамоварро истифода набарад, кам бихобад. Чунин беморон гирифтори таби ғуб, таби рубъ ё **балғамӣ** ва диқ буда, гоҳо яке аз табҳои лозим (пайваста) хурӯҷ мекунад. Бояд ба дармонҳои **табибон** қарор гирад, яъне дар назди пизишкон бистарӣ гардад, то сиҳатӣ ёбад [157,19].

Дар сохтани истилоҳоти тиббӣ сифат ҳамчун ҷузъи асосӣ мавқеи хос дорад: *беҳушӣ, шунавоӣ, биноӣ, сурхӣ, ранҷурӣ, зардӣ, мастӣ, карахтӣ, зарангӣ, логарӣ, зулолӣ, зардӣ ва ба сурхӣ* ва ғ. “*Симоҳшиносӣ - илми канали* ***шунавоӣ”*** [157,448]. Ба андешаи ин табиб ранги тан нишонаҳои асосии омезаҳо мебошанд. Масалан, агар ранги хурмоии тан моил ба **сапедӣ** бошад, шахс дорои сардтарин омеза аст ва агар ранги тан ба **сурхӣ** ва **зардӣ** бизанад, шахс дорои гармтарин омеза мебошад.

Закариёи Розӣ бар он назар аст, ки аломати бемории камхунӣ, ин аз даст додани хуни фаровон, ранги **зард,** ва тиҳӣ шудани тан аз хун мебошад. Ранги зарди чунин шахсон аломати ба як беморӣ гирифтор шудан аст.

Пасванди -*гӣ* варианти пасванди -*ӣ* мебошад ва он нисбат ба варианташ дар истилоҳсозию калимасозӣ камистеъмол аст: *омехтагӣ* [157,20], *хастагӣ* [157,16], *омехтагӣ* [157,20], *хоболудагӣ* [157,17], *хирагӣ* [157,18], *анбоштагӣ* [157,75, 76], *хастагӣ,* [157,172, 237, 252], *мондагӣ* [157,252], *зарбдидагӣ* [157,259], *шикастагиҳо* [157,264], *гуруснагӣ* [157,240], *ташнагӣ* [157,240], *яхзадагӣ (сармозадагӣ)* [157,246, 247], *гуруснагӣ* [157,247; 246], *хоболудагӣ* [157,205], *ташнагӣ* [157,237], *пажмурдагӣ* [157,187].

*Хастагӣ* аз сифати феълии *хаста* ва пасванди -*гӣ* сохта шуда, дар тиб ба маънои “хастагӣ, мондагӣ, шалпарӣ, вазъи физиологии организм”

фаҳмида мешавад. Ин ҳолат ба шахс дар натиҷаи кори аз ҳад зиёд пайдо шуда, сабаби муваққатан суст шудани қобилияти корӣ, аз ҷумла, кори фикрӣ ва ҳам ҷисмонӣ мегардад, ки нишонаи хастагӣ аст.

Мутахассисони соҳаи тиб *хастагиро* боиси заифии организм ва саломатӣ медонанд. Барои бартараф намудани хастагӣ истироҳати хуб лозим аст ва ин маъниро Закариёи Розӣ чунин ба қалам додааст: *Агар касе ба дунболи* ***хастагӣ*** *дучори ин таб шавад, беҳтар аст пас аз фурукаш кардани таб ба гармоба равад ва дар бахши миёнае, наздик ба дари бахши нахусти гармоба биншинад, ва дари бахши нахустро ба рӯи худ боз нигоҳ дорад* [157,367].

Истилоҳи *яхзадагӣ* дар ВТ бо гунаи "яхкарда , сармозада, хунукзада, мунҷамид – Congelatus" шарҳ ёфтааст. Закариёи Розӣ барои дармони сармозадагӣ чунин усулро, ки ниҳоят одӣ аст, пешниҳод мекунад. Ӯ барои табобати сармозадагӣ тавсия медиҳад, ки агар касе, ки ба андозаи ноумедӣ ба бемории сармозадагӣ мубтало бошад, барои ӯ ҷойи пӯшида аз бодро интихоб карда, оташ афрӯхта, ӯро гарм кунанд. Сипас бо дастони гарм бо сахт ва нарм танашро бо порчаи гарм компресс намуда, маҳс намоянд ва ӯро дар бағал нигоҳ дорад, то ҳадде, ки шикам, пушт ва синаҳои ҳарду хуб ба ҳам бичаспад, гармӣ тамоми бадани ӯро фаро гирад. Ба андешаи Закариёи Розӣ гардиш дар ҳавои сард ва дар роҳ боиси пайдоши осебҳои дигар ба мисоли **яхзадагӣ**, гуруснагӣ, беҳушӣ, сакта, ҳарос, лахтӣ. карахтӣ, казоз, гандидани дастҳо ва пойҳо, банд омадани шикам мегардад.

Истилоҳи тиббии *хирагӣ* аз сифати *хира* ва пасванди ***-гӣ*** сохта шуда, ба маънои "торикӣ, тирагӣ, мас. дар чашм" истифода мегардад: *Сардард ва дарди гиҷгоҳ ё нимаи сар; саргиҷа; сарсом (миненгит); сакта; хоболудагӣ (сибот) - зилзадагӣ ва* ***хирагӣ****; фалаҷ; карахтӣ; ларзиш; лақва; ташаннуҷ; фаромӯшӣ; саръ - Epilepsy* [134,18].

**Пасванди -иш.** Пасванди *-иш* бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада, истилоҳоти тиббӣ сохтааст, ки номи беморӣ, ҳолати боморро ифода мекунанд: *хориш* [157,14; 222; 181], *ҷунбиш* [157,13], *сӯзиш* [157,131; 15; 60; 251] *гувориш* [157,17; 60; 20], *оромиш* [157,172], *ларзиш* [157,18], *гароиш, ҷӯшиш* [157,23 ], *хориш* [157,144]: *Хориш ҷараб, касалии пӯсти инсон ва ҳайвон.Pruritus [157,418].*

Яке аз бемориҳои беқароркунанда бемории хориш ва ҷӯшҳои тан аст. Касоне, ки гирифтори бемориҳои **хориш** ва реши сар мебошанд, ин бемориҳо аз сӯхтан ва табоҳии хун пайдо мешаванд ва онҳоро дар намак хобондани зараровар аст.

Бемории омоси гурда ва пешобдон. Нишонаҳои омоси гурда ва пешобдон ин омоси гарм гурда, табҳои гуногуни ба ҳам омехта ва ба ҳамроҳ он **сӯзиш ва ларзиш**, инчунин, омодагӣ чандбора барои пешоб кардан ва дард дар поини пушт ва сангинӣ мебошад. **Сӯзиш** ҳангоми пешоб кардан агар дар бемор **сӯзиш**, дилпечӣ ва дард мушоҳида гардад, ӯро аз истеъмоли туршӣ ва шӯриву тундӣ боз доштан лозим.

**Пасванди -дон.** Пасванди -дон ҳамчун пасванди исми макон ва зарфсоз маъмул аст. Закариёи Розӣ аз имконоти калимасозии ин пасванд истифода намуда, истилоҳоти тиббии *пешобдон* [157,144; 41; 184], *заҳдон* [157,30;144], *артдон* [157,67], *тухмдон* [157,63]-ро ба кор бурдааст, ки имрӯз низ дар истеъмоланд:

Истилоҳи тибббии *пешобдон* аз зарфи пеш, исми об ва пасванди исмсози -дон сохта шуда, бо вожаҳои масона, шошадон ҳаммаъност. Дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳи пешобдон 55 маротиба ва истилоҳи арабии масона як маротиба истифода гардидааст. Закариёи Розӣ бар он назар аст, ки агар омос дар **пешобдон** пайдо шуда бршад, бемор таби бисёр сахт карда, ҳарзагӯйӣ мекунад. Ҳангоми дар пешоб мавҷуд будани санг аввал пешобро зулол ва соф кардан лозим, то санг дар **пешобдон** падид

ояд. Инчунин Закариёи Розӣ чунин истилоҳоти тиббиро ба кор бурдааст: кисаи зардобшиносӣ [157,67], гурдашиносӣ [157,232], пешобдоншиносӣ [157,112], дастгоҳи гувориш [157,243], пардаҳо [157,67], ниёми шикамшиносӣ [157,144],

Истилоҳи *заҳдон* синоними вожаи арабии раҳим буда, *чи* дар забони гуфтугӯйӣ ва чи дар забони адабӣ серистеъмол аст ва ҳамчун истилоҳоти тиббӣ дорои чунин маъност: "*Заҳдон//зеҳдон* زهدان ба маънии раҳим, ки қароргоҳи нутфа бошад, бачадон" [157,394]. Вожаи *заҳдон* аз исми заҳ (ба маънои нутфа, бача ва фарзанд) ва пасванди исмсози -дон таркиб ёфтаст. Истилоҳи мазкур дар "Тибби Мансурӣ" 12 маротиба корбаст гардидааст. Закариёи Розӣ дар бораи табобати фаромадагӣ ва беруномадани **заҳдон,** варами сахти **заҳдон** доруҳоеро тавсия додааст, ки ин доруҳо метавонанд онро нарм мекунад ва барои рафъи дарди заҳдон фоида бахшанд. Барои табобати он марҳами диёхилин бо равғани савсанро истифода намоянд.

Истилоҳи *тухмдон* аз исми *тухм* ва пасванди -*дон* сохта шуда, ҳамчун истилоҳти тиббӣ дар "Энсиклопедияи мухтасари тиб" чунин шарҳ ёфтааст: "*Тухмдон* - як ҷуфт ғадуди таносули занҳо. Дар тухмдон ҳуҷайратухм пухта мерасад, гормонҳои ҷинсӣ ҳосил ва ба хун интиқол дода мешаванд**.** Тухмдон ҳосилаи байзашакл буда, дар назди девораи паҳлӯии коси хурд ба тавассути чарби бачадон овезон аст. Андозаи тухмдон дар занҳои синни таваллуд: дарозӣ -30 -40 мм, паҳнӣ -20 -25 мм, ғафсӣ -10 -15 мм, вази тақр. 5 гр. Тухмдон ду зоид наздитухмдони (paroophoron) ва фавқитухмдонӣ (epoophoron) дорад. Онҳо аз ҷӯякчаҳои борик таркиб ёфтаанд "[156,5;24].

Аз нуқтаи назари Закариёи Розӣ дар занҳо ду **тухмдон**и кӯчактар мавҷуданд, ки хурдтар аз хояи мардон аст. Аз ин ду **тухмдон** оби занона ба даруни заҳдон ва гардани он мерезад ва ба даҳонаи вожон, ки шабоҳат ба нуки сурохдори нарина дорад, мерасад.

*Атрдон* - зарфи атрро номанд [230,40]. Атридон на ҳамчун истилоҳоти тиббӣ, балки ба маънои зарф омадааст: *Гунаи бадформи он монанди ҷойи атрдон ё кифи хонумҳост* [157,68].

**Пасванди -ина.** Пасванди *-ина* таърихи қадима дошта, дар калимасозӣ бемаҳсул аст. Пасванди *-ина* ҳамчун пасванди муштараквазифа дар сохтани исм ва сифат истифода мегардад [нигар. 34,11;21]. Пасванди -ина дар сохтани истилоҳоти тиббӣ низ истифода шудааст. Дар асари мавриди назар истилоҳоти тиббии: *нарина* [157,15; 30; 63], *чодарина* [157,61; 95] мушоҳида гардид. Ба дастгоҳи таносулӣ заҳдон, **нарина**, хояҳо, овандҳои оби нарина ва роҳҳои рафтани онҳо дохил мешаванд. Хӯрокиҳои миёна дар пойдории моеъи ғализ, ки пас аз фаъолияти ҳазм дар меъда, омодаи таҳвил ба рӯдаҳо мешавад истифода мешаванд, иборат аз нони хушк, гӯшти хояи бузғола, гӯшти барраи гӯсфанд, забон, рӯдаҳо ва ғайра мебошанд. *“Чаҳор моҳича барои хояи мардон ва дуто барои занон ва чаҳорто барои такон додан ва сих кардани* ***нарина*** *ва моҳичае барои сифт гирифтани даҳонаи пешобдон, ки пешоб контрол шуда берун равад”[153, с. 37].*

**Пасванди -ила**. Ин пасванд дар калимасозӣ бемаҳсул аст - *обила* [157,14]: Вожаи обила дар ФТЗТ ба маънои зерин ташреҳ ёфтааст: “Обила 1 آبله. варами обгирифта ва қублазадаи пӯст аз сӯхтагӣ, судашавӣ, қубла; обила кардан варами обдор баровардан, қубла задани даст, по ва ғ. 2. тиб. бемории сирояткунанда, ки дар бадан доначаҳои риму фасоддор пайдо мешаванд, нағзак, чечак” [153, 9]. Ин истилоҳро бо номҳои нағзак, чечак, табхола (захме, ки аз таб ё тарс дар лабу рӯй мебарояд) ном мебаранед Пок кардани **обила**: Агар ҷойи сиёҳранги обила ҳамвор ва ранги он монанди пӯст бошад, метавон онро бо усули дармони аср захмҳои пӯсида рангкунандаҳои сапед табобат кунад. Чунин беморон дар дар ҷойҳои сарди шамолрав бо мақсади дур шудан аз бемориҳои **обила,** ҳасба, тоъун, захмҳои чиркин, таби фарогир бинишинад.

**Пасванди - гарӣ.** Дар сохтани истилоҳоти тиббӣ каммаҳсул буда, танҳо калимаи *гардишгарӣ* мушоҳида гардид: Усули дурусти **гардишгарӣ** аз назар Закариёи Розӣ аз чунин қисматҳо иборат мебошад: парҳез намудан аз гарм, ки зараровар аст; муайян ва дарки кардани заҳрҳо ва пайгирии оқибатҳои газидагӣ , бартараф кардани ташнагӣ ва ҷилавгирӣ аз зарари он; ҳолати **гардишгарӣ** дар сармо ва гармои сахт ва чӣ тавр роҳ паймудан дар он маврид; табобати сармозадагӣ; беҳушӣ ва беҳолӣ аз гуруснагӣ; нигоҳ доштани дасту пойҳо ва табобати онҳо, ки харобӣ дар он оғоз шуда; сармозадагии чашмон аз сармо ва табобати онҳо аз ин зарар [157, 237-257].

**Пасванди -она.**

Пасванди -она дар калимасозӣ таърихи тулонӣ дошта, “ дар забони форсии бостон дар қолиби “- *anag* (мураккаб аз ду ҷузъ -ana+ka) омада, исм, сифат ё зарф месозад” [134,168;14]. Л. С. Пейсиков пасвандҳои “*-gana, -yana, -vana* -ро алломорфи *–ana*” [164,41;176] шуморидааст. Ин пасванд дар калимасозӣ сермаҳсул аст, аммо дар истилоҳсозӣ бемаҳсул буда, дар объекти таҳқиқи мо истилоҳоти тиббии *мардона* [157,15], *девона* – “аз ақлу ҳуш бегона; одами ноҳинҷор дар хулқу атвор, Rabidus, rabiosus; effrenatus, furibundus” [157,52;333] мушоҳида гардид, ки онҳо дар қолаби ибораистилоҳ омадааст. Закариёи Розӣ доир ба нишонаҳои фалаҷ ва сакта бар он назар аст, ки “агар пешоб ба шир ё **оби мардона** каме шабоҳат диҳад, нишондиҳандаи бемориҳои фалаҷ ва сакта мебошад ва бемор ҷисман лоғару нотавон мегардад” [157,15].

Закариёи Розӣ хислату рафтори одамонро вобаста ба ранги онҳо арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки агар ранги касе сурхи оташин бошад, **девона** ва оҷул ва ранги касе сурхи мулоим бошад, ҳамвора хиҷолатӣ мебошад.

**Пасванди -ча.** Ин пасванд дар сарчашмаҳо ҳамчун пасванди шаклсоз шарҳ ёфтааст. Ин пасванд дар истилоҳсозӣ истифода мегардад, аммо

бемаҳсул. Дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳоти тиббии *моҳича* [157,24] мушоҳида гардид: *Моҳича - мушак, моҳичашиносӣ - мушакшиносӣ: ...дар “бахши дувум (миёни)- ро ба равиши бод боз мегузаранд, ва оби доғ бар рӯи ӯ мерезанд, ва ӯро дар оби доғ фурӯ кунанд ва молиши пай дар пай диҳанд, то* ***моҳичаҳояш*** *нарм шавад ва танаш бод кунад ва сурх шавад”* [157,369].

**Пасванди -бон.** Вожаи -бон дар “Ғиёс-ул-луғот” ба маънои номи дарахт омадааст” [138, 113]. Дар ФТЗТ чунин омадааст: ... *“ҷузъи пасини баъзе аз калимаҳои мураккаб ба маъноҳои нигаҳбон, ҳифзкунанда, доранда, варзанда: боғбон, шутурбон, нигаҳбон, сарҳадбон, посбон, меҳрубон”* [151, 229]. Пасванди -*бон* дар сохтани истилоҳоти тиббӣ бемаҳсул буда, дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳи *зарабон* [157,44] мушоҳида гардид, ки ба маънии **“**тапидани дил; 2. заниши қалб ва сурхраг (шараён), Beat” шарҳ ёфтааст. Закариёи Розӣ доир ба роҳу равиши муайян намудани ташиши дил бар он назар аст, ки **зарабони** набз гӯшти ангӯшти набзгирро сахт паст занад ва дар ин маврид набз, фишор истодагӣ кунад ва ҳаракати набзу фишор ба тавре анҷом ёбад, ки таъсири он бар гӯшти ангушт боқӣ монад.

**Пасванди -гуна**. Бо ин пасванд вожаҳои *бандгуна* [157,31], *беморгуна* (суулмизоҷ) [157,186] мушоҳида гардиданд. Бо ин пасванд вожаҳои *бандгуна* [157,31], *беморгуна* (суулмизоҷ) [157,186] мушоҳида гардиданд: *Сипас орвораҳои зерин, ки дандонҳои поин дар он қарор гирифта, ки бо часпандагии якпорча ва устувор бо сар надоранд, балки ба ҷиҳати ниёз факи поин ба ҳаракати пайванд* ***бандгуна*** *дорад ва ҷойгоҳи банди разфин (банди гиҷгоҳи факӣ) гуфта мешавад* [157,31].

**Пасванди -анда** дар истилоҳсозӣ бемаҳсул мебошад, ки фақат дар таркиби ду истилоҳ ба назар мерасад: *гароянда* [157,88], даманда [157,51] : Даманда ба маънои зуком омада, Закариёи Розӣ ҳолати пайдоиши онро чунин арзёбӣ намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки ҳангоми фишурда шудан сина ҳаворо берун меронад ва дубора сина ва шушҳо боз мегарданд ва ҳавои тоза ба дарунашон меояд, чунин зукомро **даманда** меноманд [157,51]

. **Пасванди - гар.** Ин пасванд дар асл исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва сифатҳои ифодакунандаи хислат, характер меофарад. Таҳлилҳо нишон дод, ки ин пасванд дар сохтани истилоҳоти тиббӣ низ истифода мегардидааст. Дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ бо ин пасванд танҳо истилоҳи тиббии *ҳисгар* [157,138] мушоҳида гардид, ки аз исми *ҳис* ва пасванди *-гар* сохта шудааст: *Танро сахту нерӯманд ва сару ҳисгарҳоро хушк мекунад*[157,138].

Аз таҳлил ва барраси истилоҳоти сохта ба чунин натиҷа расидан мумкин аст. Дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ пешвандҳо дар сохтани истилоҳоти тиббӣ зиёд ба мушоҳида нарасиданд. Дар сохтани истилоҳоти илмӣ, аз ҷумла тиббӣ пешвандҳо серистеъоланд. Дар маводди гирдовардаи мо дараҷаи истилоҳсозии пасвандҳо якнавохт нест. Пасвандҳои *-а, -ӣ //-гӣ,-гоҳ, -иш* зиёдтар истилоҳ сохтаанд, пасвандҳои дигар бемаҳсуланд. Дар қолаби сохта истилоҳоти тиббие мушоҳида гардиданд, ки дар сарчашмаҳо шарҳ наёфтаанд.

### 2.2.3. Истилоҳоти мураккаб

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои омӯзиш ва таҳқиқ хусусиятҳои маъноӣ, сарфиву наҳвӣ, калимасозиву ибораороӣ, истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ, услубиёти осори хаттии ниёгонамон шароит фароҳам оварда шудаанд. Имрӯз ҳар як соҳибзабонро зарур аст, ки барои ташаккули истилоҳоти тиббии миллӣ ва ба низом даровардани истилоҳоти илмии миллӣ, бартараф намудани камбудиҳо доир ба истилоҳшиносӣ бетараф набошад ва истилоҳоти соҳаҳои гуногуни мероси ниёгонамон мавриди пажуҳишҳои илмӣ қарор гиранд.

Солҳои охир аз ҷониби донишмандону муҳаққиқони тоҷик доир ба вижагиҳои маъноиву сохторӣ, таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббии ин ё он адиб асару рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ таълиф гардиданд. Дар ин самт М. Султон, М. Шакурӣ, А. Байзоев, А. Тӯраҳасанов, А. Юсупов , Н.

А. Ҳусанбоев ва дигарон пажуҳишҳои арзишмандеро дар ин самт анҷом доданд, аммо ҳанӯз масъалаҳои мухталифи истилоҳоти тиббӣ дар осори хаттии ниёгонамон таҳқиқ нагардидааст ва ба пажуҳиш ниёз доранд. Моро зарур аст, ки нозукиҳои роҳу усулҳои табобати бемориҳо, роҳҳои ташхис, ва дигар вижагиҳои истилоҳоти илми тибро дар мероси хаттии ниёгонамон ҷуста, пешкаши аҳли илму адаб гардонем.

Имрӯз имкони омӯзиши роҳу усулҳои истилоҳсозӣ ва истилоҳофарии мероси хаттии ниёгонамон ба миён омадааст ва муайян кардани роҳу воситаҳои истилоҳофаринии тоҷик барои ҳалли масъалаҳои баҳсноки истилоҳнигорию истилоҳгузинии миллӣ мусоидат мекунад.

Азбаски дар ин асари энсиклопедӣ истилоҳоти тиббӣ дар он ҷойгоҳи муҳиммеро ишғол мекунад, таҳлилу баррасӣ ба корбурди истилоҳоти тиббии мураккаб пажуҳишеро анҷом диҳем.

Истилоҳсозӣ бояд муодилҳои тоҷикии истилоҳоти забонҳои пурқудратро дар асоси қоидаҳои калимасозиву иборабандии забони адабии миллӣ офарад.

Дар забоншиносии тоҷик барои пажуҳиши истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ шароит фароҳам омадааст ва месазад, ки дар ин самт пажуҳишҳои тозае рӯйи кор омада, вазъи истилоҳнигорӣ ва истилоҳсозии миллиро дар давраҳои гуногун муайян намоянд.

Калимасозӣ маъмултарин ва муҳимтарин омили пурра ва ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон маҳсуб ёфта, тавассути он таркиби луғавии забон бо вожаҳои нав пурра мегардад. Усул ва шаклҳои калимасозӣ дар баробари пешравиҳои ҳаёти илмиву фарҳангӣ, иҷтимоиву сиёсӣ доимо такмилу ташаккул ва густариш меёбанд. Дар забон дигаргуншавӣ, пайдо гардидани вожаву истилоҳоти нав тавассути калимасозӣ ва қонуниятҳои инкишофи дохилии забон ба амал меоянд. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» шаш намуди

калимасозӣ нишон дода шудааст, ки инҳоянд: “1) морфологӣ, ки бо ду восита ба амал меояд: а) бо пасванд ва б) бо пешванд; 2) синтаксисию морфологӣ, ки ду хел мешавад: а) васлшавии калимаҳо ва б) тарзи омехта; 3) морфологию синтаксисӣ, яъне ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ; 4) луғавию синтаксисӣ, яъне табдили ибора ба калимаи мураккаб; 5) луғавию маъноӣ, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ба амал омадани омонимҳо вобаста аст; 6) ихтисора» [8, 67- 68].

Истилоҳоти тиббӣ дар сарчашмаҳо аз лиҳози сохтор ба чунин гурӯҳҳо табақабандӣ шудааст:

1. Истилоҳоти сода;
2. Истилоҳоти сохта;
3. Истилоҳоти мураккаб;
4. Истилоҳоти таркибӣ ва ибораистилоҳ.

Калимаҳои мураккаб ва ё ба ибораи дигар васлшавии калимаҳо аз ду ва ё зиёда калимаҳои соҳибмаъно ба миён меоянд, ки ҷузъи аввал маънои худро гум карда, маъноҳои нав мегиранд. Калимаҳои мураккаб бо усулҳои морфологӣ ва синтаксисӣ сохта мешаванд.

Мирзо Ҳасани Султон дар мақолааш “Қолабҳои асосии вожасозии мураккаб дар осори қадимтарини илмии форсии тоҷикӣ” бар он назар аст, ки дар ин давраи ташаккулёбии забони адабии тоҷикӣ-форсӣ он қолабҳое истифода гардидаанд, ки имрӯз низ маъмултарин роҳҳои сохта шудани калимаҳои мураккаб мебошанд: “*Дар сохтмони дастурии вожагону истилоҳоти осори қадимтарини илмии форсии тоҷикӣ қолабҳои асосии вожаҳои мураккаб, аз қабили қолаби двандва ё таркибҳои копулатив, амредима ё таркибҳои репуликатив, татпуруша ва зернавъҳои он кармадҳория ва двигу ё таркибҳои детерминатив ва қолаби баҳуврихӣ 1 таркиби посессив (ва ё атрибутив), ҳамчун қолаби авяйибҳова ё таркиби*

*адвербиал истифода шудаанд. Ин қолабҳои вожасозӣ имрӯз низ қолабҳои асосии вожасозии мураккаби забони модарӣ маҳсуб меёбанд*" [54, 234-235].

Дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ истилоҳоти мураккаби тиббӣ ҷойгоҳи намоёнеро ишғол мекунанд. Истилоҳоти мураккабро аз лиҳози мавзуъ метавон дар "Тибби Мансурӣ" ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намуд:

1. Истилоҳоти мураккаби пайваст;
2. Истилоҳоти мураккаби тобеъ;
3. Истилоҳоти мураккаби омехта.

### 2.2.3.1. Истилоҳоти мураккаби пайваст

Яке аз роҳҳои сохта шудани истилоҳоти илмӣ, аз ҷумла истилоҳоти тиббӣ тавассути васлшавии калимаҳо сурат мегирад. Дар калимаҳои мураккаби пайваст ҳардуи ҷузъҳо баробар буда, яке ба дигаре тобеъ нест. Итилоҳоти мураккаби пайваст дар "Тибби Мансурӣ"-и Закарейи Розӣ камистеъмоланд: *филфил* [157,242], *пӯста-пӯста* [157,227], *дорулфилфил* [157,239, 240], *фулфул* [157,185], *дорфулфул* [157,185], *фалофил* [157,184] *лаблоб* [157,169], *алак-ул-батм,* [157,237], *айнуссавр* [157,169], *шаробулазхар* [157,168], *забадулбаҳр* [157,166], *сунбулуттаййиб* [157,167], *ҳашушуррифоъ* [157,165], *инабуссаълаб* [157,160], *бақлатулҳамқо* [157,160], *қафруляҳуд* [157,160], *аҷамуззабиб* [157,160], *сунбулуттайиб хусиюссаълаб* [157,162], *ҳаббатулхазроъ* [157,161], *занабулхайл* [157,162], *ҳуммозулатраҷ* [157,161], *гироуҷҷулуд (сирешим)* [157,157], *футанҷулҷабалӣ* [157,159], *дилбаҳамхурдагӣ* [157,98], *Занбулхайл* [157,157], *бақлатулямония* [157,160].

Истилоҳоти мураккаби пайваст дар чунин қолабҳо сохта шудаанд:

**Такрори бевоситаи калимаҳо:** *лаблаб, фулфул, пӯста-пӯста:* истилоҳи *пӯста-пӯста* аз такрори калимаи пӯста "қабати қишрӣ, табақаи иборат аз бофтаи пайвандии пӯст - Corium derma" [134, 114] сохта шуда, ба маънои тарзи нестшавии омос ва ё захм корбаст гардидааст. Закариёи Розӣ барои нест намудани омос тавсия медиҳад, ки дар фасли

тобистон бемор бояд сандил, барги гули сурх ва ос бихӯрад ва барои хушк кардани донаҳои ҷӯш барги гиёҳҳои сандил, гули сурх ва осро дар об пухта, ба бемор диҳанд, омос **қабат ба қабат ҷудо шуда**, аз тан арақ мерезад.

Истилоҳи “*фулфул//филфил* - донаест резу сиёҳранг, буттааш баланду борик ва ба гиёҳи ҳамсоя буда мепечад, донаҳояш монанди хӯшаи ангур аз шохаҳо овезон мешаванд. Дар ҷойҳои гарм ба мисли Ҳиндустон ба самар мерасад ва то сӣ сол умр мебинад [2, 473].

Ба андешаи Закариёи Розӣ филфил хусусияти шифоҳӣ дошта, хусусияташ ниҳоят гарм ва хушккунанда буда, шикам ва ҷигарро гарм мекунад, хӯрокро мегуворад ва инчунин хусусияти бодшиканӣ дошта, донааш гарм, афзояндаи оби мардона ва дарди сар мебошад.

*Лаблоб* варианти истилоҳи *лаблаб* мебошанд ва дорои чунин маънист: “*Лаблаб* لبلب - дар тибби қадим гиёҳи печактана, ки хосияти давоӣ дорад. Hedera helix, convolvulus arvensis“ [134,543]. Ин истилоҳ дар “Тибби Мансурӣ” серистеъмол мебошад. Ӯ гунаи ашақаро сард ва барои шикамба носозгор медонад, ки он боиси шикамравиш, дилошӯбӣ ва ранҷурӣ мегардад. Инчунин **лаблоб** (ашақа, алафи печак, зарпечак, гули ошиқпечон), мустако, асал, барг ва шохаҳои ҳулв, анҷири хушк, харзаҳра, борҳанг, равғани баласон, ки таҷзиякунадагии басандае дорад, ки дар тиб барои табобати беморон истифода мегарданд.

Бо роҳи миёнванд сохта шудани истилоҳоти тиббӣ маъмултарин роҳи истилоҳсозӣ маҳсуб меёбад. Бо ёрии миёнвандҳо сохта шудани калимаҳои мураккаби пайваст дар забони тоҷикӣ мавқеи хосе дорад. Дар ин усул калимасозӣ бо миёнвандҳо ҳиссаҳои гуногуни нутқ иштирок мекунанд. Миёнвандҳои *-о-, -у-, -ма-, -ба-, -дар-* дар сохтани калимаҳои мураккаби пайваст серистеъмоланд, аммо дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ асосан артиклҳои арабии *-ул-, - ус-, -ут-* истифода гардидаанд: *алак+ ул+батм, айн+ус+савр, шароб+ул+азхар,*

*забад+ул+баҳр, сунбул+ут+таййиб, ҳашуш+ур+рифоъ, инаб+ус+саълаб, бақлат+ул+ҳамқо, қафр+ул+яҳуд, аҷам+уз+забиб, сунбул+ут+тайиб, ҳаббат+ул+хазроъ, занаб+ул+хайл, ҳуммоз+ул+атраҷ, ғиро+уҷ+ҷулуд (сирешим), футанҷ+ул+ҷабалӣ* [157,159], *занб+ул+хайл, бақлат+ул+ямония, дор-ул+фил+фил* ва ғ.

Чунин навъи таркибҳоро муҳаққиқ М. Ҷумъаев иборaҳои арабӣ номида, чунин иброзӣ андеша намудааст: "*Чунин воҳидҳои луғавӣ аз рӯйи қонуну қоидаҳои таркиб, ибора ва ҷумласозии арабӣ сохта шуда, ба қонуну қоидаҳои калимасозии забони тоҷикӣ мувофиқат намекунанд. Ин ин рӯ, чунин воҳидҳоро шартан бо истилоҳи ифодакардаи Ҳ. Маҷидов "мураккаботи арабӣ" номидан мумкин аст*" [103,112].

Ин навъи истилоҳот бо гунаи тоҷикиашон дар қавсайн ба кор буда шудаанд. Азбаски маънои онҳо дар матн оварда шудааст, шарҳи онҳоро ҷойиз надонистем: *Дармана ба вижа арманӣ сӯхтаи он, шайлам (шолум, девгандум), ки гунае гирдуст, ваҷ (ҷ) (агари туркӣ), ҳамома (омуман), широбаи гирду, нонхоҳ, зог (зок, зоҷ)-и сӯхта, анийсун (бодиёни румӣ), гор (мобиҳиштон), асорун (бехи сунбули румӣ), харбақ (палохум)-и сапед ва сиёҳ, афтимун (зираи румӣ), пудинаи обӣ (фудинҷуннаҳрӣ), наъно, ҳошо (сумис), пӯсти найи сӯхта, каравё (нонхоҳ, зираи даштӣ), салиха (дорчин), сарв, янбут, (кӯкнор), мармохур (марзангӯш), решаи мурр, ҳармал (испанд), садоб(сазоб, испанд), шароби кӯҳна, ҳама гунаҳои пудинаи кӯҳӣ (футанҷулҷабалӣ), широбаи говшер, карафси сахрой (харсангӣ*) [157,159]. *Лисон-ус-савр (говзабон), афшураи ширинбаён, коҳу, ҳулв, равгани гули сурх, футур (қорчи хӯрокӣ), барги бунафша, хусиюссаълаб (саълаб, сотурийн, суртиюн), нахӯд. Доруҳое, ки дар мартабаи дувум намваркунандаанд Хирфа, бақлатулямония(гунае исфаноҷ), каду, зардолу, харбуза, ҷулбак. Доруҳое, ки намварии обакӣ доранд Ақоқиё, хирфа, борҳанг, сармак (сармақ, сурма), барги уллайқ (хуч), бақлатулямония, момисо, коҳу, дибқ, (сирешим*)...[157,163].

*Тухми ҳувайҷ, шалгам, пиёз, турб, морчӯба, тартезак, сипаст, донаи санавбар, донаи филфил, донаи залм ва тударӣ, қадома ва забони гунҷишк ва ду баҳман ва бузидон ва қист (қисти шири) ва* ***дорулфилфил*** *ва занҷабил ва ҳарф ва сипандон ва ангеза ба андозаи яксон бармегиранд бо асал месиришанд* [157,99] .

### 2.3.2. Истилоҳоти  мураккаби тобеъ

Истилоҳоти мураккаби тобеъ қисми муҳим ва асосии истилоҳоти тиббиро ташкил медиҳанд ва ин навъи сохтани истилоҳот низ серистеъмол мебошанд. Истилоҳоти мураккаби тобеи соҳаи тибб дар асоси калимасозии суннатии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Мо тасмим гирифтем, қолабҳои истилоҳоти мураккаби тобеи “Тибби Мансурӣ”-ро аз лиҳози таркиби морфологӣ гурӯҳбандӣ намоем:

1) **қолаби: исм+исм**: *ҷабалаҳанг* [157,17], *мардосанг* [157,17], *пайхол* [157,19, 29], *зурунбод* [157,146], *сардард* [157,17], *саргиҷа* [157,17], *рӯдхона* [157,27], *саршона* [157,44], *бобулмиъда* [157,53], *шабпара* [157,31], *гулоб* [157,257], *кирмдон*а [157,242], *фунҷанкашт* [157,243], *обгӯшт* [157,247], *табошир* [157,148], *санҷабуя* [157,47], *занҷабуя* [157,224], *марзангӯш* [157,239], *зарнабод* [157,154], *гулнор* [157,233], *гулоб* [157,137], *ҷузмосил* [157,144], *ҳавосил* [157,138], *ғозпия* [157,234], *ҷавзбу*я *(ҷавзбуво)* [157,144], *ҷовшир* [157,144], *доршишаъон,* [157,144], *хурдил* [157,213], *сиканҷабин* [157,213], *харнуб* [157,227], *қалқанд* [157,230], *ҷандбидсатр (кандбидастар)* [157,144], *хиёрчанбар* [157,196], *подзаҳр* [157,197], *сакбоҷ* [157,183], *асалоб* [157,184], *обдонаҳо* [157,184], *асалоб ё сиканҷабин* [157,189], *мурдосанг* [157,151; 222], *нормушк* [157,151], *мевизаҷ ва зарореҳ* [157,211], *борҳанг[157,169], панирмоя,* [157,169], *хурмоиранг* [157,77], *фиребкор* [157,82], *кинахӯ* [157,82], *сабзарӯ*[157,88], *шоҳдона* [157,96], *сиканҷабин* [157,99], *гасмазза* [157,103], *гасмазза* [157,103], *говрас (Setaria viridis)* [157,105], *хамирмоя* [157,105], *табошир* [157,105], *шутурмург,* [157,114], *тарсӯс(шутургоз)* [157,148], *сангхора* [157,114], *ӯрдакмоҳӣ* [157,114], *ҷавзоб*

[157,117], *найшакар* [157,131], *хиёрчанбар* [157,132], *шоҳбаллут* [157,132], *норгил* [157,133], *шоҳдона,* [157,133], *фаланҷмуш* [157,134], *таранҷабин (тарангабин)* [157,134], *шоҳиспарам (шоҳисфарам)* [157,134], *марзангӯш* [157,134], *регмоҳӣ* [157,152], *филзаҳраҷ (девхор)* [157,154], *фоширо (ҳазоргаз)* [157,153], *мармохур (марзангӯш), (харсангӣ)* [157,159], *говшер (ҷовшер)* [157,159], *момийсо* [157,159], *дастанбу* [157,160], *девгандум* [157,160], *мардумгиё* [157,160, 165], *филзаҳраҷ (девхор)* [157,154], *мобиҳиштон* [157,159], *говзабон* [157,162], *мехчагул* [157,165], *говшер* [157,165], *мошдору*[157,165,166], *пудранамак* [157,165], *широбадорон* [157,168], *сикангубин* [157,168], *дастанбу,* [157,168], *васхулкавар, сарсом* [157,181; 168], *тутанҷир,* [157,168], *баршаёдастон,* [157,169], *заннамо* [157,82], *фиребкор* [157,82], *фиребкор* [157,83], *пилгӯш (росан)* [157,129] *рангдонаҳо (сибоғ)*[157,129], *уштурхор* [157,130], *газангубин* [157,151], *нормушк* [157,154], *гумроҳ* [157,83], *сутунмӯҳраҳо* [157,31], *устухоншона* [157,32], *хорпушт* [157,165], *тӯқумшуллуқ* [157,158].

Истилоҳоти мураккаби дар қолаби **исм+исм** сохташударо аз ҷиҳати мавзуъ ва муҳтаво ба чунин гурӯҳҳо тасниф намудан мумкин аст:

**а) истилоҳоти мураккаби тиббие**, ки номи бемориҳо, узвҳоро ифода мекунанд: *сутунмӯҳраҳо, устухоншона, сардард, саргиҷа, саршона, бобулмиъда, ҳавосил.* Истилоҳи мураккаби **бобулмиъда** аз ду вожаи мустақил: бобул ва миъда таркиб ёфта, даҳони поини шикамро ном мебаранд.

*Саргиҷа // саргеҷа // саргеҷиш* ба маънои "гардидани сар бошад ва он чунон аст, ки чун касе аз ҷое бархезад, андак замоне сараш ба гардиш дарояд, ки агар чашм напӯшад, албатта, биафтад" [157,171], дар тибби қадим истифода мешуд. Сардард [157,18], дарди гичгоҳ [157,18],нимаи сар [157,18],саргиҷа [157,18], сарсом [157,18], сакта [157,18], хоболудагӣ [157,18], зилзадагӣ ва хирагӣ [157,18], фалаҷ [157,18], карахтӣ [157,18],

ларзиш [157,18], лақва [157,18], ташаннуҷ [157,18], фаромӯшӣ [157,18], саръ [157,18], кобус (бахтак) [157,18].

Дар асар истилоҳе истифода гардидаанд, ки бунёди тоҷикӣ доранд: *саршона, устухоншона*, вале дар фарҳангҳои тахассусӣ шарҳ наёфтаанд: *Устухоншона* - яке аз исмҳои устухон ва шона таркиб ёфта, ба маънои "устухони пушт, шона" истифода шудааст: ... *устухонҳои поини гардан [157,44], устухоншона [157,44], дандонҳо [157,44] устухонҳои сина [157,44]. устухонҳои даст [157,44], устухонҳои по [157,32], ҷойгоҳи сари сина (саршона) [157,44].*

Истилоҳи тиббии *сардард* аз ибораи изофии **дарди сар** бунёд ёфта, 59 маротиба корбаст гардидааст. Закариёи Розӣ шароби сафед ва обакиро оромкунандаи **сардард** дониста, барои сардард аз об судмандтар меҳисобад. Ӯ шароби сафед ва обакиро барои касоне, ки **сардардҳои** сахт ва **сардардҳои** барангезандаи мастӣ мубталоянд, муфид медонад, аммо онро барангезандаи боди шикам гуфтааст.

*"Мӯраг //мӯйраг* - раги борик, раги мӯяк, раги майдатарин - Vas capillare" [134, 684]. Ин истилоҳ аз ду исми мушаххас таркиб ёфтааст: мӯй ва раг. *Табиат барои пазириши балғам ҳамчун рагҳо ва **мӯйрагҳо**, ки ҷойгоҳи хун ҳастанд ва халтаи зардоб, ки ҷойи зардоб ва сипурз ҷойи талхоб мебошад.*

б) **истиҳоти тиббие, ки номи гиёҳу растаниҳои шифбахш ва дорувориҳо**ро ифода мекунанд. Ин навъи истилоҳот дар асари мавриди назар серистеъмол мебошанд: *кирмдона, фунҷанкашт, марзангӯш, ғозпия, хиёрчанбар, шоҳдона, говсар, хамирмоя, шоҳбаллут, норгил, нормушк, шоҳдона, найшакар, фаланҷмуш, таранҷабин(тарангабин), филзаҳраҷ (девхор), регмоҳӣ, говшер (ҷовшер), девгандум, мардумгиё, сикангубин, васхулкавар, пилгӯш (росан), газангубин, уштурхор* ва ғайра.

*Фаланҷамушк* - муарраби вожаи *палангмушк* мебошад ва дар ВТ чунин тавсиф шудааст: "1. номи гиёҳест, ки гули он ба гулҳои пушти паланг ва

ба ранги он мемонад ва бӯйи мушк медиҳад; 2. бедмушк. Ocimum pilosum, O. basilicum ё Calamintha officinalis” [134,5]. Закариёи Розӣ ин гиёҳро барои табобати беморон истифода намудааст. **Фаланҷмуш**к гарм аст, Закариёи Розӣ онро барои тапиши дил ва тарсу ларза муфид медонад.

“ *Шоҳбаллут // шоҳбулут* - дарахти маъруфи самараш чормағзшакли ҷигарӣ. Сумумро нофеъ аст ва масонаро суд диҳад, балутулмалик, қустул, кастона, каштан - Castanea sativa ё C. Vulgaris” [134, 565].

Закариёи Розӣ ин дарахтро барои табобати пешобдон муфид медонад. **Шоҳбаллут** аз ду вожа шоҳ ва баллут сохта шуда, ҳамчун хӯроки болосифат арзёбӣ шудааст. Дар ин асар чунин хусусиятҳои он зикр гардидааст: коҳандагии пешоби он кам аст, гирд, гарм буда, ҷӯш дар даҳон падид меорад, хусусияти гармкунандаи тан ва ташнагиовар, сардардзоӣ дорад.

**“***Норгил // норгул* -рустании монанд ба нахл, ки меваи чормағзшакли калон дошта, шири онро менӯшанд - Cocos nucifera” [153, 721]. Ибни Сино дар баробари камзиёну хубғизо будан, барои меъда онро гарон медонад. Закариёи Розӣ хусусиятҳои шифоҳии ин растаниро тавсиф намудааст. Аз нуқтаи назари ин донишманд норгил хусусияти афзояндагии нерӯи ҷинсӣ буда, гурда ва перомуни онро гарм мекунад, афзояндаи оби мардона буда, хусусияти равонкунандаи хуни моҳона мебошад.

*Тарангубин // тарангабин* ترنگبین - шакарест, ки дар айёми тобистон шабҳо монанди шабнам ба сари уштурхор (Alhagica melorum ё A. maurorum) пайдо мешавад ва монанди барф мебандад, ки афшонда мегиранд [154, 276]. **Таранҷабин** (тарангабин) хусусияти давои дошта, онро барои табобати шикамро шул ва гулӯро нарм кардан истифода мебаранд.

**Шутурғоз** аз исмҳои шутур ва ғоз сохта шуда, онро барои табобати бемориҳо бо сирко хӯранд, нофеъ бошад.

**в) Калимаҳои муракабе, ки номи ҷонварон ва ҳайвоно**тро ифода мекунанд, дар объекти мушоҳида гардиданд. Закариёи Розӣ барои саломатии инсонҳо гӯшт, раванғани ҳайвонотро тавсия намудааст. Ҳар як истилоҳе, ки ин донишманд ба кор бурдааст, хусусияти давоӣ доранд**:** ӯрдакмоҳӣ, шутурмурғ, тӯқумшуллуқ, хорпушт, регмоҳӣ, гӯшти ӯрдакмоҳӣ. Закариёи Розӣ гӯшти моҳича вазнин дониста, онро созандаи хуни талхобӣ меҳисобад. Гӯшти шутурмурғро аз гӯшти моҳӣ сангинтар донистааст.

2) **қолаби: исм+сифат**: Дар ин қолаб дар асари мавриди назар чунин истилоҳоти тиббӣ мушоҳида гардид: *хунсард* [157,67], *тандуруст* [157,173].

*Хунсард* - ботамкин, худдор - Segnis, aequus” [134,427]. Чунончи: ***Хунсарданд** ва дар хастагӣ бурдбор мебошанд, бандҳо ва зардпойҳои тани эшон намоён аст* [157,67].

Истилоҳоти тиббии *тандуруст* - солим, саломат, маъмултарин ва серистеъмолтарин буда, 79 маротиба истифода гардидааст. Мавсуф яке аз сабабҳои тандурустии инсонро дар истеъмоли дуруст ва ками хӯрок алоқаманд дониста, дар як шабонарӯз як ё ду-се бор дар кам-кам хӯрок хӯрданро тавсия додааст.

3) **қолаби: исм+асосҳоии феъл.** Бо ин қолаб сохта шудани истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ” сристеъмол буда, беш аз 51 истилоҳи мураккаб мушоҳида гардид**:** *андӯҳзо* [157,182], *балғамсоз* [157,77], *беморизо* [157,171], *бодшикан* [157,185; 124], *бодовар* [157,111; 124; 271], *говрас* [157,161], *гӯштолуд* [157,181], *бордор* [157,200], *борзад* [157,265], *бахтаковар* [157,124; 125], *бодсоз* [157,126], *газофагӯ* [157,83], *даҳоншӯя* [157,147; 179], *диловар* [157,84], *дуруггӯй* [157,83], *лофзан* [157,83], *қайовар* [157,130], *зиёновар* [157,142] **,** *мастиовар* [157,142], *мардафкан* [157,161], *иштиҳоовар* [157,122; 124], *нерӯзо* [157,91; 121; 259], *нонхоҳ* [157,130], *нерӯбахши* [157,134; 154], *обпаз* [157,117], *рашкбар* [157,82; 85], *сардизо* [157,245], *ташнагизо* [157,244], *товулзо* [157,222], *обпаз* [157,100],

*пешобовар* [157,101;126] *ширхор* [157,96], *шикампараст* [157,89], *шикамравӣ* [157,105; 167; 148], *шаробхорон* [157,84], *чирковар* [157,222], *хоболуд* [157,67; 74], *ташнагиовар* [157,149; 120; 122], *хобовар* [157,124; 148], *хобовар* [157,142], *хунрез* [157,148], *чиркзо* [157,148], *ширсоз* [157,155], *тоҷрезӣ* [157,160], , *шикамрав* [157,173] .

Истилоҳоти дар ин қолаб сохташуда маъноҳои гуногунро ифода мекунанд:

а) истилоҳоте, ки хусусияти доруворихо ва гиёҳҳоро мефаҳмонанд: зира [157,124], андугони румӣ, фулфул [157,124], сир [157,126], шоҳиспарм [157,133], наъно [157,133], широба [157,1148] ва ғ.

Закариёи Розӣ чунин хусусиятҳои табиӣ ва давоии гиёҳҳоро ба қалам додааст. Чунончи, зира гиёҳи мизоҷаш гарм, хушк, вале камтар аз фулфул номида, хусусияти дигари он хӯрокро хуб мегуворад ва **бодшикан** мебошад. Андугони румӣ гиёҳи давоӣ буда, мизоҷаш гарм ва барои гувориш кӯмаккунанда ва **бодшикан** аст. Шоҳиспарам гиёҳи хушбӯй, **гарм** буда, агар ба рӯйи он гулоб резанд, хусусияти **хобовар** пайдо мешавад. Наъно дорои чунин хусусиятҳост: гарм, мулоим, бодовар, **иштиҳоовар**, оромкунанда, саксака мебошад. Широба якчанд хел мешавад, хусусияти сари омосро бозкунанда ва чиркзо мебошад.

б) истилоҳоте, ки хусусият ва хислати одамонро ифода мекунанд. Закариёи Розӣ аз рӯйи қиёфа, чашмон хислату рафтори одамонро нишон додааст. Ба андешаи ин донишманд касе, ки нигоҳаш занона хислати **шаҳватрони** лофзан дорад. Шахсе, ки абрӯйи баланд ва дарозшуда, то ба гиҷгоҳ дошта бошад, ӯ худбин, гумроҳ, **лофзан** мешавад. Касе, ки абрӯи ӯ аз сӯи бинӣ ба поин хамида бошад ва сӯи гаҷгоҳ ба боло равад, ин шахс **газофагӯ** ва бехирад мебошад. Соҳиби садои зумухт шахси бепарво ва **диловар** [157,122], мебошад.

4) **қолаби: исм+сифати феълӣ.** Бо ин қолаб сохта шудани истилоҳоти тиббӣ каммаҳсул аст:**:** *бодшиканандаҳо* [157,243], *осебдида* [157,261],

*догкунанда* [157,122], *сифткунанда* [157,111], *фалаҷшудагон* [157,144], *шулкунанда* [157,126], *рагзадагон* [157,117], *ҳиҷоматгирифтагон* [157,117], *мӯйхура* [157,14], *рӯсӯхта* [157,274] .

*Мӯйхӯра // мӯйхурак* - навъе аз ҷонварони ҷангал, ки ғизои онҳо мӯй аст - Trichodectes [134,685]. Амалҳои ороиш, шӯраи сар, резиши мӯй, рӯйиши мӯй, нигоҳдошти мӯй, резону баланд кардани он дар ҷойҳое, ки коста мешавад ва табобати оғози калӣ аз нест кардани **мӯйхура**, печон кардани мӯй, нарм ва лахт кардани мӯй [157,14] маҳсуб меёбад.

Истилоҳи *рагзадан* **-** ништар задан, хун гирифтан аз раг**,** аз таркиби феълии *раг задан* сохта шуда, дар "Тибби Мансурӣ" ҳар ду шакл ҳам рагзадан ва ҳам раг задан ҳамчун амалиёти тиббӣ истифода гардидааст. Чунончи, барои дармони омосро бо рагзанӣ оғоз кардан бояд омосро дастмолиш намуд, то ин ки дар ҷое аз тан падид ояд ва дармон шавад. Агар осом дар ҷойе ҷойгир бошад, ки ҳисгирӣ дар он набошад, ҳаргиз он беҳ нагардад, усули рагзанӣ ва ба кор бурдани равонкунандаҳои берункунандаи талхоб метавонад, ки бузург нашавад ва афзоиш наёбад .

"*Рӯсӯхта* روسوخته - дар тибби қадим ба маънии рӯйи сӯхта омада, ба истилоҳи имрӯза оксиди мис CuO" [134,154] мебошад: Русухтаҷ муарраби истилоҳи рӯсӯхта мебошад ***Русухтаҷ //*** рӯсӯхта барои *ранг кардани мӯй, кушодани сари пуччак истифода мегардад.*

Бо чунин қолаб сохта шудани истилоҳоти тиббӣ дар асари мавриди назар бемаҳсул аст: *хоболудагӣ* [157,17], *рангпарида* [157,88], *сарзиндагӣ* [157,109], *нерӯбахшанда* [157,121]. Ин навъи истилоҳот ҳолати шахсро ифода мекунанд. Чунончи, истилоҳи *хоболудагӣ* ба маънои "он ки нав аз хоб бедор шудааст ва дар чеҳрааш асари хоб дида мешавад; 2. касе, ки хобаш меояд, мебошад" [152, 407] омадааст. Дар мисолҳои зерин низ истилоҳоти хоболудагӣ, мондагӣ, кӯфтагӣ ҳамчун истилоҳоти тиббӣ ҳолат, аломат ва нишонаи ҳолати беморро ифода мекунанд. Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки навзод то андозае шир бихӯрад, ки шикамаш

кашида нашавад ва бод аз он берун наёяд ва зиёд аз меъёр шир хӯрдани навзод боиси сустӣ, танбалӣ, **хоболудагӣ**, нооромӣ, гиря мегардад. Пеш аз саршавии таб дар бемор чунин нишонаҳо: сангинӣ, **кашидагӣ** ва сустии тан, ба монанди **куфтагӣ** ва **мондагӣ** ва **хоболудагӣ** мушоҳида мегардад [157,17].

5) **қолаби сифат+исм.** Ин қолаби сохтани истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ" серистеъмол мебошад. Дар ин қолаб дар асари мавриди назар 69 адад истилоҳӣ тиббӣ мушоҳида гардиданд: *бадахлоқ* [157,81; 89; 84], *бадрехт* [157,235], *бадхаим* [157, 268], *бадхим* [157, 276], *бадформ* [157,67], *гандбистар* [157,17], *бадмазза* [157, 232], *бадсиришт* [157, 89], *дарозумр* [157,84], *зардзахм* [157,81], *зардпай* [157,67; 134; 268], *зардранг* [157,219, 137], *зибрхӯ* [157,67], *зардоб* [157,91], *зардолу* [157,100; 162], *зардзахм* [157,81], *кундгувор* [157,117], *каждум* [157,16], *камхоб* [157,67], *кундзеҳн* [157,67], *кундандеш* [157,67], *камгӯшт* [157,88], *камфаҳм* [157,84], *кӯтоҳумр* [157,84], *камнерӯ* [157,91], *камхӯрок* [157,93], *кундҳавос* [157,67], *кужхор* [157,16], *камхун* [157,269], *нармхӯ* [157,12, 85], *озоддарахт (озодрахт)* [157,142], *пуриштиҳо* [157,187], *пурчарб* [157,98], *пургӯшт* [157,88], *пурхоб* [157,67; 93], *пурхун* [157,190], *рострӯда* [157,54], *сиёҳрагҳо*[157,12; 24; 31], *сурхрагҳо* [157,12; 24; 31], *сиёҳдоварон* [157,152], *сахтгувор* [157,117], *сусмор* [157,16], *сабзрӯ* [157,67], *сахтгувориш* [157,103; 126], *сиёҳранг* [157,146], *сурхранг* [157,179], *талхрӯӣ* [157,88], *тарангубин* [157,219], *таранҷабин* [157,240], *таранҷубин* [157,156], *тундсухан* [157,74], *туршмазза* [157,169, 183,184], *тудмог* [157,85], *хушфаҳм* [157,12], *харзаҳра* [157,17], *хушкреша* [157,224, 270], *хушкреша (хушкрешия)* [157,215], *хушхӯрок* [157,71], *хушрӯ* [157,85], *хушмазза* [157,96; 103; 123], *ширинбаён* [157,160], *шулгӯшт* [157,67].

Истилоҳоти тиббии дар ин қолаб сохташударо метавон чунин гурӯҳҳо даврабандӣ намуд:

а) **истилоҳоте, ки номи хусусияти узвҳои организм, бемориҳо, омосҳо**ро ифода мекунанд: **зардзахм, зардпай, зардоб, сурхраг, сиёҳраг** ва ғ.

*Зардоб* - "1. номи хилтест, ки ба арабӣ сафро гӯянд; 2. моеи зардранге, ки аз захм берун меояд, мадда, серум. Serum, or [rh]os; serum sanguinis; 3. оби зардранги ҷурғот" [134,391]. Ба андешаи Закариёи Розӣ агар аз бинии бемор **зардоб** ё моддаи сабз биёяд, нишонаи баде мебошад. Ранги сурхи баланд аломати чирагии **зардоб** ва хун дар тан мебошад ва агар дар кафи бемор ранги зард падид ояд, пас ба бемории зардӣ гирифтор гардидааст.

*Зардпай* **-** риштаҳои зардтоб, ки устухонҳои баданро ба ҳам мепайванданд [134, 391]. Ин вожа аз сифат ва исм таркиб ёфтааст: ***зард+пай*** 157,26].

*Зардзахм* - аз сифати аслии зард ва исми захм сохта шуда, захми рангаш зардгашта дар назар аст. Аломати зардзахм ба гуфтаи Закариёи Розӣ аз шунавоӣ ва шеваи сухан гуфтан , хӯрдан ва сипас мӯйҳои сару тани муайян карда мешавад, ки оё реши сар, **зардзахм**, шураи сар ҷой дорад ё не [157,81].

Истилоҳи *сурхраг* аз ибораи изофии *раги сурх* таркиб ёфта, чунин шарҳ ёфтааст: **"***Сурхраг* رگ رخس - шараён, раге, ки хунро аз дил ба тамоми аъзои бадан мекашонад. Arteria" [134,256]. Аз нуқтаи назари ин донишманд ҳангоми қатъ нашуданӣ хунрезӣ **сурхраг** ё (сиёҳ) раг буридан лозим ва ё он раг дида шавад, бояд бо чангак онро гирифт, то хунравӣ қатъ гардад. Дар мавриди хунгирӣ ба ҷаҳиши хун ва ранги он диққат намудан мумкин аст, то ки он **сурхраг** будани муайян гардад. **Сурхраги** бузург ба тарафи чап ҷойгир мешавад, аз ин рӯ, набз дар самти чап муайян мешавад.

Дар мисолҳои зерин дар ин қолаб истилоҳҳои тибии *рострӯда, зардпай* мушоҳида гардиданд: *"Дар поёни он* ***рострӯда*** *рактум аст, ки бар он моҳичаи ҷилувгиркунанда аз берун рафтани (пайхол) қарор гирифта, то*

*ба гунаи иродӣ онро берун резад* [157,55]... *Аъсоби нерӯманд доранд, **зардпайҳо** ва устухонҳо ва бандҳояшон намоён аст, **камхобанд**, дорои набз ва ҷунбишҳои тунд ва гармӣ дар дастмолиш, диловар ва бебок ҳастанд”* [157, 69].

Истилоҳи *талхоб* ба маънои *сафро, зардоб* омадааст. Истилоҳи *зардоб* маъмул ва серистеъмол аст, аммо *талхоб* ҳамчун истилоҳ камистеъмол мебошад. Закариёи Розӣ ҳам истилоҳи зардоб ва ҳам талхобро ба кор бурдааст: *Кисаи **зардоб** ё заҳра ба рӯи ҷигар қарор гирифтааст* [157,55]. *Аз шигифтиҳои кашидани фузуниҳои хун аз як сӯ омадани каналҳои кисаи **зардобӣ** ва сипурз ба гудии ҷигар барои берун кашидани **зардоб** ва **талхоб** мебошад* [157,60].

Истилоҳи *сахтшома* дар фарҳангҳои тахассусӣ мушоҳида нагардидааст, вале вожаи *шомагон* дар шакли ҷамъ ба маънои пардаҳои мағз, ки дохили ҷумҷума ва дохили маҷрои муҳраиро остар кунанд ва мағзи тираро дарбар гиранд - Meninge [154,564] маънидод гардидааст. Аз ин бармеояд, ки пардаҳои сахти мағз дар назар дошта шудааст: *Дар зери магз ва **сахтшома** бофте **тӯрмонанд** аст, ки аз сурхрагҳо баромада ва дар сар шакл мегирад* [157,46].

Истилоҳҳои мураккаби *дуруштпай* ва *нозукпай* низ дар ин қолаб сохта шудаанд: *Занди бузургтарро, ки балантар аст **дуруштпай** ё занди поин мегӯянд ва кӯчактарро занди боло **нозукпай** меноманд* [157,34]

**б) истилоҳоти тиббие, ки аломат ва ё хусусияти беморӣ, дигаргунии узвҳо ва мафҳумҳои дигарро** ифода мекунанд: *бадрехт* [157,235], *бадхаим* [157,268], *бадхим* [157,276], *бадформ* [157,67].

Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки агар нохун бисёр баднамо шуда бошад, барои нарм шуда афтоданаш бар рӯйи он дору мегузоранд, баъд аз ин нохуни нав мерӯяд, барои ин ки нохуни тозарӯйида баднамо нашавад, дасткорӣ карда нашавад.

Саратон бемории ниҳоят вазнини хатарнок буда, аз рӯйи андешаи Закариёи Розӣ агар аз оғоз ин беморӣ табобат карда шавад, дармон гардад, он қатъ гардад ва инкишоф наёбад, ва агар инкишоф ёбад, ягон беҳбудие дар он зоҳир нагардад, агар чиркин шавад, бисёр **бадхим** ва хатарнок мегардад, ки роҳи табобат надорад.

Закариёи Розӣ дар мавриди захм ибРозӣ назар намуда, қайд мекунад, ки захмро чандин нишон бошад, агар ба чанд ангеза сахт ва бо диранг бошад, беҳбудӣ меёбад, табобат шавад, ин нишона аз илати андак будани хуни тан мебошад. аломати **бадхаим** будани захм, қарор гирифтани гӯшти сахт дар дарун мебошад [157,276].

*Хушкреша* аз сифати аслии хушк ва исми реша сохта шуда, ба маънои "захме, ки аз берун бошад" [154,431] истифода мегардад. Хушкреша бемори пусти сар аст. Ин решаҳо, **хушкреша** дар сар пайдо мешаванд, гоҳе хушк ва сапедранг буда, дар он хунобае мавҷуд аст, ки аз он сарез, яъне ҷорӣ мегардад. Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки агар **хушкрешаи** душт, ғафс, бузург бошад онро бо корд тарошанд то хун биёяд ва сипас доруи тунд гузоранд, решакан ва нест шавад. Барои табобати чунин беморӣ аз аз мурдосанг, сирко, равғани зайтун , уруқ марҳам омода намуда, онро дармон кунанд, судбахш аст.

Дар асари мавриди назар истилоҳҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо сифат мебошанд. Закариёи Розӣ дар гуфтори дуюм "**Суханони кӯтоҳ дар шинохти омезаҳои тан ва омехтагиҳои чира бар он ва нишонаҳои кӯтоҳ ва фарогир дар дониши рехтшиносӣ сухани кӯтоҳе дар шинохти омеза**" ҳамчун вожа ва истилоҳи тиббӣ барои нишон додани хусусияти одамон сифатҳоро ба кор бурдааст: *камхоб, кундзеҳн, кундандеш, камгӯшт, камфаҳм, кӯтоҳумр, дарозумр, бадсиришт, тундсухан, ширинбаён.*

Ба андешаи Закариёи Розӣ аломатҳои даҳон, лаб ва дандонҳо ифодакунандаи хислату рафтори инсонҳо мебошанд. Касе, ки даҳони

кушод дорад, шахси бофаҳм ва диловар ва касе, ки лаби ғафс дорад, бехирад ва **бадсиришт** мебошад. Лаби **камранг** нишонаи доимо бемор будани инсон аст. Дандонҳои суст, борик ва пароканда нишонаи заифӣ ва нотавонӣ ва дандони неши баланд ва боқувват нишонаи нотарсии кас мебошад. Симои густох доштан нишонаи **бадахлоқ**ист. Гӯши баланд нишонаи нодон ва **дарозумр**ӣ мебошад. Он касе, ки гӯши кӯчак дорад, нобакор ва **кӯтоҳумр** мебошад. Гӯши овехта нигонаи **кӯтоҳумрӣ** аст.

Касе, ки бисёр механдад, **нармхӯ** ва **хушрӯй** буда, ба масъалаҳо таваҷҷуҳ ва аҳаммияти камтар медиҳад. Гардани бисёр кӯтоҳ нишони **фиребкорӣ,** гардани дароз, фарёдзананда нишони бехирадӣ, **бадахлоқӣ** ва тарснокӣ, гардани ғафс, боқувват нишонаи асабӣ, хашмнокӣ, шонаи борик аломати камхирадӣ ва шонаи паҳн аломати хирадмандӣ мебошад.

**в) истилоҳоте, ки хусусияти растаниҳо ва мафҳумҳои дигар**ро ифода мекунанд: *кужхор, тарангубин, каждум, турушмазза, озоддарахт, гандбистар* ва ғ.

Вожаи *кужхор* номи тоҷикии истилоҳи арабии *зарориҳ, зуруҳ* мебошад. Дар фарҳангҳои тахассуси истилоҳи арабии он шарҳ ёфтааст: “*Зарориҳ* (кужхор) ҳашаротест, ки ба андозаи занбӯр рангаш зард буда, холҳои сурх дорад ва табибон онҳоро дар кӯза карда назди оташ мегузоранд ва баъди фавтиданашон ҳамел кашида, барои табабати беморон истифода мебаранд, “Litta vesicatoria ё Cantharis vesicatoria ё Meloe fascida” [135, 392].

Вожаи о*зоддарахт* - аз сифати *озод* ва исми *дарахт* таркиб ёфта, дар тибби қадим ҳамчун маводди доруворӣ истифода мегардид. Озоддарахт - дарахти машҳури табобатиест, ки оби барги он шабушро нест кунад, бо гулаш гиреҳ ва гирифтагии рӯдаҳо ва рагҳоро мекушоянд, оби ҷӯшондаи пӯсти озоддарахт барои давои таби балғамӣ истифода мегарданд. Закариёи Розӣ қайд мекунад, ки **озоддарахт (озодрахт)** гарму хушк буда, барои рафъи бемории гирифтагиҳои сар муфид аст. Барои афзоиши

мӯйҳо истифода мебаранд. Меваи он барои шикам бад ва зиёновар ва ҳатто кушанда меебошад. Ин истилоҳ дар “Тибби Мансурӣ” бо номи аздорахт низ ёд шудааст. Барги **аздорахт** (озоддарахт) ё барги дафлӣ(чанор) барои табобати тан муфид мебоашад ва Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки барги аздарахтро дар равған бигузоранд ва бо он танро дарҳ рӯз равғанмолӣ кунанд, манфиат мебахшад.

6) **қолаби: сифат+сифат:** Дар ин қолаб истилоҳи *тарбад* мушоҳида гардид. Вожаи тарбад аз ду сифати аслӣ: *тар* ва *бад* такриб ёфта, мафҳуми маводди доруворӣро ифода менамояд: “*..пешниҳоди ба кор бурдани атрифили кӯчак, ки бо айёра ва **тарбад** омехта шуда, дода мешавад ва ё ҷаворишан сохта шуда,аз занҷабил ва **тарбад** ва шакарро дода мешавад”* [157,174].

7) **қолаби: сифати феълӣ+асоси замони ҳозираи феъл**. Бо ин усул сохта шудани истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ” каммаҳсул аст: *шикастабанд* [157,263, 264], *тезбин* [157,82], *сардзо* [157,111], *гармозо* [157,122; 123; 124]. Истилоҳи *шикастабанд* ҳамчун ихтисоси пизишк чунин шарҳ ёфтааст: “Шикастабанд раддод, табиби устухонбанд, касе, ки устухонҳои шикастаро мебандад ва мафсилҳои даррафтаро ҷо ба ҷо мекунад - Luxatorum ossium restitutor” [154,558]. Ин истилоҳ аслан тоҷикӣ буда, айни замон дар истифода аст.

Истилоҳоти *сардзо* ва *гармозо* ҳамчун аломати гиёҳу растаниҳо ва дуруворихо истифода гардидааст. Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки кас дар тобистон таб кунад, тани бемор низор ва лоғар гардад ва доруҳои **гармзоро** ба ӯ надиҳанд, ки **зарар дорад.** Ҷандқуқо хусусияти гармозо ва **сардзо дорад, аммо** нафъовар нест.

8) **қолаби: сифат + сифати феълӣ**, ки дар истилоҳсозӣ бемаҳсул аст. Дар “Тибби Мансурӣ” бо ин қолаб чунин истилоҳҳо мушоҳида гардиданд: *боловоранда* [157,144], *гармкунанда* [157,140], *нармкунанда* [157,99], *карахткунанда, хушккунанда, лизкунанда*[157,234], *сармохӯрдагӣ*

[157,139], *сармозада* [157,246], *оромкунанда* [157,124]. Аксарияти ин истилоҳот хусусияти дорувориҳо, ҳолати бемориро мефаҳмонанд. Хурмои тоза хусусияти камтаре гармзо дошта, лизкунанда ва олояндаи шикамба мебошад.

9) **қолаби: шумора+исм.** Дар ин қолаб дар асари мавриди назар чор истилоҳ мушоҳида гардид: *ҳазорпо* [157,16], *панҷангӯшт* [157,143, 161], *чормагз* [157,160], *ҳазоргаз* [157,162, 153].

Истилоҳи *ҳазоргаз,* ки аслан тоҷикӣ аст, бо вожаи арабии *фоширо // фошро* ва вожаи тоҷикии ҳазоргашон вариант буда, дар фарҳанги тахассусӣ чунин шарҳ ёфтааст: "*Фоширо // фошро* فاشرا فاشرا ҳазоргашон, хусравдору, шашбандон, сафедток, ниг. Фоши
ристин" [152, 383];

"*Ҳазоргашон* هزارگشان - дар тибби қадим рустание нишон дода шудааст, ки самари монанд ба хӯшаи ангур дошта, дар чармгарӣ ва табобат кор фармуда мешуд - Bryonia alba, B. dioica, B. Cretica" [38, 134, 435]. Закариёи Розӣ хусусияти табобатӣ доштани ҳазоргазро қайд кардааст. Ҳазоргаз ё ба ибораи дигар фоширо хусусияташ гарм, азмиёнбарандаи какумак, тағйирдиҳандаи рангҳои пӯст мебошад. Фошири ашин хуни моҳонаро равон карда, ба бемории саръ нофеъ аст.

Панҷангушт дар қолаби шумора+исм таркиб ёфта, растании шифоӣ мебошад ва онро дар тиб истифода мебаранд. Хусусияти панҷангӯшт, гарм, хушк буда, барои табобати бузургии сипурз истифода мебаранд ва онро суд мебахшад.

10) **қолаби: зарф+исм.** Дар ин қолаб сохта шудани истилоҳҳои тиббӣ бемаҳсул аст: *пешоб* [157,19,18], *таҳрӯда* [157,54]. Истилоҳи *пешоб* - "кумиз, шоша, идрор, бавл, яке аз фазлаҳои аз роҳи табиӣ хориҷшавандаи тан, ки табибон ба воситаи он ҳолати организмро муайян мекунанд; пешоб дар тибби қадим ҳамчун доруи сода ба кор бурда мешуд - Urina" [134, 55] дар асари мавриди назар серистеъмол буда, 322 маротиба

истифода гардидааст: **Хори хас** растаниест, ки хусусияти он сард аст ва чунин хусусиятҳои давоӣ дорад, аз ҷумла, хурдкунандаи санг, истифодаи оби он барангезандаи нерӯи ҷинсӣбуда, сахтии **пешоб** карданро судманд аст.

*Таҳрӯда* -“ соим номи рӯдаи дуввум, аз ҷумлаи шаш рӯдаи шикам” [157,225] аз лиҳози қолаб тоҷикӣ, хушоҳанг мебошад, ба ҷойи он истилоҳи арабии соим истифода шуда, таҳрӯда дар қавс оварда шудааст. Аввалин рӯдаи кӯчаки ба поёни шикамба пайвастаро дувоздаҳ номида мешавад ва дар пайи он таҳрӯда ҷойгир аст.

**3. Истилоҳоти мураккаби сеҷузъа ва бисёрҷузъа**. Дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳоти мураккабе ба мушоҳида расиданд, ки онҳо аз се ва ё зиёда ҷузъҳо таркиб ёфтаанд: *пеш+об+овар* [157,185 ; 239], *гунди+бед+астар* [157,247], *дил+печ+овар* [157,181;123], *хуни+ моҳ+ она+ овар* [157,103], *бод+ранг+бӯя* [157, 124], *сар+дард+зо,* [157,124], *кам+ бод+ овар+ тар* [157,130], *дил+ошӯб+овар* [157, 131], *хуш+бӯ+кун+анда* [157,137], *дил+ошӯб+кун+анда* [157,143], *дил+ошӯб+зо* [157, 150], *хол+кӯби+шуда* [157,81], *фул+фул+мӯя,* [157,153].

Бештари ин истилоҳот аломат ва ё хусусияти шифоҳии ин ё он гиёҳу доруворихоро ифода мекунанд. чунончи, дар ин асар хусусияти нахӯд “гарм, бодовар, **пешобовар** ва **хунимоҳонаова**р ва афзоишдиҳандаи оби мардона” маънидод гардида, тавсия шудааст, ки он метавонад пасмондаи шикамба ва рӯдаҳо нест кунад. Кабоба растаниест, ки хусусияташ гарм, хушк буда, онро ҳамчун растании табобатӣ барои рафъи гирифтагиҳо, **поксозикунандаи роҳи пешоб,** софкунандаи гулӯ ва бандоварандагии шикам истифода мебаранд.

Бархе аз ин навъи истилоҳот гиёҳу растаниҳои шифоҳӣ мебошанд. Дар фарҳангҳои тахассусӣ ***бодрангбӯя*** ҳамчун растании шифобахш чунин шарҳ дода шудааст: “Бодрангбӯя гиёҳест, ки ақрабро ҳалок кунад ва амРозӣ савдовӣ ва балғамиро нофеъ бошад - Melissa officinalis” [135,228].

Закариёи Розӣ онро барои беҳбудии тапиши дил, андӯҳгинӣ, ҳарос муфид медонад. **Бодрангбӯя** хусусияти гарм, мулоим дошта, барои афзоиши тапиши дил, андуҳгинӣ, ҳарос, дилнигаронӣ давои хуб мебошад.

Истилоҳи бисёрҷузъаи *фулфулмӯя* дар ВТ дар чунин қолабҳо шарҳ ёфтааст: “*Фулфулмул* مول ف ل فل - дар тибби қадим решаи дарахти занҷабил шарҳ дода шудааст- Piper betle ё P. longum. *Фулфулмун* ف ل فلمون - номи дигари фулфулмул; Фулфулмуя//Фулфулмӯя ف ل فلمويه номи дигари фулфулмул. *Фулфулмӯй* موى ف ل فل номи дигари фулфулмул” [134,386]: *Фулфулмӯя, гарм, барои қулинҷ хуб ва бодшикан аст* [157, 153].

Истилоҳи *пешобовар* дар қолаби зарф+исм+асоси замони ҳозираи феъл сохта шуда, хусусияти дору ва гиёҳҳои шифобахшро мефаҳмонад. Истилоҳи пешобовар барои рафъи беморие, ки пешобаш кам меравад, истифода мегардад. Пешобовари миёна дар ҳолатҳои ба андозаи кам шудани пешоб истифода мегардад. Закариёи Розӣ нахӯдро барои пешобовар муфид медонад. Нахуд хусусияти гарм, бодовар, **пешобовар** ва хуни **моҳонаовар** дошта, инчунин афзоишдиҳандаи оби мардона мебошад.

### 2.3.4.Истилоҳти мураккаби пасванддор

Дар ин қолаб сохта шудани истилоҳоти мураккаби тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ” серистеъмол аст. Бояд зикр намуд, ки ин навъи сохта шудани истилоҳоти мураккаб ду даври калимасозиро аз сар гузаронидаанд. Аввал аз ду ва ё се реша сохтани калимаи мураккаб, дувум бо васл шудани пасванд калимаи нав сохта шудааст. Дар сохтани чунин навъи истилоҳоти тиббӣ на ҳамаи пасвандҳо иштирок мекунанд. Дар сохтани ин навъи истилоҳоти мураккаб пасвандҳои -ӣ//-гӣ, -гар, -а иштирок кардаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар сохтани чунин навъи истилоҳоти тиббӣ дар асари мавриди назар аслан пешванди муштараквазифаи *-ӣ//-гӣ*

истифода шудааст. Дар асари мавриди назар бо вожаи шинос ва пасванди -ӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ истилоҳоти зиёди тиббӣ сохта шудааст, ки ихтисоси тиббиро ифода мекунанд: "*устухоншиносӣ* - таълимот дар бораи устухон, *моҳичашиносӣ, магзшиносӣ, чашмшиносӣ, гӯшшиносӣ, бинишинос, симохшиносӣ, забоншиносӣ, гулӯшиносӣ* - таълимот дар бораи сохт ва бемориҳои гулӯ-Laryngologia" [134, 305]; "*сина* ва *шушшиносӣ* - таълимот дар бораи шуш ва бемориҳои он; *дилшиносӣ* - таълимот дар бораи дил ва бемориҳои он- Cardiologia" [134,375]; "*марӣ ва меъдашиносӣ*; р*ӯдашиносӣ* - таълимот дар бораи рӯда ва бемориҳои он; *ҷигаршиносӣ* - таълимот дар бораи ҷигар ва бемориҳои он –Hepatologia" [156, с. 540], *сипурзшиносӣ* - таълимот дар бораи сипурз ва бемориҳои он, *кисаи зардобшиносӣ*; *кулия (гурда) шиносӣ*; *масона (пешобдон) шиносӣ* ва ёд кардани куллиёте аз судмандиҳои дастгоҳи гувориш; *пардаҳо ва ниёми шикамшиносӣ*; *хоя ва наринашиносӣ*; *пистоншиносӣ* - таълимот дар бораи пистон ва бемориҳои он, *заҳдоншиносӣ* - таълимот дар бораи заҳдон, раҳим, ки қароргоҳи нутфа бошад, бачадон ва бемориҳои он".

Бархе аз ин истилоҳҳо дар фарҳангҳои тахассусӣ шарҳ дода нашудаанд. Истилоҳоти *симохшиносӣ* шарҳ наёфтааст, аммо калимаи *симох* дар алоҳидагӣ чунин шарҳ ёфтааст: "*симох* سماخ - дар тибби қадим сӯрохи гӯш, маҷрои гӯши хориҷӣ, роҳи берунии сомеаро омӯхта, дар забони лотинӣ бо мафҳуми Meatus acusticis externus ёдрас мешавад" [134, 199].

Истилоҳи тиббии *рехтшиносӣ* аз асоси замони гузаштаи *рехт* - асоси замони ҳозираи шинос ва пасванди калимасози муштараквазифаи -*ӣ* сохта шуда, ба маънои анатомия истифода шудааст: *Ин* ***рехтшиносии*** *устухонҳо ва муҳраҳост аз растангоҳи нухоъ (**нахустинмуҳра**) то устухони дунболча* [157, 37].

Дар асари мавриди таҳқиқ шаклҳои зерини истилоҳсозӣ ба назар расиданд:

1. Истилоҳоте, ки ҷузъҳояшон аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва пасванди - й сохта шудаанд, аз чунин қолабҳо иборатанд:

**а) исм+исм+пlivanд-ӣ:** *дармонпоргӣ* [157,265], *сардардӣ* [157,185], *саргиҷӣ* [157,185], *обитанӣ* [157,225], *шикамхорагӣ* [157,18, 32]:

Истилоҳи мураккаби *сардардӣ* - судоъ, дарди сар - Cephalalgia аз ду реша ва пасванди *-ӣ* сохта шудааст. Закариёи Розӣ шаробро барангезандаи **сардардӣ ва** бавуҷудорандаи **саргиҷӣ** дониста, тавсия медиҳад, ки онро полоиш карда, бо чизҳои дигар омехта намуда, ба унвони маззаи шароб аз онҳо истифода бурда шавад.

**б) исм+сифат+пасванди-ӣ:** *нафастангӣ* [157,173], *шабкӯрӣ* [157,18], *тандурустӣ* [157,10]:

**в) исм+сифати феълӣ+пасванди -ӣ:** *зарбдидагӣ* [157,259], *догшудагӣ* [157,111], [157,260]:

*Шабкӯрӣ* аз вожаҳои *шаб, кӯр* ва пасванди *-ӣ* сохта шудааст ва дар “Вожаномаи тиббӣ” чунин шарҳ дода шудааст: .”..шабкӯрӣ навъе аз бемории чашм, ки шахси гирифтори он баъд аз намози шом чизеро дидан натавонад – Hemeralopia” [134,547]: ***Шабкӯрӣ*** *беҳтар аст касе, ки дучори шабкӯрӣмешавад, ҷигари бузро бигирад ва бараш диҳад ва як бараши онро рӯйи оҷуре паҳн кунад...*[157, 332].

**г) сифат+исм+пасванди -ӣ:** *сахтфаҳмӣ* [157,85], *кундҳиссӣ* [157,85], *хушсиратӣ* [157,88], *сабуксарӣ* [157,89], *тиҳимагзӣ* [157,89], *серобӣ (ширдон)* [157,117], *талхобӣ* [157,114], *гундобӣ* [157,254], *каждаҳонӣ* [157,155], *камчарбӣ* [157,70], *куҳансолӣ* [157,72], *талхобӣ* [157,75], *зардобӣ* [157,75], *парешонҳолӣ* [157,227], *пурчарбӣ* [157,122], *бадгуворишӣ* [157,18], *тундиравишӣ*[157,66] *;*

**ғ) исм+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди- ӣ:** *хунгирӣ* [157,186; 153], *бордорӣ* [157,15; 200], *хаёлпардозӣ* [157,27], *колбадшикофӣ* [157,28], *равганмолӣ* [157,208, 191], *даҳоншуӣ* [157,148], *шаҳватронӣ* [157,81], *холкӯбӣ*

[157,79], *тухмрезӣ* [157,67], *иштиҳооварӣ* [157,172], *дилпечӣ* [157,123], *хунрезӣ*[157,186], *саррезӣ*[157,67].

Истилоҳи тиббии *хунрасонӣ* аз исми *хун,* асоси замони ҳозираи *расон* ва пасванди -*ӣ* сохта шудааст. Закариёи Розӣ амали хунрасониро маънидод мекунад, ки **хунрасонӣ** ба андомҳо бар асоси меъёри тақсими дуруст вобаста бар арзиши кории ҳар андом сурат мегирад.

**д) асоси замони гузашта +исм+пасванди+ -ӣ:** *мурдобӣ* [157,114];

**е) сифат+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди +-ӣ:** пурхӯрӣ [157,77; 275; 252], *осонзой* [157,200], *рӯшноигурезӣ*[157,179], *самозадагӣ* [157,15], *зиёдаравӣ* [157,117];

**ё) сифати феълӣ+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди** -ӣ: шикастабандӣ [157,150]

ж) з**арф+сифат+пасванди +ӣ:** *равонпарешонӣ* [157,13], *равонранҷурӣ* [157,182], *равонпарешӣ* [157,183],

з) з**арф+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди-ӣ:** *тезфаҳмӣ* [157,88],

**и) исм+сифати феълӣ+пасванди -гӣ:** моҳгирифагӣ[157,14],

2. Истилоҳоте, ки ҷузъҳояшон аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва пасванди -гӣ сохта шудаанд, аз чунин қолабҳо иборатанд:

а) **исм+сифати феълӣ +пасванди -гӣ:** *солхӯрдагӣ* [157,72], *хоболудагӣ* [157,77];

б) **сифат+ сифати феълӣ +пасванди -гӣ:** *сармохӯрдагӣ* [157,194;181], *сармозадагӣ* [157,247], *нармкунандагӣ* [157,123];

в) **асоси замони ҳозираи феъл+ сифати феълӣ +пасванди -гӣ:** *бандоварандагӣ* [157,146], *печхӯрдагӣ* [157,261];

Бояд зикр намуд, ки дар сохтани чунин навъи истилоҳоти мураккаб пасванди -*ӣ* мавқеи хос дорад ва варианти он пасванди -*гӣ* каммаҳсул аст.

### 2.2.5. Истилоҳоти мураккаби омехта

Калимаҳои мураккаби омехта аз дигар навъи калимаҳои мураккаб ба куллӣ фарқ мекуанд. Ин навъи калимаҳо тавассути пасванд аз ду ва ё

зиёда реша сохта мешаванд. Фарқи ин навъи калимаҳои мураккаб аз калимаҳои мураккаби тобеи пасванддор дар он аст, ки агар пасвандро аз ҷузъҳо гирем, маънои луғавии калима аз байн меравад. Ду реша ва пасванд дар як давраи калимасозӣ васл гардида, вожаи нав месозанд. Дар калимаҳои мураккаби пасванддор ду зинаи калимасозӣ мушоҳида мегардад. Дар зинаи аввал калимаи мураккаб сохта мешавад ва дар зинаи дуюм пасванди калимасоз қабул намуда, вожаи нав меофарад. Чунончи: *дилшинос* - табиб, *дилшиносӣ* - тахассус ва ғ. Дар калимаҳои мураккаби омехта ин ҳодиса ҷой надорад: хорхас маънӣ надорад, аммо да қолаби *хорхасак* вожаи мазкур истилоҳи тиббиро мефаҳмонад. Дар асари мавриди назар чунин истилоҳоти мураккаби омехта мушоҳида гардиданд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, бо ёрии пасвандҳои *-а,-ак* сохта шудаанд:

**Пасванди - *а*** дар сохтани истилоҳоти мураккаби омехта серистеъмол буда, чунин истилоҳҳои тиббӣ мушоҳида гардиданд: *зардчӯба* [157,153], *широба* [157,17], *чиркоба* [157,267; 268], *хуноба* [157,267;215], *обкомаҳо* [157,129; 244], *морчӯба* [157,240], *харзаҳра* [157,169], *нӯшоба* [157,185], *гармоба* [157,184].

*Харзаҳра* аз ду реша ва пасванди *-а* сохта шуда, дар фарҳангҳои тахассусӣ *ҳамчун гиёҳи заҳрнок,* гулаш сурх ва баргаш дарозрӯяи заҳрнок маънидод гардида, хӯрдани он боиси марги ҳайвони саворӣ мебошад. Харзаҳра барои давои омос ва дарди тахтапушт муфид мебошад.

***Морчӯба** хусусияти гарм ва намнок дошта, нерӯи ҷинсиро меафзояд, барои бемории гурда муфид аст.*

**Пасванди -ак.** Дар "Тибби Мансурӣ" бо ин пасванд чунин истилоҳоти тиббӣ ба мушоҳида расиданд: *тартезак* [157,240], *хорхасак* [157,240], *зарпечак* [157,169], *газмозак* [157,194]: *Тухми ҳувайҷ, шалгам, пиёз, турб,* ***морчӯба, тартезак,*** *сипаст, донаи санавбар, донаи филфил, донаи залм ва тударӣ, қадома ва забони гунҷишк ва ду баҳман ва бузидон ва қист (қисти*

*ширин) ва* ***дорулфилфил*** *ва занҷабил ва ҳарф ва сипандон ва ангеза ба андозаи яксон бармегиранд бо асал месиришанд* [157,240].

Таҳлил ва баррасии калимасозии калимаҳои мураккаб дар “Тибби Мансурӣ” нишон дод, ки ин усули истилоҳсозӣ дар сохтани истилоҳоти тиббӣ назар ба калимасозии пасванду пешвандҳо серистеъмол будааст. Дар асари мазкур истилоҳоти зиёди тиббӣ бо усулҳои маъмули калимасозӣ офарида шудаанд ва метавонад бархе аз онҳоро имрӯз дар соҳаи тиб ба кор бурд, зеро онҳо дар асоси қонуну қоидаҳои калимасозии суннатӣ сурат гирифтаанд.

### 2.2.4. Ибораистилоҳҳои тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ

#### 2.2.4.1. Ибораистилоҳоти тиббӣ

Сохта шудани истилоҳоти тиббӣ дар шакли ибора дар забони тоҷикӣ  маъмул аст. Истилоҳибораҳо тавассути воситаҳои гуногуни грамматикӣ созмон ёфта, мафҳуми илмии ин ё он соҳаро ифода мекунанд. Бештари истилоҳибораҳои тиббӣ дар “Тибби  Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба миён омадаанд, ҷузъҳояшон бо ёрии алоқаи тобеъ пайваст гардидааст.

Аксарияти истилоҳоти тиббии “Тибби Мансурӣ”  -и Закариёи Розӣ бо ёрии факки изофат, ё бо ибораи дигар алоқаи изофӣ сохта шудаанд. Исм дар ташкили ибораистилоҳҳо ҳамчун меҳвари асосӣ хизмат намуда, дигар ҳиссаҳои нутқро ба худ тобеъ мекунад.  Ин ҷузъҳо ба исм тавассути алоқаи изофӣ, вобастагӣ  ва ҳамроҳӣ алоқаманд мешаванд .  Истилоҳоти тиббии асари мавриди назарро аз лиҳози ҷузъҳо ба дуҷузъе,  сеҷузъа, чорҷузъа, бисёрҷузъа ҷудо кардан мумкин аст:.

1. **Истилоҳибораҳои дуҷузъа.** Ибораистилоҳҳои дуҷузъаи тиббӣ истилоҳоте мебошанд, ки  ба ибораҳои маъмул монанданд, аммо ҷузъҳояшон ҳамчун истилоҳ мафҳуми илмиро ифода мекунанд. Дар асари мавриди назар чунин истилоҳоти дуҷузъаро зиёд мушоҳида кардан

мумкин аст, ки метавон аз лиҳози алоқаи грамматикӣ чунин тасниф намуд:

1). Иборaистилоҳҳои тиббие, ки бо ёрии алоқаи изофӣ сохта шуда, аз рӯйи ҷузъҳояшон чунин қолабҳо доранд:

**а) исм+исм.** Ибораҳои изофие, ки ҳар ду ҷузъашон исм мебошанд: *дониши пизишкӣ* [157,10], *сарнавишти бемор* [157,10], *пешдаромади пизишкӣ, дониши рехтшиносӣ* [157,11], *арзиши хӯрокиҳо* [157,11], *ҳунари шикастабандӣ* [157,11], *дастгоҳи гуворишм* [157,12], *пардаҳо ва ниёми шикамшиносӣ* [157,12], *занбӯри асал* [157,16], *қӯрбоқаи найистонҳо (мурдобҳо)* [157,17], *ашки чашм* [157,18], *обрезиши чашм* [157,18], *барфаки даҳон* [157,18], *ҷӯши даҳон* [157,18], *сӯзиши пешобӣ* [157,18], *таракҳои вожан* [157,18], *хилти сина* [157,18], *таҳшини хун* [157,23], *косаи сар* [157,26], *мағзи сар* [157,26], *сӯрохи муҳраҳо* [157,26], *гувориши хӯрок* [157,28], *кисаи зардоб* [157,29], *ҳарорати дил* [157,30], *рӯишгоҳи нухоъ* [157,32], *гӯдии ҳалқ* [157,32], *мучи даст* [157,33], *кашкаки зону* [157,34], *даҳонаи пешобдон* [157,37], *раги зербагале* [157,43], *чинҳои гурда* [157,43], *ниёмҳои шикам* [157,43], *раги сиётик* [157,43], *раги зерибагалӣ* [157,44], *мучи даст* [157,44], *канали бинӣ* [157,48], *хуни гирдомада* [157,63] *вагг.*: Закариёи Розӣ д**ониши пизишкиро** **“**посдори тандурустӣ дар тан ва берункунандаи беморӣ аз **тани бемор** ва баргардонандаи он ба тандурустӣ” [157,20] таъкид намуда, он ба ду гурӯҳ: назарӣ ва болинӣ ҷудо намудааст. **Обрезиши чашм нишонаи** шабкӯрӣ аст. **Реши куҳнае**, ки дар **гӯшаи чашм ба вуҷуд меояд,** чунин аломатҳоро дорост: пайдоиши дарди дар гӯш, захми, садо, вазнинӣ дар гӯш, кирм ва ҳашароти дар гӯш фурӯрафта.

Закариёи Розӣ чунин аломати бемориҳоро дар бинӣ ва дандон қайд кардааст: “хунрезӣ аз бинӣ, захмҳои даруни бинӣ, пайдоиши бавосир дар бинӣ, бӯйнок шудани бинӣ” [157,18]. Аломатҳои **дарди**

**дандон**: кашидан ва беҷошавии дандон, кундии дандон, карахтии дандон, барфак ва **ҷӯши даҳон, лиссаи хунӣ** дар дандон, дарднокӣ дар сармо.

Закариёи Розӣ ҳамчун марҳами нармкунандаи шикам истифодаи чунин маҳсулотро тавсия медиҳад: шӯрбои **хурӯси пир**, нони хушк, **оби шанбалидро** бо асал, **оби зайтун**. Бемор бояд ин доруҳоро пеш аз хӯрок бо обкома нӯшиданд.

б) **исм+сифат:** *нори форсӣ (боди сурх)* [157,16], *қорчи заҳрӣ (фитр ва камо)* [157,17], *кабоби бирён* [157,17], *балғами ширин* [157,22], *арнаби баҳрӣ* [157,17], *харбақи сафед* [157,17], *нерӯи гарм* [157,24], *рагҳои нарм* [157,25], *одамҳои таҷзияпазир* [157,30],*орвораи забарин* [157,31], *лаби поин* [157,36], *лаби боло*[157,36], *ҳавои танаффусӣ* [157,48], *рӯдаҳои борик* [157,54], *орвораи боло* [157,57], *орвораи пойин* [157,57], *рӯдаи кӯр* [157,58], *ярқони сиёҳ* [157,59], *баҳақи сиёҳ* [157,59], *истисқои зиқӣ* [157,59], *истисқои лаҳмӣ* [157,59], *рагҳои нарина* [157,72] *дандонҳои нерӯманд* [157,80], *ғадаҳои сахт (ханозир)* [157,80], *чашмони обӣ* [157,82], *чашмони кӯчак* [157,82], *чашми сиёҳ* [157,82], *чашмони дурушт* [157,82], *чашми кӯчак* [157,83], *чашми камҷунбиш* [157,83], *лаби камранг* [157,84], *рухсораи кӯчак* [157,84], *бузургии чеҳра* [157,84], *симои густох* [157,84], *гиҷгоҳи пурмӯ [157,89], чашмони дурушт* [157,89], *соқи борик* [157,89], *пудинаи куҳӣ* [157,124]: "**Орвораи забарин** *ба косаи сар мечаспад, ки дарбаргирандаи гунаҳо ва гӯшҳо ва дандонҳои боло аст ва ҳамчунин аз тикаҳое чанд, ки ба ҳамдигар тавассути дарзҳо мечаспанд"* [157,18].

в) **сифати феълӣ +исм :** *шикастагии сар* [157,16], *гирифтагии заҳдон* [157,18], *барангезонандаи дамо* [157,91], *барафурӯзандаи тан* [157,91]**,** *заҳри кушанда* [157,100], *афзоишдиҳандаи хун* [157,110], *берункунандаи бод* [157,124], *барангезонандаи иштиҳо* [157,124], *кундкунандаи гувориш* [157,124*Аз ин рӯ,* ***барангезонандаи дамо*** *ва зуд* ***барафурӯзандаи тан*** *мебошанд* [157,91]. Сиканҷабин гиёҳест, ки хусусияти нармкунанда ва

барандаи намнокиҳои сифт ва лағжанда дошта, онро барои бартараф кардани **тангиҳо** ва **басташудагиҳои ҷигар** муфид медонанд.

**г) исм+сифати феълӣ:** *хуни гирдомада* [157,63], *парокандагии дандонҳо* [157,74], *ранги паридагӣ* [157,77];

**ғ) исм+*сифати феълӣ:*** *хуни гирдомада [157,63], парокандагии дандонҳо [157,74], ранги паридагӣ [157,77], омоси падидомада [157,18],* ***гирифтагии заҳдон****...[157,18]* ***баромадагии омоси рагҳои по*** *[157,18].*

**Закариёи Розӣ таро ба чанд намуд ҷудо намудааст: таби рӯзона, таби ғаб, таби пайваста, таби беҳушкунанда. Аз рӯйи андешаи ин донишманд,** табе, ки як рӯз пайдо шавад, таби ғаб ва **таби пайваста** ва хеле гармро **таби муҳриқа ё сӯзон** номида, онро таби фарогир низ ном мебаранд. Табе, ки аз сабаби бисёр обнок шудани омехтагиҳо хилт пайдо мешавад ва ё бо обакӣ шудани омехтагиҳои нарм падид меояд **таби беҳушкунанда** номидааст.

**д) сифат+исм:**: *сангинии забон* [157,18], *сурхрагҳои рӯйишёфта* [157,45], *гирифтагии забон* [157,74], *сустии ҷигар* [157,74], *кӯтоҳии ангуштон* [157,74], *нерӯмандии бандҳо* [157,87], *кӯтоҳии қомат* [157,87], *сахтии пешоб кардан* [157,18], *зангори оҳан* [157,23], *шули (суст) беустухон ва данда* [157,33], *шули шикам* [157,33], *нармии пӯст [157,63], кӯчакии дил* [157,69] *, кундии гувориш* [157,77], *тангии нафас* [157,81], *логарии шикам* [157,70]. **Сурхии ранг**, **гармии тан,** хастагии тан, хамёза кашидан, хоболудӣ, анбоштагии рагҳо, густурдагӣ, инчунин аз бинӣ бисёр хун рехтан, вазнинии **сар** ва чашм, сардард, **кундзеҳнӣ** ва ҳавосу набзи бузург аз нишонаҳои асосии анбоштагӣ мебошад. *бузургии чашм* [157,74], *нармии нохунҳо* [157,74], *сангинии сар* [157,76]. Закариёи Розӣ **бузургии чашм**, дурушттию барҷастаги онро нишонаи омезаи намур меҳисобад.

**е) исм +сифати феълӣ:** Закариёи Розӣ онро барои табобати бемориҳои гуногун тавсия додааст. Амбарборис бо истилоҳи дигар зиришк ном бурда мешавад ва мизоҷи он сарду хушк буда, хусусияти бандоварандаи

шикам ва бартарафкунандагии ташнагӣ дошта, барои шикам, **ҷигари захмнок** муфид аст.

**ё) феъл+исм:** *бофти ҷигар* [157,58], *банди бозу, банди шона* [157,262]: **Бофти гӯшт** бо дигар андомҳо тафовут дорад ва аз ин рӯ, ҳар кадом ба танҳоӣ омезаи вижагиҳои худро хоҳад дошт. Ба андешаи Закариёи Розӣ омезаи **бофти шуш** аз омезаи бофти гурда фарқ дорад. Ӯ қайд мекунад, ки дар натиҷаи аз ҳам дуршавии **бандҳои бозӯ, шона** банди варак аз назар пинҳон мемонад.

**ж) феъл+сифат:** ***бандҳои пурчарбӣ***: *"Ишон тос ва ё дорои мӯйи лахт ва соф ва рагҳои танг ва пинҳон ва **бандҳои пурчарбӣ**, фарбеҳгун мебошанд, суст ва пурхоб, танбал, кунд дар ҷунбишанд"* [157,68].

2). **Ибораистилоҳҳои тиббии дуҷузъае**, ки бо ёрии алоқаи вобастагӣ сохта шудаанд. Ин навъи ибораистилоҳҳо нисбат ба ибораистилоҳҳои тиббии изофӣ каммаҳсуланд: *беҳушӣ аз гуруснагӣ* [157,15], *хунрезӣ аз бинӣ* [157,18], *овардани бузоқ аз даҳон* [157,20] ва ғ.

**2. Ибораистилоҳҳои сеҷузъа.** Ибораистилоҳҳои сеҷузъа дар "Тиббӣ Мансурӣ" ба монанди ибораистилоҳҳои тиббии дуҷузъа серистеъмоланд. Ин ҳолати корбурди ибораистилоҳҳо ба муҳтаво ва мазмун матни тиббӣ вобаста аст. Бояд зикр намуд, ки дар ташкили чунин навъи ибораистилоҳҳо исм, сифат, феъл, сифати феълӣ истифода шудаанд: *луъоби тухми исфарза* [157,276],*бофти сафеди ғудӣ* [157,63], *оби наринаи хом* [157,63], *бадбӯй будани пешоб* [157,67], *пӯсти перумуни нарина* [157,72], *шароби сиёҳи ноб* [157,276],*барномаи хӯрокии бемор* [157,276], *ранги сурхи мулоим* [157,81], *ранги чашми буз* [157,81], *ҳаракати чашмонаш кунд* [157,82], *пӯсти перумуни нарина* [157,72], *таҳрики ҷинси кунд* [157,72], *паҳнии нӯги бинӣ* [157,74], *бӯи бади тан* [157,74], *нармии кафи дастҳо* [157,74], *сохти пешоби сапедранг* [157,77], *сӯрохҳои бинии бодкарда* [157,83], *берунзадагии сари шона* [157,86], *пешонии логари бечин* [157,87], *гирифтагии ҷигарпоксозии шушҳо* [157,105], *хамирмояи орди сапед* [157,105], *ангезаи*

*ҳамоварандагии тандурустӣ* [157,109], *азмиёнбарандаи чирагии хун* [157,112], *оромкунандаи омоси шикамба* [157,112], *гӯшти паррандагони обӣ* [157,114], *рӯдаҳои фарох нерудиҳанда* [157,115], *қувватдиҳандаи оби мардона* [157,115], *созандаи хуни лагжон* [157,116], *созандаи хуни хушк* [157,116], *афзоишдиҳандаи магзи устухон* [157,119], *часпандагиҳои пилишти тан* [157,122], *барангезонандаи нерӯи ҷинсӣ,* [157,126], *равонкунандаи хуни моҳона* [157,133], *хӯрокҳои созандаи зардоб* [157,209], *шарбати сиканҷабини шакарӣ* [157,140], *даҳоншӯяи хушбӯкунандаи даҳон* [157,154], *поксозии ҷирми гӯш* [157,233], *резишдиҳандаи хуни моҳона* [157,141], *бӯи бади бинӣ* [157,145], *тории чашми ношӣ* [157,145]. Набзи мунҳанӣ қайд мекунад, Закариёи Розӣ барои **беморони гирифтори таби диққу** таби нобудӣ ва пажмурдакунандаи тан мебошад. Ҳангоми варзиши бадан одам хоста нашавад бузургу зуд ва **пайдарпай задани набз** боиси афзоиш ёфтани тундии ҷунбиш ва нерумандӣ мегардад.

Закариёи Розӣ тарзу усулҳои **табобати бемориҳои сахтро** чунин тавсия медиҳад. Ба андешаи ӯ дар аввали пайдоиши ин бемориҳо нишонаҳо ва омехтагиҳо хело паст ба назар мерасанд, ки **нишондиҳандаи сахти беморӣ** медонанд. Дар шахсоне, ки аз бемории хеш ба қадри имкон комил ва устувор нагаштаанд ва дар он беморон нишонаҳои хастаҳолӣ , аз ҷумла, **димои боло ҳангоми дастмолиш**, набз ё нафаскашии паёпай, **пешоби рангин**, ташнагӣ, сардардӣ, беҳолӣ, бемазагии даҳон, парешонхаёлӣ ва **ноором дар хоб** мушоҳида гарданд, пас аз **миён рафтани ин** ҳама нишонаҳои беморон **он сиҳати комил** мегардад.

**3. Истилоҳибораҳои чорҷузъа ва бисёрҷузъа.** Чунин навъи истилоҳибораҳои тиббӣ дар асари мавриди назар ҳамчун ифодакунандаи номи бемориҳо, нишонаҳои бемориҳо, оризаҳо, омосҳо, хусусияти шифоҳии гиёҳу растаниҳо, усули тайёр кардани даво ва ғайра корбаст гардидаанд : *фарбеҳгун косаи сари кӯчактар* [157,68], *шодобкунандаи танафзоишдиҳандаи оби мардона* [157,91], *таровии ғайриодии араҷи тан*

[157,182], *равонкунандаи балгами сифта* [157,147], *обкунандаи ғуддаҳои сахти гулӯ* [157,103], *равшанкунандаи тории чашм* [157,151], *равонкунандаи нерӯманди зардоб* [157,153], *широбаи дарахти санавбар* [157,155], *боди шикамравишии хунӣ (заҳир)* [157,175], *дурдии равғани зайтун* [157,156], *луоби тухми хушкшудаи асфарӣ* [157,256], *луоби тухми асфари зеҳи* [157,245], *раги бахши мухолифи осебдида* [157,258], *мағзи устухони соқи гов* [157,265], *шупуш падидомада дар мижаҳо*[157,14] ва ғ .

Маҷмуи табобатҳо дар **ҳунари шикастабандӣ ин нарм кардани сахтшудагиҳои монда** дар андомҳо пас аз ҷӯш хӯрдани онҳо мебошад. *"Куллиёт ва гӯшаҳое аз дармони захмҳо ва берун овардани чиркҳо; доруҳои рӯёнандаи гӯшт; доруҳои сарбозкунандаи думалҳо;* ***доруҳои азмиёнбарандаи гӯшти зиёдатӣ; доруҳое, ки сари захмҳоро боз мекунад*** *ва шикофтани он бо корд ниёз набошад"* [157,16].

Ӯ тавсия медиҳад, ки беморӣ дар гатиҷаи банд омадани хуни моҳона ба вуҷуд омада бошад, ба бемор *доруҳои равонкунандаи хуни моҳона* дода, ҳатто ҳиҷомат кунанд ва аз раги поҳои ӯ хун бигиранд, то беморӣ рафъ гардад.

## 2.3. Мавқеи калимаҳои хосса дар ташкилиибораистилоҳҳои тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ

"Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми соҳаи тиб буда, аз доир ба бемориҳо, роҳҳои табобати онҳо, омода намудани марҳаму давоҳо, гиёҳу растаниҳои шифрбахш маълумот гирифтан мумкин аст. Дар ин асари тиббӣ калимаҳое мушоҳида гардиданд, ки дар ташкилиибораистилоҳҳои тиббӣ нақши муҳим доранд:

Вожаи *бемор* серистеъмолтарин истилоҳоти соҳаи тиб буда, дар фарҳанги тахассусии "Вожаномаи тиббӣ" чунин шарҳ ёфтааст: "бемор касал, одами бетоб, дардманд; нотавон, хаста, ранҷур. – Aegrotus" [135, 208]. Дар ин сарчашма бо вожаи бемор 63 ибораистилоҳи тиббӣ шарҳ ёфтаст. Закариёи Розӣ дар "Тибби Мансурӣ" беш аз 58 адад

ибораистилоҳҳои тиббиро ба кор бурдааст, ки бархе аз чор то 10-18 мароитиба корбаст гардидаанд: *беморони асабӣ* [157,117], *бемориҳои анбоштагӣ* [157,197], *бемориҳои балғамӣ* [157,121], *бемории балғам* [157,92], *бемории бордории дурӯғин* [157,18], *бемори барасдор* [157,224], *бемори голпилк* [157,79], *бемории гол* [157,107; 219], *бемории васвос* [157,142], *бемориҳои гармӣ* [157,205], *бемории даврай* [157,182], *бемориҳои зардоби* [157,127], *бемории захми сар* [157,157], *бемории зардӣ* [157,144],*бемории истисқоӣ* [157,59], *бемории доисаълаб (бемории резиши мӯй)* [157,156], *бемории качалии (калии) сар* [157,14], *бемории истисқо* [157,186 , 144, 150], *бемори қулинҷ* [157,117], *бемории молихулиё* [157,180, 153], *бемориҳои талхоб* [157,77], *бемории омезаи бад* [157,186], *бемориҳои талхобӣ* [157,103], *бемории пӯст* [157,219], *бемории пӯсти сар (саъф)* [157,215], *бемории песӣ* [157,79], *бемории погура* [157,19], *бемории рӯда* [157,110, 222], *бемориҳои сахт* [157,19], *бемории ҷузоми* [157,153], *бемории ханозир (омоси ғадуди линфи гардан), бемориҳои сардӣ* [157,108], *бемории ниқрис* [157,143;159], *бемориҳои сард* [157,142], *бемории сардӣ* [157,113;122], *бемориҳои сардизо* [157,111], *бемориҳои бо решаи сардӣ* [157,110], *бемории ҷигар* [157,79], *бемории ҷӯш* [157,219], *бемориҳои аъсоб* [157,184], *бемориҳои ношӣ* [157,186], *бемории аъсоби заъиф* [157,190], *бемориҳои обила* [157,195], *бемории ҳасба* [157,195], *бемории тоъун* [157,195], *бемории таби вабоӣ* [157,195], *бемории чашм* [157,18], *бемории ханозир* [157,229], *бемории ҷаззом* [157,195], *бемориҳои шуш* [157,180], *бемории сардард* [157,120], *бемории қулинҷ* [157,120], *бемории гурда* [157,181], *бемории хиёраки бузург (дабила)* [157,181], *бемориҳои шикамбай* [157,195], *бемории сил[157,80], бемориҳои намвар* [157,167].

Ҳоло шарҳи бархе аз истилоҳоти тиббии қадимаро, ки имрӯз дар ин қолаб корбаст намешаванд, таҳлил менамоем:

Бемории барсом варами пардаҳо, мушакҳои синаву паҳлуҳои инсонро меноманд, ки дар соҳаи тибб бо истилоҳи “плеврит (pleuritis)”

зикр мегардад. Закариёи Розӣ қайд кардааст, ки агар кас дар дармони таб дерӣ ё бепарвоӣ кунад, ба **бемории барсом** ва илтиҳоб гирифтор мешавад.

Бемории фалаҷ - аз кор мондани ягон узви организм, шалдард. Ин беморӣ зиёд мушоҳида мегардад. Барои беморони гирифтори фалаҷ молидани равған манфиатовар мебошад.

Бемории *сурхак* ё *обила* имрӯз бо истилоҳи *сурхакон* истифода мегардад: "*Сурхакон* سرخکان - гулгуна, сурхчаи сабук, сурхчаи хафиф, рубеола, бемории гузарандаи шадиди кӯдакон, ки бо дамидани доначаҳо бар пӯст падид меояд. Rubeola" [134,256]: *Вале агар **бемории обила ва сурхак** оғози берун рафтан бикунад ва фурӯкаш кардани таб ва гармо тунд гардад, пас ӯ беҳбуд меёбад* [157,400].

*Дармон* калимаи тоҷикӣ буда, ҳамчун истилоҳи тиббӣ ва ҳамчун калимаи маҷозӣ дар фарҳанги тахассусӣ ва "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин маънидод шудааст: *"дармон 1 дору, даво; 2. сомонбахшӣ ва муроқибат аз бемор барои муқобала бо беморӣ, ё ихтилол, ё осеб, ё пешгирӣ аз онҳо"* [134,328].

Дар "Тибби Мансурӣ" бо ин калима истилоҳҳои зиёди тиббӣ офарида шудааст: *дармони зуд берун омадани оби мардона* [157,134], *дармони шураи сар* [157,134], *дармони сустии ҷинсӣ ва коҳиши оби мардона* [157,15], *дармони беморон* [157,174], *дармони зуд берун омадани оби мардона* [157,15], *дармони сустии ҷинсӣ* [157,15], *дармони хуморӣ* [157,15], *поидани заҳрҳо* [157,15], *дармони сармозадагӣ* [157,15], *дармони беморӣ* [157,255], *дармони думал* [157,269], *дармони заҳрҳо* [157,16], *дармони азивут* [157,243] *дармони таъвиломада* [157,257], *дармони раг ба раг шудан* [157,259], *дармони шикастагиҳои шикофта* [157,260], *дармони шикастагиҳои шикофташуда* [157,264], *дармони доруҳои руёнандаи гӯшт* [157,266], *дармони захм* [157,270], *дармон мӯй* [157,209], *дармони огози качалӣ; фар [157,печон] кардани мӯй* [157,14], *дармони ҳиҷомат* [157,204],

*дармонии ҷузом* [157,228], *дармони ноҳамвориҳои нохунҳо* [157,235], *дармони сармозадагӣ* [157,247]:

Дору вожаи аслӣ буда, онро барои дафъи беморӣ, рафъи ҷароҳат, захм ва таскини дард истифода мебаранд. Тавассути вожаи дору чунин ибораистилоҳҳо сохта шудаанд: дарди сар, доруи обакӣ, тавассути дору маҳс кардан, дору хӯрдан; доруи беҳушӣ // доруи мадҳушкунӣ, моддаи беҳискунандаи бадан, дору барои табобати тамоми бемориҳо истифода мегардад ва дар фармакология таҳия карда мешавад.

Дору сеистеъмолтарин вожаест, ки тавассути он дар асари мавриди назар истилоҳоти тиббӣ офарида шудааст: *доруҳои рӯёнандаи гӯшт* [157,16], *доруҳои азмиёнбарандаи гӯшти зиёдатӣ* [157,16], *доруҳои гармизо [157,239; 272], дорӯи равонкунанда* [157,187; 173], *доруҳои сарбозкунандаи захмҳо* [157,16], *доруи ҷилавгирикунанда* [157,233], *доруҳои равғанӣ* [157,270], *доруҳои ҷӯшдиҳандаи бофтнарм* [157,271], *доруҳои гӯштзо* [157,272], *доруи тунд* [157,228], *доруҳои аз миёнбарандаи товали пӯстӣ* [157,224], *доруҳои нарм* [157,98], *доруҳои поккунанда* [157,98], *доруҳои ҷилодиҳанда* [157,98], *доруҳои мухаддир* [157,203], *доруи молиёнӣ* [157,209], *доруи нарм* [157,265], *доруҳои пударӣ* [157,273], *доруҳои нерубахш* [157,163], *доруҳои гарм, ки хунро сиёҳ мекунанд* [157,276].

Закариёи Розӣ барои табобати ориза, бемориҳо ва омосҳои гуногун тарзу усулҳои мухталифро пешниҳод намудааст. Масалан, қайд мекунад, ки барои табобати захм сари онро боз намуда, барои беҳ гардидани он **доруҳои нерубахш** гузоранд. Инчунин барои табобат ва дармони захмҳо, берун овардани чиркҳо доруҳои рӯёнандаи гӯшт, доруҳои сари пуччакро бозкунанда, доруҳои гӯшти зиёдатиро барҳамдиҳанда тавсия додааст, ки онҳо хусусияти сари захмҳоро кушодан доранд, ки ниёз барои шикоф кардан ва сари захмро бо корд набошад.

*Омос* - бластомаҳ, афзоиши барзиёди бофтаҳое, ки аз ҳуҷайраҳои шаклу вазифаашонро гумкардаи организм иборатанд. Хусусияти ин гуна

ҳуҷайраҳо дар он аст, ки баъди итмом расидани таъсири омилҳои омосовар низ афзоиши худашонро идома медиҳанд. *Омосҳо некфарҷом* (ғайрисаратоннӣ) ва бадфарҷом (саратонӣ) мешаванд. Омосҳои некфарҷом бофтаҳои атрофи худро тела дода, оҳиста-оҳиста месабзанд. Онҳо дар бофта реша намедавонанд. *Омосҳои бадфарҷом* дар бофтаи атроф реша меронанд ва онҳоро вайрону хароб месозанд. Дар натиҷа рагҳо зара дида, дар онҳо ҳуҷайраҳои омосӣ ташаккул мeёбанд... [156, 343]: *омоси пилки поин* [157,74], *омоси сахт* [157,16], *омоси сипурз* [157,91], *омоси сӯхта* [157,150], *омоси сухтагӣ* [157,150], *омоси хушкида* [157,268], *омоси сахти шикамба* [157,141], *омоси шул (суст)* [157,16; 147; 151], *омоси шал* [157,155], *омоси шуш* [157,18], *омоси шикамба* [157,111; 128], *омоси чиркин* [157,266], *омоси сахти бандҳо* [157,142], *омоси заҳдон* [157,158], *омоси нишастгоҳ* [157,353], *омоси даст* [157,412],*омоси забон* [157,341], *омоси гурда* [157,346], *омоси кашолаи рон [157,404], омоси кашолаи пой* [157,404], *омоси зери бағал* [157,404], *омоси чашм* [157,327]: *Агар касе бо доштани бемори сарсон дар пои гӯши худ аз осеб ва дарде озор бубинад ва он сурхранг бишавад ва ё дар* ***бемори барсонг*** *ба хамрох доштани гирифтагиҳои сахти ҳалк, гардан сурхранг ва ё дарбархе аз ҷойҳои синаи он нороҳатӣ дида шавад ва ё* ***омоси зери бағал*** *ва даст ё о****моси кашолаи ром ё пой в****а омосҳо дар шикам падид оянд, онро набояд сард кард ва на тақвият намуд* [157,404].

Закариёи Розӣ роҳу воситаҳои табобати омосҳои гуногунро тавассути гиёҳу растаниҳо тавсия дода, истифодаи онҳоро барои рафъи омосҳо муфид медонад. Растании *иклилу-л-малик мизоҷи гарм дошта, онро барои нарм кардани захм ва варамҳои сахти бандҳо ва узвҳои дарунӣ истифода мекунанд. Растании ушшақ мизоҷи гарм дошта, ҳамчун давои нармкунандаи варамҳои сахт ва ҳамчун доруи обкунандаи* ***омосҳои ханозир*** *истифода мегардад. Растании ушшақро кӯбидаи он рӯи* ***омосҳои пурзарабон*** *моландонро карахт хоҳад кард. Растании ғор ва ё ба ибораи дигар*

*мобиҳиштон гарм буда, онро барои табобати* ***омоси заҳдон*** *ва инчунин захми неши каждум, бемориҳои асабӣ ба кор баранд. Дона, равғани он дилошӯбзо мебошад.*

Вожаи *дард* маъмултарин истилоҳест, ки дар тиб истифода мегардад. Ин вожа дар фарҳанги тахассусӣ чунин тафсир шудааст: "1. дард درد. - беморӣ, касалӣ, мараз - Morbus.дарди бандкушо дарди банду буғумҳо, Arthralgia; дарди бар дарди паҳлу, Pleurodynia; дарди мондагӣ дарде, ки аз паси анвои мухталифи мондагӣ ҳис карда шавад; дарди пушт дарди миён, (Rh)achialgia; дарди сихзананда дарди халакунанда, Dolor fulgurans; дарди сӯзон дарди сӯзонанда, Causalgia, dolor acer; дарди шикофанда дарди пармакунанда, Dolor terebrans; дарди мафосил бемории бандҳои устухон, ревматизм; дарди муҳлик касалии ҳалокатовар; дарди сирояткунанда касалии гузаранда..." [223,327].

Ин вожа дар "Тибби Мансурӣ" -и Закариёи Розӣ серистеъмол буда, тавассути он 33 адад истилоҳибораи тиббӣ сохта шудаст: *дарди асаб* [157,152], *дарди андомҳои беруниии тан* [157,19], *дардҳои асабӣ* [157,157], *дарди банд* [157,117], *дарди дандон* [157,18;148], *дарди гӯш* [157,150], *дарди гиҷгоҳ ё нимаи сар* [157,18], *дардҳои заҳдон* [157,142; 147], *дарди сарди заҳдон* [157,144], *дарди кафи по* [157,157], *дарди нишемангоҳ* [157,145], *дарди зоимон* [157,201], *дарди ҷигар* [157,18;150], *дардҳои сипурз* [157,18], *дарди тиҳигоҳ* [157,150], *дардҳои сарди заҳдон* [157,144], *дардии равғани базар* [157,265], *дарди ними сар* [157,17], *дардҳои дардҳои падидомада* [157,147], *дардҳои пай* [157,147], *дарди гӯш* [157,137], *дарди пайҳо* [157,154; 153], *дарди шикамба* [157,18], *дарди шикам* [157,185], *дарди тиҳигоҳ* [157,150], *дарди кафи по* [157,156], *дарди решаи дандон* [157,293], *дарди дилпеч* [157,301], *дарди зарбонӣ* [157,256], *дарди зарбондор* [157,334], *дардҳои балғамӣ* [157,335], *дарди сиётик* [157,358], *дарди бавосири омосида* [157,350]: *Нақрас ва* ***дарди сиётик*** *ва* ***дарди тиҳигоҳ*** *ва бандҳо* [157,358].

Закариёи Розӣ **дардеро, ки аз** тиҳигоҳ ба рон ба меравад, дарди сиётиқ меномад. Ба андешаи Закариёи Розӣ ранги пешоби аз дардҳои сахт дигаршуда, аз омехтагии сардӣ ба миён меояд ва инчунин аз бемории рӯдаҳо ва хала, **дарди дандон** ва гӯш пешоб серрангинтар мегардад.

Вожаи *чарб* дорои чунин маънист: "1.чарб چرب. - равған, пиҳ, шаҳм, махсусан равғани даруни, Adeps; 2. равғанӣ, равғанин. 3. фарбеҳ" [134, 523]. Дар "Тибби Мансурӣ" бо ин вожа 16 адад истилоҳибора сохта шудааст, ки дар тиб ҳамчун даво ба кор мебурданд: *чарбии буз* [157,164],*чарбии гоз* [157,164], *чарбии гӯсола* [157,164], *чарбии мург* [157,204; 224; 229], *чарбии говмеш* [157,164;170], *чарбии гӯсола* [157,170], *чарбии мур* [157,265], *чарбии урдак* [157,265], *чарбиҳо нарм* [157,156], *чарбии оҳубарра* [157,164], *чарбии хук* [157,170], *чарбии хирс* [157,265*],* *чарби ордак* [157,218], *пиҳ (чарбӣ)***,** *орди ҷави бирён* [157,115], *чарбии мор* [157,169], *чарбии ардак* [157,354]. Агар **чарбии хук (хинзир)**, **чарбии гӯсола**, кура, кундур, зифт ва широбаи санавбар бо равғани зайтун омехта, ба рӯйи думмал гузоранд, чирки онро берун оварад ва кӯмак кунад. **Чарбии ғоз** нерӯмандтар аз **чарбии мурғ ва буз буда, хусусияти нармкунандагӣ дорад. Чарбии говмеш** нерӯмандтар, аммо **чарбии оҳу** сустттар буда, онҳоро ҳамчун доруи нармкунанда ба кор баранд.

Дар маводди гирдовардаи мо бо ҷузъи *нишона* чунин ибораистилоҳҳо сохта шудаанд, ки ҳамчун ифодакунандаи аломат, нишонаи бемориҳо, ҳолати организм ва мафҳумҳои дигар корбаст гардидааст. Бо ин вожа 84 истилоҳибора мушоҳида гардид: *нишонаҳои абрӯ* [157,12], *нишонаҳои ахлоқи занона* [157,13], *нишонаҳои анбоштагӣ* [157,76 ; 79], *нишонаҳои бинӣ* [157,12], *нишонаҳои гӯш* [157,12], *нишонаҳои гӯшт (моҳича)* [157,12], *нишонаи анбоштагӣ* [157,78], *нишонаҳои гардан* [157,12], *нишони гунаҳкорӣ* [157,86], *нишони густохӣ* [157,86], *нишони бадфаҳмӣ* [157,86], *нишонаи бехирадӣ* [157,85; 86], *нишонаҳои баднихҳодӣ* [157,88], *нишонаҳои бешармӣ* [157,88], *нишонаҳои беморӣ* [157,205], *нишонаи*

*гармомезаи намур* [157,74], *нишонаҳои дуруштхӯӣ* [157,12], *нишонаҳои лабу даҳон ва дандон* [157,12], *нишонаи камҳушии* [157,85], *нишонаҳои мӯй* [157,12], *нишонаҳои диловарӣ* [157,12], *нишонаҳои тани ҳамоҳанг (муътадил)* [157,12], *нишонаҳои омезаи гарм* [157,12], *нишонаҳои омезаи гарму хушк* [157,12], *нишонаҳои омезаи сарду тар* [157,12], *нишонаҳои омезаи магз* [157,12], *нишонаҳои омезаи дил* [157,12], *нишонаҳои чирагии зардоб (сафро*) [157,12], *нишонаҳои чирагии талхоб (савдо)* [157,12], *нишонаҳои чирагии балгам* [157,12], *нишонаҳои ранг (пӯст)* [157,12], *нишонаҳои чашм* [157,12], *нишонаҳои пешонӣ* [157,12], *нишонаҳои рӯй ва симо* [157,12], *нишонаҳои сухан гуфтан ва овоз* [157,12], *нишонаҳои ханда* [157,12], *нишонаҳои ҷунбиш* [157,12], *нишонаҳои шикам* [157,12], *нишонаҳои пушт* [157,12], *нишонаҳои шона* [157,12], *нишонаҳои бозу* [157,12], *нишонаҳои кафи даст* [157,12], *нишонаҳои тиҳигоҳу ланбар (сурин)* [157,12], *нишонаҳои тарс* [157,12], *нишонаҳои талхрӯӣ (бадахлоқӣ)* [157,13], *нишонаҳои ҳавасронӣ* [157,13], *нишонаҳои хӯи ахтагон* [157,13] *нишонаҳои сустии пай (асаб)* [157,12], *нигоҳдошти давраи нақоҳат* [157,19], *нишонаҳои чирагии балғам* [157,78], *нишони чирагии хун* [157,78], *нишондиҳандаи чирагии талхоб* [157,78], *нишондиҳандаи чирагии омезаи гармо* [157,78], *нишонаи нерӯ* [157,86], *нишонаи бадахлоқӣ* [157,86], *нишонаи камхирадӣ* [157,86], *нишони хирадмандӣ* [157,86], *нишонаи нодонӣ* [157,86], *нишонаи тунд* [157,86], *нишонаи ҳайкалмандӣ* [157,86], *нишонаҳои каф* [157,86], *нишонаи бехирадӣ* [157,86], *нишонаи пурҷӯӣ* [157,86], *нишони камҳушӣ* [157,86], *нишонаҳои нишемангоҳ* [157,86], *нишони шӯх* [157,86], *нишонаи занборагӣ* [157,86], *нишонаи нерӯмандӣ* [157,86], *нишондиҳандаи чирагии хун* [157,64], *нишони коҳиши зардоб* [157,64], *нишони коҳиши талхоб чирагии балгам* [157,64], *нишонаҳои тундсириштӣ* [157,88], *нишонаи сустии тан* [157,86], *нишонаҳои омезаи хояҳо* [157,72] *нишонаҳои талхруйӣ* [157,88], *нишонаҳои шаҳватронӣ* [157,89], *нишонаҳои чирагии хун* [157,76], *нишонаҳои чирагии зардоб* [157,76], *нишонаҳои омезаи шуш* [157,70], *нишонаи*

*омезаи ҷигар* [157,70], *нишонаҳои коҳиши тавон* [157,74], *нишонаи омезаи гарм* [157,73]. **Нишонаҳои чирагии хун ба** монанди **нишонаҳои гунаи нахустин анбоштагӣ** дар чойҳое, ки роҳи берункардани хун ба таври табии бошад, хориш падидор мегардад ва ҳисси ногаҳон пайдо шудани ҷӯш, дамл ва инчунин, ранги сурхи пешоб мебошад.

**Нишонаҳои чирагии талхоб** қайд мекунад, Закариёи Розӣ пайдо шудани сӯзиш дар шикам, зиёдшавии иштиҳо, рангипаридагӣ, сиёҳӣ, вазнинӣ, гардиши хун ва пешоби сияҳранг мебошад. Ин донишшманд дарозӣ ва кӯтоҳии умри инсонрол ба кӯтоҳӣ ва даРозӣигӯш вобаста দониста, зикр мекунад, ки **касе** гӯши баланд дорад, нодон, дарозумр ва касе, ки гӯши хурд дорад, нишонаи нобакорӣ ва кӯтоҳумрии ӯ мебошад.

*Омеза* - истилоҳи тиббӣ буда, дар ВТ чунин маънидод шудааст: “1.омеза - мубошарат ва ҷимоъ; 2. ба маънии мизоҷ ва табиат; 3. давоҳое, ки махлут карда шудаанд” [134,749]. Бо вожаи омеза дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ 20 адад истилоҳиборaҳои тиббӣ сохта шудаанд, ки мизоҷи давоҳои марбут ба бемориҳои гуногунро мефаҳмонанд: *омезаи андомҳо* [157,12], *омезаи гарму хушк [157,70], омезаи гарми намур* [157,67; 68], *омезаи дил* [157,67; 70], *омезаи мағз* [157,74], *омезаи бофти гурда* [157,75], *омезаи бофтсозандаи шир* [157,75], *омезаи бофти шуш* [157,75], *омезаи намуру* [157,70; 74;120], *омезаи сарди намур* [157,67; 68], *омезаи шуш гарм* [157,70], *омезаи хушк* [157,240], *омезаи хушкии магз* [157,79], *омезаи пай* [157,75], *омезаи сарди ҷигар* [157,70], *омезаи андомҳои фармондиҳӣ* [157,72], *омезаи хушк* [157,67], *омезаи ҷигар* [157,70], *омезаи сарди ҷигар* [157,70].

**Омезаи сарди ҷигар** дорои нишонаҳои мӯйи сари лахт ва сиёҳии кам буда, чунин касон камхоб ва кундзеҳн мебошанд. Дорандаи **омезаи гарм** ва хушк пойдор ва нерӯманд мебошанд. Дорандаи **омезаи намнок** ва сард, нишонаҳои омезаи сардро соҳибанд. Закариёи Розӣ қайд мекунад, ки **омезаи гарми шуш** боиси овои бузург, нафаси амиқ ва синаи

бисёр кушод хоҳад буд ва барои соҳибони чунин омеза фурӯ бурдани ҳавои сард зараровар, аммо нафасгирии ҳавои гарм ба шуш зарари зиёд меорад.

*Таб* - ҳамчун истилоҳи тиббӣ дар сохтани ибораистилоҳҳои тиббӣ дар объекти таҳқиқи мо истифода гардидааст. Бо ёрии вожаи таб 19 адад истилоҳиборахои тиббӣ сохта шудааст: *таби беҳушкунанда* [157,19], *таби вабоӣ* [157,19], *таби балғамӣ* [157,132], *таби диқ (сил)* [157,19], *таби ларзӣ* [157,19], *таби боло* [157,111], *таби доғ* [157,148], *таби лозим, даққ* [157,191], *таби ғаб* [157,19], *таби сахт* [157,105], *табҳои куҳна* [157,143; 144], *таби пайваста* [157,19], *таби омос* [157,270], *табҳои сӯзандаи сахт* [157,196], *табҳои таркибӣ* [157,19], *таби фарогир (мутабақа)* [157,196], [157,195], *таби рӯзона* [157,19], *таби муҳриқа ё сӯзон* [157,19], *табҳои уфуни* [157,138]: *"Танро шодоб ва мартуб мекунад, барои* ***таби диқ*** *ва сил ва сурфаи хушк ва сӯзиши пешоб ва касе банг ва зароеҳ хӯрда бошад, судманд аст"* [157,120]. *"Дар пайваста хӯрдани он* ***табҳои балғамӣ*** *падид меояд"* [157,132].

Вожаи *равған* дар ВТ чунин ташреҳ ёфтааст: "Равған روغن - дар тибби қадим якум ба маънои «равған» [134,116] исми ҷинс буда, ҳамаи навъҳои равған, аз қабили равғани рустанӣ, равғани гов, равғани гӯшт, равғани кунҷид, равғани сиёҳдона ва ғайра шомил мегарданд, ки хусусияти табобатӣ доранд. Равғани кунҷидро гирифта, бо оби афшураи ин ё он рустании доруги то хушкидан меҷӯшонанд ва дар ин ҳолат равған қувва ва мизоҷи онро мегирад, ки он равғанро "мураккаб" ном мебаранд.

Закариёи Розӣ бо вожаи равган истилоҳиборахоеро ба кор бурдааст, ки барои табобат дар соҳаи тиб истифода мегарданд. Бо вожа равған дар "Тибби Мансурӣ" 41 адад истилоҳибора корбаст гардидааст: *равгани бон* [157,156; 256], *равгани бунафша* [157,229; 153; 252], *равгани батм* [157,241], *равгани бодом* [157,222], *равгани бодоми талх* [157,194], *равгани балисон* [157,137], *равгани баласон* [157,169], *равгани гандум* [157,224],

*равгани гирду* [157,134], *равгани гули сурх* [157,215;163; 164; 221; 222], *равгани гуворо* [157,163], *равгани дог* [157,16; 134], *равгани зайтун* [157,134], *равгани занбақ* [157,241; 242], *равгани зайтуни хуб* [157,169], *равгани зайтуни қуҳна* [157,134], *равгани зайтуни виларм* [157,271], *равгани каст (қуст)* [157,137], *равгани каду* [157,137], *равгани карчак* [157,137], *равгани нордин* [157,243], *равгани мастакӣ* [157,137], *равгани наргис* [157,247], *равгани норгил* [157,134], *равгани нилуфар* [157,137], *равгани ос* [157,137; 211], *равгани савсан* [157,164; 240], *равгани турбкучалии огозин* [157,211], *равгани турб* [157,162], *равғани хайри шаббуйи равгани табоҳшуда* [157,17], *зард* [157,201], *равгани хийсонда* [157,256], *равгани ҳайвонӣ* [157,224], *равгани сунбул* [157,137], *равгани наргис* [157,137], *равгани уллайқ (хуч)* [157,160], *равгани ҳайвонӣ* [157,134], *равгани хушмаза,* [157,163], *равгани ҳамешабаҳор (хайрӣ)* [157,137].

Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ҳангоми омадани дарди таваллудкунӣ барои сабук намудани он ба зери нофу сурин ва паҳлуҳо равғани хайрӣ ва шанҷарф бимоланд, сабукӣ орад. Ағар **равғани хоми гули сурх** меомезанд то якнавохт шудан омехта кунанд ва марҳаммолӣ кунанд, муфид аст. Асал, самғи бозурад ва **равғани баласонро** дар зарфе гирифта, омезанд ва бо он равғанмолӣ кунанд, муфид бошад.

Ҳамчун маводди шифоҳӣ дар тиб афшураҳо ба кор бурда мешаванд. Закариёи Розӣ барои табобат ва рафъи бемориҳо аз афшураҳо зиёд истифода намуда, хусусияти муфиди онҳоро шарҳ додааст.”*Афшура* افشوره - оби мева ва набототт, ки онро бо фишурдан ҳосил мекунанд, монанди оби ғӯра, оби лимӯ ва ғ. “[134, 178].

Бо ёрии вожаи афшура 31 адад истилоҳибора истифода шудааст: *афшурдаи ангур* [157,101], *афшураи ҷӯшондаи анори турш* [157,111], *афшураи анори ширин* [157,193], *афшураи афсантин* [157,166], *афшураи анор* [157,193], *афшураи гули сурх* [157,111], *афшураи зайтун* [157,158], *афшураи ҷӯшондаи ғӯра [157,112],афшураи гули сурх* [157,111], *афшураи*

*шохаи дарахти хурмо* [157,160], *афшураи ҷӯшондаи себи турш* [157,111], *афшураи ҷӯшондаи ривос* [157,112], *афшураи ҷӯшондаи турунҷи турш* [157,112], *афшураи ос* [157,234], *афшураи хиёри чанбар* [157,158], *афшураи ширинбаён* [157,162;163], *афшураи хиёри чанбар* [157,166; 169], *афшураи ҷӯшонадаи анор* [157,188], *афшураи ҷӯшондаи тут* [157,197], *афшураи судоб* [157,201], *афшураи карафс* [157,220], *афшураи марзангӯш* [157,225], *афшураи лаҳият-ут-тис* [157,229], *афшураи ҷӯшондаи туранҷи турш* [157,384], *афшураи афаснатин (апаснатин)* [157,335], *афшураи зарашк* [157,379], *афшураи ансил* [157,319], *афшураи ҷушондаи тути шомӣ* [157,341], *афшураи лиҳя алтис (реш буз)* [157,347], *афшураи бодруҷ (гули бустонафрӯз)* [157,336], *афшураҳои дафншуда* [157,96]: ... афшураи ансилро бо асал пухта, бо доруҳои пешин хамире созед ва аз он рӯзона як мисқол истифода намоед, касро аз истеъмоли хӯрокиҳои вазнин дур нигоҳ дорад. Як дирам пияи ҳанзал, бураи нон се дирам, гандибедастар ним дирам, заровандгард ним дирам, **афшураи афаснатин б**о ҳамон андоза ва фарфуюун як донагӣ ва заҳраи гов ба андозаи хамир кардан биомезед, марҳаме омода мегардад, ки барои бемориҳо давобахш аст. Барои рафъи хунрезии бинӣ **афшураи бодруҷ, гули бустонафрӯзро** истифода намоянд, муфид аст Беморро водор ба даҳоншӯӣ бо **афшураи ҷушондаи тути шомӣ** кунед [157,335].

*Афшураи* ***ҷӯшонидаи ширинбия*** *даҳ дирам, нишаста, катиро ва бодоми пӯстканда аз ҳар кадом панҷ дирам ва шакари табарзад даҳ дирамро бо луоби тухм ба гирд меоранд* [157,342].

*Шароб* дорои ду маънист: 1. ба маънои умум ошомиданӣ; 2.шарбат, моеи доругӣ ва ғизоии маъруф [134,553]. *Шароб* ҳамчун моеи дуругӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ серистеъмол буда, ин донишманд барои кадом беморӣ муфид ва шифобахш будани навъҳои шаробро мушаххас тавсиф намудааст. Дар ин асар беш аз 31 адад истилоҳиборaҳои бо вожаи шароб сохташуда корбаст гардидаанд: *шароби азхар* [157,242],

*шароби асал* [157,110], *шароби ангури кӯҳна* [157,251], *шароб гамкунандаи шикамба* [157,109], *шароби гулоб* [157,186], *шароби гиёҳӣ (райҳонӣ)* [157,234], *шароби зардолу* [157,154], *шароби ноб* [157,237], *шароби кӯҳнаи ноб* [157,183; 184; 213], *шароби нерӯманд* [157,247], *шароби кӯҳна* [157,161], *шароби кухнаи талхи обакӣ* [157,157], *шароби сафедбои чарб* [157,248], *шароби кӯҳнаи гарм* [157,98], *шароби хурмо* [157,259], *шароби обакӣ ҷаворишан* [157,174], *шароби райҳонӣ пухта* [157,230], *шароби кишмиш* [157,110], *шароби сиёҳ* [157,110], *шароби догкунанда* [157,248], *шароби зарди софшуда* [157,93], *шароби гарм* [157,95], *шароби сафед* [157,98], *шароби тунд* [157,101], *шароби обакӣ* [157,153], *шароби пухта* [157,144], *шароби олу* [157,112], *шароби кӯҳнаи бандоваранда* [157,258], *шароби сиёҳи ноб* [157,276], *шароби мулоим* [157,99], *шароби сангини тозаи сиёҳ* [157,98], *шароби ширин* [157,99; 101]. "Ҳамчунин ранги сабзи пешоб нишона аз хӯрдани сабзиҳо ва сиёҳии ранги он аз хӯрдани талхӣ ва нӯшидани шароби сиёҳ мебошад" [157,419].

Закариёи Розӣ бар он назар аст, ки шароби ангур неру ва шитоби набзро фузун мекунад. Барои зиёд намудани қувваи худ аз хӯрдани хӯрокиҳои сабук ва зудҳалшаванда **шароби сафеди обакиро** истеъмол кардан муфид аст.

Вожаи *гул* дар тиб барои тайёр намудани доруву давоҳо зиёд истифода мегардад. "Гул ғунача ва ё муғҷаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, шукуфаи кушода, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе дарахтон ва гиёҳон дар шохҳои худ ҳосил мекунанд ва баъд аз муддате ба ҷойи он тухм ё мева ба вуҷуд меояд" [151,302].

Закариёи Розӣ дар "Тибби Мансурӣ" бо вожаи гул 22 адад ибораистилоҳҳоро ба кор бурдааст, ки хусусияти табобатӣ доранд: *гули ангубин (ҷуланҷабини асалӣ)* [157,140], *гули артус* [157,163], *гули сомис* [157,163], *гули тус* [157,166], *гули артус* [157,163], *гули арманӣ* [157,259; 257], *гули насрин* [157,214], *гули сурхи баспоя* [157,220], *гули сурҳ (магра)*

[157,225], *гули сурх* [157,154], *гули нилуфар* [157,243], *гули хатмитухми каттон* [157,275], *гули хаббозо* [157,127: 128], *гули ошиқпечон* [157,169], *гули шустанашудаи шому* [157,169], *гули шайпуршакли калон* [157,168], *гули хатмитухми каттон* [157,275], *гули шомус* [157,166], *гули хилла* [157,158], *гули сомис* [157,163], *гули шақоиқ* [157,166], *гули сурхи осиёбшуда* [157,209]: *Хитмӣ,* ***гули хаббозо (мулукия)****: наздик ба сармак, вале сабуктар аз он аст* [157,127]. **Гули сурх мизоҷи** сард дошта, ҳамчун дору оромкунандаи сардард аз гармӣ ва мастӣ мебошад ва зуком ва атсаро барангезонад. **Гули ангубин** ва ё ба истилоҳи дигар ҷуланҷабини асалӣ барои табобати шиками гирифтори намнокӣ ва бод муфид мебошад. **Гули хилла** гарм буда, ҳамчун рафъкунандаи тангии ҷигар ва табҳои куҳна манфиатовар аст. Пари сиёвушон, адас, ҳалиюн (морчӯба), **гули артус**, **гули сомис**, равғани хушмаза, мурдосанг, шамъ (мум), боқило, нахӯд, зайтун, харбуза, пӯсти турунҷ (лимон), фоширшин (сиёҳдору), сарахс. баро рафъи бемориҳои миён ба кор бурда мешаванж.

*Барг.* Дар тибби қадим барои омода намудани дору ва марҳамҳо барги растаниву дарахтонро истифода менамуданд. Дар асари мавриди назар бо вожаи барг 21 адад ибораистилоҳ ба мушоҳида расиданд, ки дар тиб онҳоро барои омода намудани доруву даво, табобати омосҳо ба кор мебурданд: *барги анҷура* [157,162], *барги ангуза (анҷура)* [157,158], *барги бунафша* [157,159; 162], *барги гурб* [157,162], *барги банҷанкашт* [157,159], *барги борҳанг* [157,166], *барги дафлӣ (чанор)* [157,256], *барги кунҷид* [157,212], *барги кабари тоза* [157,227], *барги сус, ё барги турфо,* [157,234], *барги дарахти ток* [157,213], *барги дарахти канор* [157,166], *барги дарахти ҳулу* [157,214], *барги дафлӣ* [157,221], *барги оздарахт* [157,251], *барги най* [157,159], *барги турб* [157,159], *барги луффоҳ* [157,168], *барги ос* [157,211; 227], *барги кабари тоза* [157,227], *барги чагандар* [157,213].

*Доруҳое, ки дар мартабаи нахуст хусусияти сардизо доранд, аз инҳо иборатанд: қокиёи нишаста [157,159], ҳастаи кишмиш [157,159], говшер*

*(ҷовшер) [157,159], ҷав [157,159], дулб (чанор) [157,159], момийсо[157,159],* ***барги най****[157,159], равғани гули сурх[157,159], харозӣ (растание, ки дар рӯйи санглох рӯяд) [157,159],* ***барги бунафша****[157,159], хори хасак[157,159], гули тоҷира[157,159], хашхош [157,159], лолахасак) [157,159], Қоқиёи нашуста* [157,160], *борҳанг* [157,160], *бақлатулямония (амаранти сурх)* [157,160] *афси сабз (мозу, чормағз)* [157,160], *банг (банҷ)* [157,160] , *каду* [157,160] *, суммоқ (номи меваи туруш)* [157,160] *, харбузаи ҳиндӣ (батихи ҳиндӣ)* [157,160] ***, барги ҳалаюн (морчӯба)*** [157,160] ***, барги зайтун*** [157,160] .

Вожаи *тухм* дар ВТ чунин маънидод шудааст: “1. нутфа, манӣ; асл, нажод; 2. байза, байзаи мурғ” [134,328]. Закариёи Розӣ дору ва марҳамҳои зиёдеро ба кор бурдааст, ки аз тухми гиёҳу растаниҳо омода гардидаанд. Дар объекти таҳқиқи мо 48 адад истилоҳибора мушоҳида гардид: тухми *ангуза (анҷура)* [157,160;165], *тухми ангидони румӣ* [157,159], *тухми гунҷишк* [157,119], *тухми ғоз* [157,119], *тухми банги сапед* [157,189], *тухми бодиринги чанбар* [157,174], *тухми бодиринг* [157,174], *тухми исфарза* [157,17; 224], *тухми баласон* [157,228], *тухми карафс* [157,239], *тухми обпазшудаи мург* [157,95], *тухми мург* [157,120], *тухми парандагоне* [157,120], *зардии тухм* [157,120], *тухми обпази сифтшуда* [157,120], *тухми нилуфар* [157,147], *тухми сарахс* [157,155], *тухми қатуно (тухми асфарза)* [157,160], *тухми харбузаи хушкшуда* [157,160], *тухми гулнор* [157,165], *тухми харбуза* [157,174], *тухми Розӣёна* [157,204], *тухми салиқ* [157,211], *тухми масфарза* [157,212], *тухми гиёҳҳон* [157,261], *тухми турб* [157,275], *тухми бодоми талх* [157,275], *тухми калам* [157,275], *тухми асфарза* [157,243], *тухми мург* [157,234], *тухми мурги обпаз* [157,237], *тухми муҳлаб* [157,217], *тухми турб* [157,214; 216], *тухми тира тезак* [157,217; 225], *тухми насрин* [157,230], *тухми морчӯба* [157,240], *тухми коҳу* [157,243], *тухми карафс* [157,254], *тухми коснӣ* [157,220], *тухми пиёз* [157,240], *тухми ратба* [157,240], *тухми фунҷанкишт* [157,243], *тухми*

*харбуза* [157,217; 219], *тухми хурфа* [157,224], *тухми гули сурхмушки якдона* [157,230], *тухми ҳувайҷ [157,*240], *тухми Розӣёна* [157,239], *тухми шалгам* [157,240], *тухми каду* [157,245]: *...ту**хми харбузаи хушкшуда***[157,160], ***тухми ангуза*** *(анҷура)* [157,160], *бодоми ширин*[157,160], *аноголис (аногир)* [157,160], *решаи сийл (бедгиё, марг)* [157,160], *пари сиёвушон* [157,160], *ҳайюлолаи* [157,160], *равган ва широбаи гирд* [157,160], *гулобӣ* [157,160]. *"Беҳтарини он шароби обакӣ, сиканҷабин ва* ***тухми харбуза ва тухми бодиринги чанбар*** *ва* ***тухми бодиринг*** *ва гиёҳи сабзи карфас ва Розӣёна ва меваи хиёри чанбар ва хиёру харбуза ва ҷуз он мебошад"* [157,175].

Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, шири касе кам гардад ба ӯ шӯрбои аз орди боқолӣ, биринҷ, нон, нони сафеди хушкшуда ва ширу шакар омоданамударо ба каме **тухми Розӣёна** ҳамроҳ карда бидиҳанд, он афзоиш, зиёд мегардад.

Вожаи *раг* дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин маънидод шудааст: "*Раг* 1 رگ. маҷрои лӯлашакле дар аъзои бадан, ки дар он хун ва лимфа ҷорист: рагу пай; раги чизе одате, хислате ба ҳаракат омадан ва таҳрик шудани яке аз хислатҳои табии инсон; аз раги гардан наздиктар дар мавриди хеле наздик будани чизе гуфта мешавад; раги даст кашидан рағбату хоҳиш надоштан (ба иҷрои коре); раг задан хун гирифтан аз раг ба воситаи амали махсус; раги касеро ёфтан аз нуқтаи заъфи касе пай бурдан, нуқтаи таъсирбахш ба чизеро ёфтан; ба рагу пайи касе нохун задан касеро ба ҳаяҷон овардан. 2. маҷ. аслу насаб: рагу реша. 3. маҷ. ғайрат, таассуб, нуқтаи заифи касе: раги хоб" [134,142].

Аз таърифи боло маълум мегардид, ки раг дар баробари маънои истилоҳӣ ба маъноҳои маҷозӣ низ истифода мегардад. Чунончи, **раги бисмил хоридан** - киноя аз кардани коре, ки худро ба сабаби он кор ба куштан диҳад [134,72], **раг хобонидан** ба маънии раг боз гирифтан аст, ки киноя аз коҳилӣ ва сустӣ кардан дар коре бошад" [134,72], **раг дар тан**

**бархостан** - киноя аз қаҳру ғазаб ва хашм ва истилоҳ бошад [134, 72] ва амсоли инҳо.

Вожаи *раг* истилоҳи тиббӣ буда, чунин шарҳ дода шудааст: "раг маҷрои лӯламонанд дар бадан, ки моддаҳои дигари моеъ аз он мегузаранд" [157,374].

Дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ бо вожаи раг истилоҳоти зиёди тиббӣ корбаст гардидааст: *раг, мӯйрагҳо, сиёҳрагҳо, сурхрагҳо, рагҳои раванда, раги зерибагалӣ, раги бузург, раги шонаӣ, раги зербагалӣ, раг шонае, рагҳои кӯчак, раги ашкӣ, раги софин, раги сиётик, раги бархоста, рагҳои мӯина, рагҳои нарина, раги кучак, раги бенабз, шохаи раги усайлим, раги зери забонӣ, раги чаҳорвак, раги пешонӣ, раги гиҷгоҳӣ, раги қайол, раги акҳал, раги босилиқ, раги ҳабл-ул-зироъ, раги усайлим, раги софин, раги зери зону, раги нисо, раги пешонӣ, раги гиҷгоҳ, раги моқ (гӯшаи чашм), раги бинӣ, раги вадоҷ, раги зери забон, раги лаб (чаҳорвак)* ва ғайра. Чунончи:

Дар ҷумлаи зерин истилоҳоти тиббии *рагҳо, мӯйрагҳо* мушоҳида гардиданд, ки вожаи *раг* серистеъмол буда, вожаи *мӯйра*г, ки аз исмҳои ***мӯй*** ва ***раг*** таркиб ёфта, ба маънои раги чун мӯй борик истифода мегардад: *Табиат барои пазириши он (балгам) ҳамчун* ***рагҳо*** *ва* ***мӯйрагҳо****, ки ҷойгоҳи хун ҳастанд ва* ***халтаи зардоб, ки ҷойи зардоб ва сипурз ҷои талхоб мебошад, ованде насохта аст*** [157,21].

Дар мисоли дигар истилоҳоти мураккаби тиббии *сиёҳрагҳо, сурхрагҳо* истифода шудаанд. Истилоҳи *сиёҳраг* аз лиҳози таркиби мофологӣ аз сифати аслии *сиёҳ* ва исми абстракти *раг* таркиб ёфта, дар тиб ба маънои "варид" истифода мегардид. Дар баробари истилоҳи *сиёҳраг* истилоҳи тиббии *сурхраг* низ истифода гардидааст. Истилоҳи *сурхраг* дар "Вожаномаи тиббӣ" чунин шарҳ дода шудааст: "Сурхраг سرخ رگ шараён, раге, ки хунро аз дил ба тамоми аъзои бадан мекашонад – Arteria" [134,256] : *Бархе дигар коргар ва дастёранд ва чаҳоранд: пайҳо***,**

***сиёҳрагҳо, сурхрагҳо****, овандҳо ва роҳҳои гузари оби нарина* [157,24]. Закариёи Розӣ мавқеи ҷойгишавии **сурхрагҳо** аз қисм чапи дил дониста, таъкид мекунад, ки ду **сурхраг** ҳамҷинсанд, вале яке хурдтар аз дигаре нозуктар аст. Вазифаи сурхраг он аст, ки вориди шуш шуда ва дар он тақсим мешавад. Инчунин кайд мекунад, ки аз устухони шармгоҳ андоми асабии пур аз фазоҳои густурда рғиш ёфтаанд ва дар ин ҷо низ **сурхрагҳои** бисёр мавҷуданд, ки ин андоми нарина мебошад.

Ба андеши ӯ ҳар узве, ки **сурхрагҳояш**ро аз даст диҳад, сахт ва карахт шуда, ҳис ва ҳаракати он сахт мегардад, сипас сард ба монанди бофтаи мурда мегардад.

Бо вожаи *раг* дар осори хатии қадим истилоҳиборaҳо сохта шудаанд, ки ин маънӣ дар "Вожаномаи тиббӣ" ифода ёфтааст: Дар тибби қадим рагҳоро ба чунин тартиб табақабандӣ кардаанд: "*раги банди соид* эҳтимол мурод аз ин вариди миёнгини қифол бошад - Vena mediana cephalica, *раг боз кардан раг задан* - хун гирифтан -Phlebotomia; *раг* ***задан*** *ништар задан* -хун гирифтан аз раг, *раги зери зону* - раги варидие, ки табибон аз барои хуни ҳайз, дарди мақъад ва бавосир аз он хун мегирифтанд -Vena poplitea. *раги зерикашӣ* - раги варидии зери бағал, ки босалиқ бад-он рафта бирезад -Vena axillaris, *раги ғафлат* -раги хоб, раги суботӣ, *раги қавин* - яке аз рагҳои варидии пой, ки барои муолаҷаи бемории қавин аз он хун бигиранд - Vena kaphenaparva, *раги қифол* - яке аз рагҳои варидии банди даст, ки аз он хун бигиранд. Ба эътиқоди табибони пешин хуни он гӯё аз сӯи сар меомадааст ва бинобар он кушодани он барои бемориҳои минтақаи сару гардан муфид будааст. Аз ҳамин сабаб номи онро «қифол» ниҳодаанд, «қифол» муарраби юнонии «kephale» буда, маънояш «сарӣ» гуфтан аст. Vena kephalica: *раги пешонӣ* - яке аз рагҳои варидӣ, ки аз миёни ду абрӯ рост бигузарад - Vena frontalis, *раги тораки сар* - яке аз рагҳои варидии сатҳи берунии косаи сар, ки аз он барои шақиқа ва решҳои сар хун бигиранд, *рагҳои фасд* - рагҳое, ки

табибони қадим аз онҳо хун мегирифтанд, *мас., қифол, акҳал, captionлиқ, усайлам, ибтӣ, софин, ирқуннасо, мобаз, чаҳорраг, раги хоб* - мурод аз ин ду шараёни гардан аст: 1. шараёни суботии дохилӣ, Arteria carotisin-terna; 2. шараёни суботии берунӣ, Arteria carotisexterna, *раги ҷаҳанда* - мурод аз ин шараён аст, *раги ҷон* - шарён, шоҳраг, ҳаблулварид” [134, 118].

Яке аз роҳҳои маъмули офаридани истилоҳоти илмӣ бо роҳи таркибсозӣ ва ё ибораорой сурат мегирад. Ин раванд дар сохтани истилоҳоти тиббӣ низ маъмул ва серистеъмол аст. Дар асари мавриди назар чунин навъи истилоҳоти тиббӣ ба вожаи *раг* зиёд ба мушоҳида расид: *раги шонаӣ* [157,42], *раги зерибағалӣ* [157,42], *раг задан* [157,17;73], *рагҳои по* [157,19], *рагҳои нарм* [157,25], *раги сиётик* [157,43], *рагҳои раванда* [157,30], *рагҳои бузург* [157,41], *раги қифол* [157,41], *рагҳои нарина* [157,72], *раги вадоҷӣ* [157,44], *раги бенабз* [157,52], *раги мӯйина* [157,59], *рагҳои сурх* [157,80], *раги гардан* [157,81] *ва ғ.*

Дар ҷумлаи зерин истилоҳибораи *рагҳои раванда* ба мушоҳида расид, ки дар сарчашмаҳо шарҳ наёфтааст: “*Ҳар гоҳ ҳарорати дил ба ҷигар намерасид, барояш нерӯе намемонд, ки кори худро ба анҷом расонад ва ҳар оина, гарм кардани мағз ба василаи **сурхрагҳо** ва дил, ки тағзияи он бо ҷигар ва **рагҳои раванда** ба сӯяш набувад, мағз тавоне бар анҷоми кори ҳамешагии худро намеёфт ва кори худро ба дурустӣ анҷом намедод”* [157,30].

Дар ҷумлаи зерин ибораистилоҳҳои *раги шонаӣ* ва *раги зерибағалӣ* корбаст гардидаанд, ки Закариёи Розӣ вазифа ва мавқеи ҷойгиршавии ин рагҳоро дар организми инсон маънидод кардааст. Ин истилоҳибораҳои аз рӯйи вазифа ва ҷойгиршавӣ номгузорӣ гардидаанд. Дар “Вожаномаи тиббӣ” *раги зерибағалӣ* бо ибораи *раги зерикашӣ* чунин шарҳ ёфтааст: “Раги зерикашӣ раги варидии зери бағал, ки босалиқ бад-он рафта бирезад -Vena axillaris [134,118] : *Ҳангоми наздик шудани шохаи шонаӣ ва зербағалӣ дар канори банди оринҷ шохаҳои бисёр з-он ҷудо мегардад, ки яке*

*аз шохаҳои* ***раги шонаӣ аз раги зербағалӣ*** *дарҳам мешаванд ва поин меоянд ва дар наздикии оринҷ номи «акҳал»-ро ба худ* мегирад [157,1 43].

Дар мисолҳои зерин ибораистилоҳи *раги софин, раги сиётик* истифода шудааст. Дар "Энсиклопедияи мухтасари тиб" *раги софин* чунин маънидод шудааст: "Софин рагест, ки дар ноҳияи буҷулаки по,ба рӯйи нарангушти по васеъ аст. Аз ин раг сар додани хун барои кушода шудани ҳайзи бастани занон, ҷароҳат ва хориши рон ва хояҳою қазиб (закар), инчунин барои аз сар ба поён фуруд омадани модда муфид аст" [156, 31]. Истилоҳибораи *раги сиётик* дар сарчашмаҳо мушоҳида нагардид. Закариёи Розӣ мавқеи ҷойгиршавии рагҳоро дақиқ нишон додааст. Аз рӯйи ақидаи ӯ рагеро, ки дар атроф ва миёни ангушти хурд, инчунин ангушти миёна ҷойгир аст, ки онро «**раги сиётик**» меноманд ва раге, ки дар атрофи ангушти пӯшида ҷойгир аст, аз **раги софин** меноманд.

*Раги усайлам* аз калимаи *раг* ва вожаи арабии *усайлам* таркиб ёфта, дар "Энсиклопедияи мухтасари тиб" чунин ташреҳ гардидааст: "*Усайлам* - рагест, ки ба раги ибтӣ пайваст буда, то панҷаҳои даст кашида мешавад. Онро аз байни ангушти кӯчак ва ангушти беном мекушоянд. Баъди кушодан, дастро дар оби гарм мегузоранд, то ки хун бознаистад. Агар онро аз дасти рост кушоянд, ба беморӣ ва иллатҳои ҷигар нафъ мебахшад ва аз дасти чап кушоянд, ба касалиҳои сипурз ва иллатҳои дил суд мебахшад. Барои бемориҳои шуш бошад, кушодани он аз ҳар тарафе бошад, равост. Азбаски дар вақти кушодани ин раг хун бештар аз ҷигар ва дил меояд, бинобар ин хунро аз ин раг набояд зиёд бисёр гирифт" [156, 31] .Закариёи Розӣ шохаи рагеро, ки дар миёни ангуштҳои хурд, дуюмин ва миёна ҷойгир аст, раги **усайлам** меномад.

Дар матни зерин ибораистилоҳҳои *раги бузург, ранҳои кӯчак, раги раванда, раги бенабз* истифода гардидаанд, ки ҳангоми хондани матн маънии луғавӣ ва вазифаи онҳо дар организм дарк карда мешавад. Яке аз услубҳои хоси Закариёи Розӣ низ дар он зоҳир мегардад, ки вазифаи

истилоҳ дар организм муайян ифода шудааст: Аз барҷастагии он **раги бузург** дармеояд ва пас аз берун омаданаш ба ду қисм ҷудо мешавад. Закариёи Розӣ дар фасли “Шинохти забон” доир ба сохти анатомии забони маълумот дода, қайд мекунад, ки забон узви гӯштӣ, нарм, сафед буда, **рагҳои хурд** ва бисёр серхун дорад, ки ранги он сурх мебошад. **Раги раванда** ду даҳона дошта, яке аз он ба шуш, ки **раги бенабз** аст мечаспад, зеро девораи он сахт ва кулуфт аст.

Дар матни зерин ибораистилоҳҳои *раги бархоста, рагҳои мӯина, рагҳои нарина* мушоҳида гардиданд, ки дар “Фарҳанги тибби ниёгон”, “Вожаномаи тиббӣ”, “Энсиклопедияи мухтасари тиб” ташреҳ наёфтаанд. Аз рӯйи вазифа ба организм дар кадом ҷойи организм мавҷуд будани онҳо ошкор гардидааст. Масалан, *раги нарина* аз лиҳози мавқеъ дар организм номгузорӣ шудааст. Нишонаҳои **рагҳои нарина чунин аст:** барҷастагӣ, намоён, зардии пайҳои он ситабр ва пӯсти перумуни нарина ва хоя зибру кулуфт.

Закариёи Розӣҷойгоҳ ва вазифаи раги бархоста ва раги муйинаро дар узвҳо дар он медонад, ки дар натиҷаи кашидани зиёдиҳои хун аз як сӯ омадани каналҳои кисаи зардобӣ ва сипурз ба узвҳои ҷигар барои берун рондани зардоб ва талхоб бошад, аз сӯи дигар, омадани ду канали гурда ба **раги бархоста** барои кашидани фузуниҳои об аз хуни сохташуда дар ҷигар мебошад, зеро хун барои боло рафтан аз **рагҳои муйина** ба бахши барҷастагии рӯйи ҷигар ниёз дорад.

Дар асари мавриди назар ибораистилоҳҳои *раги қайол, раги акҳал, раги босилиқ, раги ҳабл-ул-зироъ, раги усайлим, раги софин, раги зери зону, раги нисо, раги пешонӣ, раги гиҷгоҳ, раги моқ (гӯшаи чашм), раги бинӣ, раги вадоҷ, раги зери забон, раги лаб (чаҳорвак]*) мушоҳида гардиданд, ки баъзе аз ин истилоҳот имрӯз дар тибби муосир дар ин шакл дар истеъмол нестанд. Яке аз хусусиятҳои баёни Закариёи Розӣ дар он аст, ки ҳангоми ифода ҷойгоҳи раг, вазифаи онҳоро дар организми инсон нишон додааст:

Закариёи Розӣ дар таб барои раг задани чунин рагҳо номабар кардааст: раги қайол, раги акҳал, раги босилиқ , раги ҳабл-ул-зироъ, раги усайлим, раги софин, раги зери зону, раги нисо, раги пешонӣ, раги гиҷгоҳ, раги гӯшаи чашм, раги бинӣ, раги вадоҷ,раги зери забон, раги лаб. Аз истилоҳиибораҳои дар боло зикрёфта на ҳама дар тибби муосир бо ин ном истифода мегарданд.

Закариёи Розӣ мавқеи ҷойгишавии раги даст, раги миёнаи даст ва босилиқр**о** дар наздикии оринҷи ду даст нишон додааст. Ӯ таъкид мекунад, раги б**осилиқ** дар қисми дарунӣ ҷой гирифта, аз ҷониби зери бағал ба даст, аммо раги **даст** аз сӯйи берун ва мавқеи шона ба даст ҷойгир шудааст. Раги миёнаи даст **аз як** шохаи **раги даст** ва **раги қифол** ба вуҷуд омада, дар байни ин ду раг қарор гирифтааст. Ҷойгоҳи **раги усайлим** рӯйи пушти кафи даст, миёни ангуштони кӯчак, ангушта байни дааст мебошад. Ҷойгоҳи **раги софин** пошнаи по ва канори раги сиётин мебошад. Агар ҷойгоҳи р**аги нисо** дар самти рости устухони ақиб бошад, р**аги пешонӣ** дар миёнаи пешонӣ мебошад. Ду **раги гиҷгоҳӣ дар мавқеи** гиҷгоҳ ҷойгир бошад, **раги** ашкӣ дар маҷрои ашкӣ ҷойгир аст. **Раги бинӣ** номаълум ҷойгир буда, танҳо дар ҳолати бо ангушт рӯйи биниро фишор овардан, ҳис карда мешавад.

Яке аз роҳҳои табобат дар тибби қадима ва муосир ин тавассути хунгирӣ ё ҳиҷома сурат мегирад ва он бо ибораистилоҳи *раг задан* машҳур аст. Ин усули табобат дар замони зиндагонии Закариёи Розӣ машҳур будааст. Закариёи Розӣ бар он назар аст, ки табобат тавассути хунгирӣ ва ё ба ибораи дигар ра**г задан** барои нигоҳдошти саломатӣ ва шифоёбӣ аз бемориҳое ки ҳар қисми бадан ба вуҷуд меояд, муфид аст

Ибораистилоҳи *раг задан* имрӯз низ маъмул аст ва ба маъноҳои “ҳиҷома, хун гирифтан” истифода мегардад. Раг задан ба андешаи Закариёи Розӣ барои саломатии инсон муфид буда, дар лаҳзаҳои зарурӣ

аз марги ногаҳонӣ пешгирӣ менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки касе бо ҳамроҳи шароб ҳамеша гӯшт истеъмол бикунад, ба бемории бад ҳазм шудани шикам мубтало мешавад, ниёз ба **раг занӣ** дорад. Агар дар шахс тапиши дил доимӣ бошад, ин нишонаи ҳӯшдордиҳандаи марги ногаҳонӣ буда, ба **раг задан** ниёз дорад.

Ҳангоми *хунгирӣ* аз кадом рагҳо метавонанд истифода намуд, дар асари мавриди назар тавсиф ёфтааст: *"**Раги акҳал**, ки аз таркиби ин ду ҷо ташкил шудааст дар ҳангоме ки як беморӣ дар ин ду ҷо рух дода бошад ва ё дар ҳангоме, ки лоғарӣ ва сабукии ҳамаи танро хоста бошем, бояд аз ин **раг хун гирифта** мешавад"* [157,287].

Дар матни зерин истилоҳиборaҳои *шохаи раги усайлим, раги зери забонӣ, раги чаҳорвак, раги пешонӣ, раги гиҷгоҳӣ* корбаст шудаанд, ки ҳангоми *раг задан* аз онҳо хун гирифта мешаванд. Ин ибораистилоҳҳо аз ҷиҳати сохтор дуҷузъа ва сеҷузъа мешаванд: ***шохаи раги усайлим, раги зери забонӣ, раги чаҳорвак, раги гиҷгоҳ, раги пешонӣ ва ғ.***

Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки дар беморони гирифтори ҷигар аз **раги усайлим** ва дар бемориҳои сипурз аз шохаи чапи он хун гирифтан лозим аст. Барои беморони куҳна аз **раги зери забонӣ** аз беморони гирифтори дефтарӣ аз раги қифол хун гирифтан мумкин аст. Дар беморони гирифтори бемориҳои кӯҳнаи чеҳра аз раги пешонӣ ва раги қифол хун гирифтан мумкин аст. Шахсоне, ки аз офати барфак, чуш, захмҳои рӯи ласа дар даҳон азият мекашанд, аз раги чаҳорвак ва қифол хун гирифтан лозим аст. Ҳангоми гирифтор гардидан ба дардҳои нимаи сар, сардардҳои музмин ва дарди доимии чашм та такрор хунгирӣ кардан мумкин аст.

Аз баррасии маводди гировардашуда маълум гардид, ки истилоҳи тиббии *раг* дар асари мавриди назар серистеъмол буда, Закариёи Розӣ тавассути он истилоҳоти зиёди мураккаб ва ибораистилоҳҳоро ба кор

бурдааст. Аз таҳлили маъноӣ маълум гардид, ки дар асар ҳар як вазифаи истилоҳоти сода, мураккаб ва ибораистилоҳо равшану дақиқ нишон дода шудаанд. Инчунин истилоҳоти бо вожаи *раг* сохташударо аслан ибораистилоҳҳо ташкил медиҳанд.

*Реша* аслан калимаи тоҷикӣ буда, дар фарҳанги тахассусӣ чунин шарҳ ёфтааст: "Реша дар тибби қадим исми ҷинси бемориҳои гусастагии пайвастагӣ, ки дар гӯшт воқеъ шуда, рим карда бошанд - Ulcus. Реши балхӣ яке аз решҳои бадфарҷом, ки дар қадим онро ба мардумони Балх нисбат додаанд - Leishmaniosis cutis" [134, 141-142].

Дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ бо вожаи реша 27 адад истилоҳотибора корбаст гардидааст, ки хусусияти табобатӣ доранд: *решаи гурб (падаҳ, дарахти беҳосил)* [157,158], *решаи вораи боло* [157,31], *решаи дандонҳои осиёб* [157,57], *решаи дандонҳои боло* [157,57], *решаи мозариюн (модариюн)* [157,158, 160], *решаи ширинбаён* [157,159], *решаи сийл* [157,160], *решаи мурр* [157,161], *решаи луф* [157,161], *решаи нилуфар* [157,161;162], *решаи бантофлун* [157,161], *решаи саъд* [157,162], *решаи бантофлун* [157,162], *решаи хитмӣ* [157,163], *решаи нил* [157,162], *решаи хатмӣ (хитмӣ)* [157,165], *решаи хиёри чанбар* [157,165], *решаи луф (дастмолкаду)* [157,165], *решаи росин (пилгӯш)* [157,165], *решаи шукоъ* [157,165], *решаи най* [157,166], *решаи саъд* [157,167], *решаи куъуб* [157,167], *решаи заровand* [157,169], *решаи куъуб* [157,161], *решаи морзиюн (мӯрди зард)* [157,161], *решаи савсани нилгун* [157,275], *решаи хокистари ҳалазун* [157,161]:

*Доруҳое, хусусияти сардизо доранд: Қокиёи нишаста* [157,159]. *ҳастаи кишмиш* [157,159], *говшер* [157,159], *ҷав* [157,159], *чанор* [157,159], *дарахти канор* [157,159], *коснӣ* [157,159], *хуч* [157,159], *решаи ширинбаён* [157,159].

*Доруҳое, ки дар мартабаи дувум хушккунандаанд: девгандум* [157,161], *қафруляҳуд*[157,161], *баласон* [157,161], *ҳастаи кишмиш* [157,161],

*шоҳтара* [157,161], *найи зарираҳ* [157,161], *пӯсти кундур* [157,161], *мустако* [157,161], *асал* [157,161],*пӯст ва донаи турунҷ* [157,161], ***решаи мурр*** [157,161], *сунбулуттайиб* [157,161], *шароби ноби мардафкан* [157,161], *карсана* [157,161],*широбаи говшер* [157,161], *зифт (қир)* [157,161], *турб*[157,161], ***решаи куъуб*** [157,161], ***мурр*** [157,161], *дарахти мустако* [157,161], *букалак* [157,161], *зарованд* [157,161], ***решаи пилгӯш*** [157,161], *(пилгӯш), шоҳдона* [157,161], *карам* [157,161], ***решаи нилуфар*** [157,161], *нашоиста*[157,161], *гундибедастар* [157,161].

Вожаи *об* яке аз серистеъмолтарин вожаест, ки дар тиб тавассути он истилоҳиборaҳо сохта шудааст. Дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ бо вожаи об 47 адад ибораистилоҳоти тиббӣ корбаст гардидааст, ки хусусияти давой ва барои организм муфиданд: *оби анори сардшуда* [157,193], *оби амла* [157,211], *оби анори турш* [157,222], *оби анор*[157,222], *оби барги хаббоза* [157,165], *оби веларм (ширгарм)* [157,107], *оби гашнизи тоза* [157,17], *оби дог* [157,108, 269], *обкунандаи душбаз* [157,265], *оби веларм* [157,108], *оби ғура* [157,185], *оби ғурра* [157,195], *оби гашниз* [157,218], *оби каду* [157,276], *оби марзангӯшт* [157,193], *оби гарм* [157,107], *оби зогӣ (купоросӣ)* [157,108], *оби мардона* [157,72; 155], *оби мурдобӣ* [157,107], *оби панири афтимун* [157,209], *оби кони қир* [157,108], *оби сангин* [157,184], *оби ях* [157,184], *оби даҳон* [157,75], *оби кадир* [157,107], *оби шӯр* [157,107], *оби хирфа* [157,245], *оби Розӣёнаи тоза* [157,193], *оби қирӣ ва гӯгирдӣ* [157,108], *оби хирфа* [157,276] *ё оби хиёр* [157,276], *оби адас* [157,100], *оби калим* [157,100], *оби хазра (тира)* [157,276], *оби панир* [157,121; 227], *обҳои кони оҳан* [157,108], *оби кони қир* [157,108], *оби мурдосанг* [157,213], *обкомаи намакин* [157,213], *оби панир* [157,220], *оби себи туруш* [157,102], *оби анори милс* [157,258], *оби меваи дарахти ҷавзи мосил* [157,225], *оби хубла* [157,258], *оби ҷав* [157,258], *оби шанбалид* [157,100], *оби мева* [157,258]: *Доруҳои Дандон* истилоҳи тиббӣ буда, тавассути он 18 адад ибораистилоҳҳои тиббӣ сохта шудааст: *дандонҳои боло* [157,31], *дандонҳои*

*поин* [157,31], *дандонҳои суст* [157,84], *дандонҳои борик* [157,84], *дандонҳои панҷгонаи осиёб* [157,54], *дандонҳои пешин* [157,57], *дандони неши баланд* [157,84], *дандони неши нерӯманд* [157,84], *дандонҳои канорӣ* [157,57], *дандонҳои лақ* [157,156], *доруи дурахшонкунандаи дандонҳо* [157,232], *дандонҳои ҷунбон* [157,232], *решаи дандонҳои осиё* [157,294], *решаи дандонҳои осиё* [157,298], *дандонҳои суст* [157,337], *қурти дандони завол* [157,339], *устухони дандонҳо* [157,412], *ворaи дандон* [157,413]: *...он чи аз афтодани* ***дандонҳои ҷунбон*** *ҷилавгирӣ мекунад; он чи* ***кундии дандонҳоро*** *аз миён мебарад* [157,15]. **Дарди дандон** чунин нишонаҳо дорад: кашидан ва шикондани дандон [157,18], **кундии дандон** [157,18], карахтии дандон [157,18], барфак ва ҷӯши даҳон [157,18], лиссаи хунӣ [157,18], гандидагии дандон [157,18] ва ғ.

Вожаи *банд* дар тиб ҳамчун истилоҳ чунин шарҳ ёфтааст: "*Банд мафсил, пайванди мутаҳаррики байни устухонҳо ё тағоякро гӯянд, ки байни онҳо роғ мавҷуд аст. Банд як тарзи пайваст шудани устухонҳост. Банд ҳамзамон вазифаи такя ва ҳаракатро низ иҷро мекунад"* [156,178]. Бо вожаи банд 18 ададибораистилоҳот дар асари таҳқиқшаванда ба мушоҳида расиданд, ки имрӯз низ дар истеъмоланд: *банди оринҷ [157,25], банди мучи даст* [157,25], *банди разфин* [157,31], *банди гиҷгоҳи факӣ* [157,31], *бандзои ангуштон* [157,25], *понздаҳ банди панҷ*[157,33], *бандҳои ангуштон* [157,36], *бастани роҳи пешоб* [157,36], *банди соқ* [157,36], *банди мучи по* [157,36], *банди соид* [157,36], *банд овардани хуни баромада аз даҳон* [157,108], *бандҳои пурчарбӣ* [157,68], *банди шона* [157,262], *банд омадани хуни моҳона* [157,18], *равон кардани хуни моҳона* [157,18], *бандоварандаи шикам* [157,105; 109; 106], *банд овардани хун* [157,148]: *Инсони тос ва ё дорои мӯйи лахт,соф, рагҳои тангу пинҳон, инчунин,* ***бандҳои пурчарби*** *фарбеҳгун аст, ӯ шахси суст, пурхоб, танбал, суст дар кор мебошад. Касоне, ки мӯйҳои нерӯманд, зибру андоми устувор, устухонҳои кулуфт, дандаҳо, дасту поҳо доранд, шахсони диловар мебошанд.*

*Моҳича* дар тиб ҳамчун истилоҳ ба маънои "мушак" истифода мегардад. Мушак бофтаест, ки организм ва узвҳои алоҳидаи онро ба ҳаракат меоварад. Дар "Тибби Мансурӣ " бо вожаи моҳича 18 адад ибораистилоҳти тиббӣ ба мушоҳида расид, ки дар организми инсон мавҷуданд: *моҳичаҳои* ***т****акондиҳандаи сару гардан* [157,40], *моҳичаҳои ҳаштгона* [157,62], *моҳичаҳои тираи пушт* [157,40], *моҳичаҳои миёни дандонҳо* [157,40], *моҳичаҳои миёни данда* [157,40], *моҳичаҳои пӯшонандаи сина* [157,40], *моҳичаҳои шона* [157,40], *моҳичаҳои ҳанҷара* [157,38], *моҳичаҳои шона* [157,38], *моҳичаҳои сару гардан* [157,40], *моҳичаҳои бозуҳаракати кафи даст* [157,40], *моҳичаҳои миёни дандонҳо* [157,40], *моҳичаҳои пӯшонандаи сина* [157,40], *моҳичаҳои нарина* [157,40], *моҳичаи ҷилувгиркунанда* [157,54], *моҳичаи пургӯшт* [157,87], *моҳичаҳои чашм* [157,38], *моҳичаҳои соқ* [157,87].

***Муҳр****а* - муҳраи пушт ва муҳраи гардан; фақара, истилоҳоти анатомӣ буда, дар объекти таҳқиқи мо тавассути он 11 адад истилоҳибора сохта шудаанд: *муҳраҳои пушт* [157,31;45], *муҳраҳои осебдида* [157,28], *муҳраҳои гардан* [157,38], *ҳаштуми охирини муҳраи гардан* [157,40], *муҳраҳои нӯҳум* [157,40], *нахустин муҳраи гардан* [157,39], *муҳраи дувоздаҳуми пушт* [157,50], *муҳраи гарданӣ* [157,31], *муҳраҳои ҳафтгонаи гарданӣ* [157,31], *муҳраи камар* [157,32], *муҳраҳои чаҳорум* [157,38]: *Сиву як ҷуфт пай ва як такӣ аз нухоъ мерӯяд: ҳашт ҷуфти он аз миёни* ***муҳраҳои гардан*** *ва дувоздаҳ ҷуфт аз* ***муҳраҳои пушт****, ки дар баробари сина қарор гирифтаанд ва панҷ ҷуфт аз* ***муҳраҳои камар****, ки поинтар аз пушт аст ...* [157,49].

*Дастгоҳ* калимаи серистеъмол буда, дар забон маънои васеъ дорад. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин шарҳ ёфтааст: "дастгоҳ دستگاه. асбобу олат ё мошин барои сохтани чизе ё ба иҷро расонидани коре: дастгоҳи автоматӣ, дастгоҳи бетонрезӣ, дастгоҳи бофандагӣ, дастгоҳи пармагарӣ, дастгоҳи харротӣ; дастгоҳи аккосӣ олати суратгирӣ. 2. нав.

идораи иҷроияи марказӣ; мақомоти идоракунандаи марказӣ: дастгоҳи вазорат. 3. ҷоҳу ҷалол; ҳашамат; дову дастгоҳ ниг. дов" [157,426].

Вожаи *дастгоҳ* дар фарҳанги тахассусии "Вожаномаи тиббӣ", "Фарҳанги тибби ниёгон", ҳамчун истилоҳ шарҳ наёфтааст, аммо дар "Энсиклопедияи мухтасари тиб" ду истилоҳи техникӣ, ки дар тиб истифода мешаванд шарҳ ёфтааст: дастгоҳи ҳарорат ва дастгоҳи ортопедӣ [156, 69].

Бо вожаи *дастгоҳ* дар "Тибби Мансурӣ" 22 адад ибораистилоҳ корбаст гардидаанд, ки мафҳумҳои тиббиро ифода мекунанд: *дастгоҳи асабӣ* [157,91], *дастгоҳи гувориш* [157,29], *дастгоҳи гуворишӣ* [157,49], *дастгоҳи дарбаргирандаи зардпайҳо* [157,29], *дастгоҳи нигоҳбони ҳарорати ғаризи дил* [157,30], *дастгоҳи дарбаргирандаи нухоъ* [157,29], *дастгоҳи дарбаргирандаи пайҳо* [157,29], *дастгоҳи дарбаргирандаи ватар* [157,29], *дастгоҳи дарбаргирандаи моҳичаҳо* [157,29], *дастгоҳи танаффус* [157,28], *дастгоҳи таносулӣ* [157,30], *дастгоҳи ҳарорати ғаризӣ* [157,29], *дастгоҳи поксозикунандаи кисаи зардобӣ* [157,59], *дастгоҳи пешоб* [157,205], *дастгоҳи ҳис* [157,29], *дастгоҳи ҳаракат* [157,29], *дастгоҳи андеша* [157,29], *дастгоҳи дарбаргирандаи мағз* [157,29], *дастгоҳи поксозикунанда* [157,59], *дастгоҳи ҳиссӣ* [157,30], *дастгоҳи танаффусӣ* [157,49], *дастгоҳи таносулӣ* [157,79].

*Дастгоҳ* дар асари мазкур ба маънои асбобу олот, узв омадааст: Варами дар **дастгоҳи танафус** ва бофтаҳои дар миёни дандаҳо, пардаҳои перомун, ҳиҷоби диафрагмаро беморнии шӯса ва барсом номанд. агар захме дар **дастгоҳи пешобсоз пайдо шавад, пешоб** бадбӯй мешавад ва ин боиси тирагии ранг мегардад. Ба д**астгоҳи таносулӣ** заҳдон, нарина, хояҳо, найчаҳои оби нарина ва роҳҳои рафтани онҳо ба шумор меравад. Закариёи Розӣ қайд мекунад, ки **дастгоҳи гувориш ҷига**р ва дастгоҳи нигоҳбони гармии табии баданро дил ва дастгоҳи эҳсосӣ, ҳаракатӣ ва корҳои фикрӣ ва асабиро мағз идора мекунад.

*“Набз* بض ذ - ҷастани раг, ки ба воситаи он ҳолати сиҳат ва бемории аъзои бадан муайян карда мешавад, пулс, Pulse” [224, 685] . Дар фарҳанги тахассусӣ набзро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардаанд: “набзи дугона, набзи мултавӣ, набзи мутановиб, набзи шикамӣ” [134, 685-686]. Дар “Энсиклопедияи мухтасари тиб” набз ба се навъ ҷудо карда шудааст: “шарёнӣ (артериявӣ), варидӣ (венагӣ) ва капилярӣ (мӯйраг). Набзи шараёнӣ, ки одатан дар артерияи банди даст ламс мешавад, барои ташхиси кори дил аҳамият дорад” [156,182].

Закариёи Розӣ бо вожаи набз 14 адад ибораистилоҳи тиббиро ба кор бурдааст: ***набзи бузургу дароз [157,426-427], набзи паҳн[157,426-427], набзи болоҷаҳанда [157,426-427], афрошта [157,426-427], набзи фурӯафтода [157,426-427] суст [157,426-427], набзи кӯчак [157,426-427], набзи мутафотид[157,426-427], набзи тунд [157,426-427], набзи кунд [157,426-427], набзи нерӯманд [157,426-427], набзи суст [157,426-427], набзи анбошта [157,426-427], набзи тиҳӣ [157,426-427], набзи сахт [157,426-427], набзи беҷойида [157,426-427].*** *Агар набз дар дарозои соид ошкор буда ва андозаи он беш аз ҳолати тандурустӣ намоён бошад, мегӯем **набз бузургу дароз** шудааст.*

Закариёи Розӣ бар он назар аст, ки **набзи болоҷаҳанда** д гӯшти ангуштро беш аз андоза ба даруни худ фуру барад, камтар аз андозаи табиӣ бошад, онро **набзи фурӯафтода ва ё суст** номанд. Набзи паҳн онро номанд, ки ҳама паҳноии ангӯшти набзгирандаро фаро гирад ва агар замон миёни ду набз кутоҳтар дар ҳолати табиӣ бошад, онро **набзи паёпай** ва баъакс сурат гирад, **набзи мутафовит** ном баранд.

*Устухон* як навъ бофтаи пайвандии ҳайвоноти мӯҳрадор ва одамонро гӯянд: аз ҳуҷайрашои моддаи байниҳуҷайравие иборат аст аст, ки дорои намакҳои калсий ва сафеда буда, устухонро мустаҳкаму чандир мекунанд. Якҷоя бо банду буғумҳо, бандакҳо ва мушакҳо, ки тавассути

пай ба устухон васл мешаванд, дастгоҳи такяю таҳрикроба вуҷуд меорад [155, 71]. Дар ВТ 16 ибораистилоҳи тиббӣ зикр гардидааст **[ниг. 344-345]**. Дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ 36 адад ибораистилоҳ бо вожаи устухон ба мушоҳида расиданд: *устухони хоҷӣ* [157,32], *устухонҳои по* [157,34], *устухони каҷшуда* [157,263], *устухони дунболча* [157,32], *устухони хосира* [157,32], *устухонҳои сахт* [157,33], *устухони бемагзанд* [157,33], *устухонҳои кафи даст* [157,33], *устухони рон* [157,32], *устухонҳои поини гардан* [157,32], *устухонҳои сина* [157,32], *устухони чанбар* [157,32], *устухони шона* [157,32], *устухони бозу* [157,32], *устухонҳои ҷиног* [157,33], *устухони даст* [157,33], *устухони чанбар* [157,50], *устухони тиҳигоҳ* [157,50], *устухони так* [157,33], *устухони занди бузург* [157,34], *ду устухони занди соқи по* [157,34], *устухони пошнаи по* [157,34], *устухони қоп* [157,34], *устухони тос* [157,34], *устухонҳои панҷгонаи кафи по* [157,34], *устухони рон* [157,34], *ду устухони соқ* [157,34], *устухони кафи по панҷто* [157,34], *устухонҳои рез* [157,34], *устухонҳои сар* [157,31], *устухони сурин* [157,86], *устухони таҳиягоҳ* [157,86], *устухони хора* [157,48], *устухонҳои кулуфт* [157,87], *устухонҳои оринҷ* [157,25], *устухонҳои шикаста* [157,264]. Закариёи Розӣ ҳамаи **устухонҳои сарро** панҷоҳу панҷто зикр кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар мавқеи охирини муҳра **устухони хоҷӣ** мавҷуд аст, ки монанди дигар муҳраҳо ба се қисм тақсим мешавад ва бахши сеюми он **устухони дунболча** аст. **Устухони хосира** ба ду тарафи **устухони хоҷӣ** пайванд мешавад ва ҷойгоҳи сари **устухони рон** аст.

Хулосаи боби 2. Аз таҳлилу баррасии истилоҳоти тибии “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истилоҳти тиббиро дар асари мазкур ба сода, сохта, мураккаб ва истилоҳибора ҷудо кардан мумкин аст

Бояд зикр намуд, ки дар асари мавриди назар истилоҳоти сода ҷойгоҳи махсус дошта, сарчашмаи пайдоиши истилоҳоти мураккаб, истилоҳибораҳо мебошад.

Истилоҳоти сохта дар асари мавриди назар камистеъмол аст. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар сохтани истилоҳҳои тиббӣ пешвандҳо бемаҳсул мебошад. Қисми асосии истилоҳоти сохта тавассути пасвандҳои калимасоз офарида шудаанд. Ба ин вазифа асосан пасвандҳои *-а, -ак, -ӣ/-гӣ, -дон* ва ғ. истифода гардиданд.

Боиси тазаккур аст, ки дар асари мавриди назар истилоҳотти мураккаби пайвасту тобеъ истифода гардидаанд. Мавқеи асосиро истилоҳоти мураккаби тобеъ ишғол мекунанд, ки дар ташкили истилоҳоти мураккаби тобеъ ҳиссаҳои нутқ, асосҳои феъл ва сифати феълӣ корбаст гардидаанд.

Қисми муҳимми истлоҳоти тиббиро дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ истилоҳиборахо ташкил медиҳанд. Истилоҳибораҳое, ки дар ин асар истифода гардидаанд, тавассути бандаки изофӣ сохта шудаанд ва мо ибораистилоҳҳоро аз ҷиҳати ҷузъҳояшон ба дуҷузъа, сеҷузъа ва чорҷузъа ё бисёрҷузъа ҷудо намудем.

Аз таҳлили маводди гирдомада маълум гардид, ки дар сохтани истилоҳибораҳои тиббӣ калимаҳои ҷудогона мавқеи хос доранд, аз ҷумла, бемор, дард, дору, барг, устухон, раг, гул, об ва ғ.

# БОБИ III. ИСТИЛОҲОТИ ИҚТИБОСИИ ТИББӢ ДАР “ТИББИ МАНСУРӢ”-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

## 3.1. Вожаҳо ва истилоҳҳои тиббии тоҷикӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ

Истилоҳоти сода ва ё решагии забон бунёди асосии истилоҳоти соҳаҳои гунонуни илмро дар бар мегиранд. Ин навъи вожаҳо заминаи асосии калимаҳои маҷозӣ, сермаъноӣ, истилоҳсозӣ ба шумор меравранд. Калимаҳои аслӣ дар нутқи ҳаррӯзаи мо истифода мегарданд ва ба фонди луғавии забон шомил мешаванд.

Воҳидҳои решагии таркиби луғавии забони тоҷикиро калимаҳое дар бар мегиранд, ки аз лиҳози пайдоиши таърихии худ ба забонҳои ғарбии эронӣ мансубият доранд. Чунончи, қисми бештари калимаҳои решагии забони тоҷикӣ дар забони форсии имрӯза истифода гардида, заминаи асосии воҳидҳои луғавии нав ҳисоб мешаванд: ба монанди вожаҳои чашм, даст, рӯй, ширин, талх, бад, нек, об, хок, сар ва ғ. Онҳо барои забони форсии имрӯза низ калимаҳои решагӣ мансуб меёбанд

Калимаҳои решагии забон заминаи асосии ташаккули забони илм, яъне истилоҳоти илмӣ ба шумор рафта, дар густариши истилоҳоти тиббии тоҷик мақоми хосеро ишғол мекунанд. Истилоҳоти тиббии суннатии халқи тоҷикро истилоҳоти решагӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси онҳо истилоҳоти сохтаву мураккаб ва истилоҳибораҳо офарида шудаанд. Истилоҳоти аслии забони тоҷикӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ ҷойгоҳи намоёнро ишгол мекунанд: *рӯда, гулӯ, пӯст, тан, гурда, сар, гардан, даст, устухон, хун, об, раг, бод, бинӣ, китф, ҷигар, мағз, бозу, бофта* ва ғ. :

Вожаи *рӯда* калимаи аслан тоҷикӣ буда, ҳамчун истилоҳи тиббӣ ба кор бурда шудааст: “*Рӯда* روده - бахши маъруфи ҷиҳози ҳозима ва ронанда, Intestinum. Табибони қадим маҷмуи рӯдаҳоро аз шаш намуд

иборат донистаанд: *дувоздаҳангушта, рӯдаи тиҳӣ, рӯдаи дароз, кӯррӯда, қулун; рӯдаи рост"* [13,153]. Ин вожа таърихи куҳан дошта, "дар забони паҳлавӣ дар шакли «rōdig, rō, rōtik» корбас мегардид" [133, 310]: *Агар он чӣ ба даруни он сарозер шуда* ***рӯда*** *бошад, сангин ва дардовар хоҳад буд ин афтодагӣ бо фушурдани он ба ҷойи худ боз мегардад* [157,368].

Истилоҳи *хун* вожаи аслии забони тоҷикӣ буда, дар тиб ҳамчун истилоҳ ба маънои "хун дам, бофтаи моеи организм аст, ки дар рагҳои хунгард пайваста дар ҳаракат буда, ба ҳамаи узвҳо ва бофтаҳо варид мешавад" [134, 180]. "Дар забони авастоӣ калимаи ***хун*** дар шакли «vohuni, vohuna» ва дар забони паҳлавӣ дар шакли «xōn, xūn» мушоҳида гардид" [134,256].

Закариёи Розӣ ишора ба он мекунад, ки х**ун** назар ба балғам тар ва талхоб назар ба зардоб намуртар аст.

Бо вожаи хун дар "Тибби Мансурӣ" истилоҳоти *тибии хунрезӣ, чирагии хун, хунсоз, хунгирӣ, хунрез, хунхор, пурхун, ангезаи исҳоли хун, хуни сиёҳ, хуни моҳона* ва ғ : *Танро боднок ва шодоб мекунад, пешоб ва* ***хуни моҳонаро*** *равон ва шикамро нарм месозад* [157,103].

*Гулӯ* - қадимтарин вожаи тоҷикист, ки "дар забони авастоӣ «gar, garah, griw» ва дар забони паҳлавӣ «galuk, galog»" [134,312], истифода мегардид. Гулӯ ҳамчун истилоҳи тиббӣ чунин маъниро ифода мекунад: гулӯ, найи ҳозима, ки даҳонро бо сурхрӯда мепайвандад.

Закариёи Розӣ онро 5 маротиба ба кор бурдааст: *Омоси дар* ***гулӯ*** *пайдошударо хониқи сахт номанд.*

*Равған* калимаи аслӣ буда, дар тиб ба ду маънӣ истифода мешавад: "1. равған - исми ҷинс буда, мурод аз он ҳама гуна равған аст, аз қабили равғани рустанӣ, равғани гов, равғани гӯшт ва ғайра; 2. маҳдуд ва истилоҳӣ мурод аз он равғани кунҷидест, ки дар он оби фишурдаи ин ё он растании доругиро то хушкидан ҷӯшонидаанд ва равған қувва ва мизоҷи

ин растаниро гирифтааст; онро гоҳе равғани мураккаб низ гӯянд - Oleum” [134,373]. Равған ҳамчун истилоҳи тиббӣ дар объекти таҳқиқи 138 маротиб корбаст гардидааст: “*Агар дарди зоимон ба сӯроғи ӯ биёяд пушт худро бо* ***равғани хайри*** *(шаббуйи зард) ва* ***чева, ки доғкунандааст,*** *равғанмолӣ кунад”* [157,201].*”Бояд бо равған гардани навзодро хуб ва бисёр равғанмолӣ кунанд”* [157,203].

*Гардан* ҳамчун истилоҳ ба маънои “қисми дар байни сар ва тан ҷойгиршудаи бадан. Асоси гардан қисми сутурмӯҳра-мӯҳраи гардан мебошад” [223,370]: *Гардан борик ва барҷастагии* ***гулӯ*** *берунзадатар мегардад* [157,374].

“ *Оруғ//оруқ* дар забони ҳиндуаврупоӣ «reu, reug, hreug», забони лотинӣ «ructus» ва юнонӣ «ereguomai» истифода мегардид” [134,55-56]. Вожаи *оруғ* дар тиб чунин маъниро дорост: “*оруғ//оруқ* آرق\\آرغ - боди меъда, ки аз гулӯ бо садо мебарояд, Ructamen” [134,763]. *Оруғ* ҳамчун истилоҳи тиббӣ дар шакли сода, таркиб истифода гардидааст: оруғ, оруғ задан, бӯйи оруғ истифода гардидааст. Мавсуф қайд мекунад, **бӯи оруғ** ҳангоми табоҳи хӯрок дар шикамба турш аст, ҳангоми табоҳи хӯрок дар шикамба, бӯи дудмонанде пайдо мекунад. Барои рафъи **оруғ** аз бӯйи бад, дудмонанд, вазнинӣ, сӯзиш ва дилошӯбӣ поксозии шикам ва обтанӣ кардан муфид аст.

*Устухон* вожаи аслии тоҷикӣ мебошад ва дар забони “авастоӣ «asti, ast» ва паҳлавӣ «ast, astag, astuxān, astaxvān» [134,88]. истифода мегардид Устухон дар соҳаи тиб серистеъмол буда, дар объекти таҳқиқи мо 189 маротиба корбаст гардидааст. Аз рӯйи андешаи Закариёи Розӣ барои муайян намудани **устухонҳои сина** бо андоза марзи ҳар кадомро ламс кардан метавонӣ ба осонӣ онро ба даст овард.

Вожаи *ангушт* калимаи соматикии аслӣ буда, дар сарчашмаҳои тахассусӣ чунин шарҳ ёфтааст: “ангушт, қисми интиҳои дасту пойи одам

ва ҳайвонот. Ангушти одам бинобар рост будани қомат ва ба узви корӣ табдил ёфтани даст куллан тағйир ёфтааст” [157,87]. Вожаи ангушт дар забони авастоӣ «angushta», форсии бостон «angŝt» ва паҳлавӣ «anguŝt» [134,96]. истифода мегардид

Дар маводди мо бо вожаи ангушт чунин истилоҳҳои тиббӣ истифода гардидааст: *ангушти ибҳом* [157,37], *ангушти кӯчак* [157,37], *ангуштони по* [157,37], *ангуштони сабоба* [157,45], *ангушти ибҳом* [157,34], *ангуштони кӯтоҳ* [157,88], *ангушти кӯчак* [157,43], *ангушти ибҳом* [157,43], *ангуштони по* [157,36].

Вожаҳои соматикии *бинӣ, по* истилоҳоти аслӣ буда, дар забонҳои қадима чунин шарҳ ёфтаанд: “Бинӣ дар забони авастоӣ «vāēna», форсии бостон «nāham» ва паҳлавӣ «wēnīg» [134,145]. мебошад. “По дар забони авастоӣ бо шакли «pādha», форсии бостон «pād» ва паҳлавӣ «pay, pāy»[134,147] корбаст мегардид. Ин вожаҳо ҳамчун истилоҳ дар тиб истифода шуда, дар сарчашмаҳо чунин маънидод гардидааст: *Бинӣ* – “узви ҳисси шоммаи инсон ва ҳайвон, машом. Nasus” [134,216], “*по (й)* پای узви бадани инсон ва ҳайвон, ки ба воситаи он роҳ мегарданд” ва бадан дар он қарор гирифтааст. *Бинӣ* дар забони авастоӣ «vāēna», форсии бостон «nāham» ва паҳлавӣ «wēnīg» мебошад” [134,145].

Дар объекти таҳқиқи мо калимаҳои аслии *магз, дил, ҷигар* ва *хояҳо* ҳамчун истилоҳоти тиббӣ истифода гардидаанд ва Закариёи Розӣ онҳоро “андомҳои фармондеҳ” зикр намудааст. Ин вожаҳо таърихи тулонӣ дошта, дар забонҳои авестоӣ, форсии бостон ё паҳлавӣ дар чунин шаклҳо корбаст мегардиданд: “*Хоя* дар забони авастоӣ шакли āvaya, дар забони форсии бостон «xāya» ва паҳлавӣ «xayag, hā yik» шакл дорад” [134,233]. Ҷигар вожаи аслӣ буда, “дар забони авастоӣ дар шакли «yākare» ва дар забони паҳлавӣ дар шакли «jakar, jikar» [58,с.213] истифода шудааст. Закариёи Розӣ ба узвҳои фармондеҳ, арзишманд ***магз, дил, ҷигар ва хояҳо*** мансуб донистааст.

*Тухм* - “дар забони авастой –*taoxman*, форсии бостон - taumā ва паҳлавӣ - tō hm, tohm, tō xm, tō hmāg” [134,191] зикр гардида, ҳамчун истилоҳи тиббӣ ба маънои – “нутфа, манӣ; асл, нажод; 2. байза, байзаи мурғро” ифода мекунад. Дар тибби қадим: “тухми хилел тухмест ба миқдори тухми карафс ва шаклу андоми зира дорад ва кабудранг мебошад ва дар ғояти талхӣ бувад” [134,328] истифода мегардад. Дар маводди гирдовардаи мо бо вожаи тухм 48 адад истилоҳи тиббӣ истифода шуда, ки бархе истилоҳоти сохта, мураккаб ва ибораистилоҳанд: “*Дигар* ***тухмҳо*** *чун* ***тухми гунҷишк*** *ва парандагон беҳтар аст, ки ба унвони дору ба кор равад.* ***Тухм*** *барои забари гулӯ хуб ва хуни падидомада аз он миёна, нерӯзо ва гоҳе ҷонишини гӯшт мешавад ва касоне, ки омезаи намур доранд, шоиста нест, ки пайваста онро бихӯранд”* [157,120]. “*Беҳтарини он шароби обакӣ ,сиканҷабин ва* ***тухми харбуза*** *ва* тухми бодиринги чанбар *ва* ***тухми бодиринг*** *ва гиёҳи сабзи карфас ва Розӣёна ва меваи хиёри чанбар ва хиёру харбуза ва ҷуз он мебошад”* [157,174]. *“Пушти ин ду зоид ду тухмдон, ки кӯчактар, вале ҳамвортар аз хояи мардон аст, дида мешавад. Аз ин ду тухмдон оби занона ба даруни заҳдон ва гардани он рехта мешавад”* [157,63].

*“Сипурз* - дар забони авестой шакли sperezan, ва паҳлавӣ шакли spā rz, spurz-ро дошт” [134,342]. Ин истилоҳи аслӣ дар тиб дар организм чунин вазифаро иҷро мекунад вавожаи сиёҳлабак хоси услуби гуфтугӯӣ мебошад: *сипурз, испурч, сиёҳлабак* - “узве, ки вазифаҳои масунӣ, полоиш ва хунофариро иҷро карда, дар раванди мубодилаи моддаҳо, хусусан оҳак ва сафедаҳо гиркат меварзад” [156,237].

Дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳи сипурз 50 маротиба истифода гардида, тавассути он истилоҳҳои тибббии *сипурзшиносӣ, дардҳои сипурз, шинохти сипурз, сифти сипурз, сипурзи бузург, дармони сипурз* корбаст гардидаанд: Пешоби сиёҳранги занон ба дунболи хуни моҳона боиси пайдошавии бемориҳои талхобӣ, таби рубъ, **бузургшудагии сипурз** ва

молихулиё мешавад. **Сипурз** қайд намудааст, Закариёи Розӣ дарозшакл буда, дар самти чапи тан ҷойгир аст. Ӯ қайд мекунад, ки табиат барои пазириши балғам ҳамчун рагҳо ва мӯйрагҳо, ки ҷойгоҳи хун мебошанд, нақши муҳим доранд. Кисаи зардобро ҷойгоҳии зардоб ва **сипурзро** ҷойи талхоб меҳисобад.

Вожаи аслии *шуш* ҳамчун истилоҳҳои тиббӣ ва анатомӣ ба маънои "узви нафаскашӣ" истифода мегардад. Ин истилоҳ таърихи тулонӣ дошта, дар забони авестоӣ "шакли - sushi ва дар забони паҳлавӣ дар шакли - "shush, sush" [134,378] истифода мегардид. Истилоҳи *шуш* дар "Тиби Мансурӣ" 88 маротиб корбаст гардида, чунин истилоҳҳои тиббӣ мушоҳида гардиданд: *шуш, бофти шуш, омезаи шуш, таровишои шуш, бемориҳои шуш, шушшиносӣ, андоми шуш, шинохти шуш* ва ғ. Ӯ қайд мекунад, ки танаи шуш шомили ной ва рагҳои зери он мебошад, ки хун бо сурхраг вориди **шуш** шуда ва дар он тақсим мегардад: *3-он ҷо ки ин маҷро ба* ***шуш*** *меравад ва шушҳо бахше аз дастгоҳи гуворишӣ нестанд, балки бахше аз дастгоҳи танаффусӣ мебошанд ва ҳеч гуна роҳе ба поин надоранд...* [157,49].

Яке аз истилоҳҳои аслӣ, ки имрӯз ҳамчун як бахши илми тиб истифода мегардад, *дандонпизишкӣ* мебошад. Истилоҳи аслии дандон дар забони авестоӣ дар шакли "- danta, dantan, форсии бостон - dantan ва паҳлавӣ - dā d, dandā n" [134,284] истифода мегардид. Дар асари мавриди назар бо вожаи *дандон* истилоҳҳои сохта ва ибораистилоҳҳо корбаст гардидаанд, ки имрӯз дар истифодаанд.

Закариёи Розӣ *дандонҳо ба се намуд ҷудо намуда, қайд мекунад, ки* дандонҳои пешин, канорӣ ва бархе барои шикондан чун неш ва гурӯҳе осиёб кардан - дандонҳои панҷгонаи осиёб ном доранд. Дандонҳои пешин ва канорӣ нук ба нук шудан ба ҳамдигар ва дар ҳангоми гоз гирифтан дандон рӯй ба рӯйи ҳам шуда, дандонҳои пойинро мепӯшонанд ва тамос миёни онҳо барқарор мешавад.

“*Ноф* 1 ناف. - чуқурчаи миёни шиками одам, ки мунтаҳои рӯда аст ва вақти зоида шудани бача онро мебуранд” [151, с. 940]. *Ноф* аз забонҳои қадим маншаъ мегирад ва дар забони авестоӣ он шакли –“ nāfa, nabā, дар забони форсии бостон шакли - napat ва паҳлавӣ - nā fag, nāf мавқеи корбурд” доштааст [134, с. 492]. Дар тиб ноф ҳамчун узви инсон ба кор меравад ва Закароиёи Розӣ тавсия медиҳад, ки ҳангоми таб кардан қисми **ноф**, камар, тиҳигоҳро ба хамири омоси гарм равғанмолӣ кунанд ва он ҷойро сард нигоҳ доранд, то ин ки таб ва таби баланд каста гардад.

Сифатҳои *сард, гарм* вожаҳои аслӣ буда, дар тиб ҳамчун мизоҷи растаниҳо, давоҳо ва ҳайвонот корбаст мегардад. *Сард* дар забони авестоӣ шакли – “sarətō ва паҳлавӣ шакли - sart, sard”-ро доштааст [134,355]. Дар “Тиббм Мансурӣ ” ҳамчун мизоҷи даво, растаниҳо ва ғ. корбаст шудаанд. Закариёи Розӣ ба бахши доруҳое, ки танро лоғар мекунад, хурдани атрифули кӯчак, доруҳои **гармизо**, пешобовар, аз ҷумла фалофулӣ ва камуниро мансуб медонад, ки дар барномаи хӯрок ворид кардан лозим аст. Талқони ҷадвор мизоҷи **сард** дошта, барои сурфа хуб ва нармкунандаи сина ва сиришт мебошад. Доруҳои **сардизо** аз чирковарӣ ва расидани думал ҷилавгирӣ мекунанд, ки онҳоро доруи марҳами сурх ном мебаранд.

Дар асари мавриди назар як гурӯҳ истилоҳоте мушоҳида гардиданд, ки имрӯз дар истеъмол нестанл, ва ё бо номи дигар истифода мегарданд: *бемории качалӣ, лак, гол, голпилк, каку мак-доғи кунҷитак* ва ғ.

Вожаи *качал* - кал, тоссар, кадусар калимаи аслии тоҷикӣ буда, дар забони имрӯза дар ин қолаб корбаст намегардад. Закариёи Розӣ чунин нишонаҳои **бемории качалии** сарро қайд кардааст: сафед кардани рӯй, дурахшон, нарм, ҳамвор кардани пӯст; он чи ранги пӯстро сурх мекунад ва он чи ранги пӯстро зард мекунад .

Бемории *лак* - омосест, ки бо номи пучак имрӯз ёд мешавад ва дар ҷойҳои гуногуни бадан мебароянд ва дарунаш халтачае дорад, ки дар он

чирк ҷамъ мешавад. Лак муродифи калимаи арабии дубайла - варамест, ки мудавварри калонтар аз пучак буда, рангаш чун ранги бадан аст [230, 159] мебошад. *Каку мак* -доғи кунҷитак мебошад, ки  он чи пӯстро сиёҳ мекунад.  *Лак ва каку мак; он чи ҷӯш ва захмро мезудояд* [157,14].

*Нишоста* - номи таом  мебошад ва дар "Тибби Мансурӣ" чунин тавсиф шудааст:  Ношоиста бо номи  ҳарира ё фирнӣ зикр шудааст ва агар онро бо шакар ва равғани бодом омода намоянд,  арзиши хӯрокӣ дорад .

Истилоҳи *подзаҳр// позаҳр* дар "Ғиёс-ул-луғот" чунин шарҳ ёфтааст: "подзаҳр/позаҳр заҳрмуҳра; дар асл повзаҳ буда, яъне поккунандаи заҳр. Чун лафзи *пов* ба маънии шустан омадааст. Бо мурури айём  вов ҳазф шуд ва соҳиби "Рашидӣ"  чунон навишта, ки позаҳр мухаффафи подзаҳр аст, мураккаб аз под (бо доли махмала), ки ба маънии посбонист. Маънии мураккаби посдорандаи заҳр. Ва фодзаҳр муарраби он бошад" [138,156]: **Подзаҳри** гули махтум чунин хусусият дорад, яъне доруи муфид ва шигифтангез буда,  барои дармони шахси заҳрнӯшида истифода мекунанд.  Ҳамчунин **подзаҳр барои рафъи**  заҳри морҳо  гули махтум бисёр хуб аст ва аз бухурҳои судовар барои ҳавои бад бухури қист, кундар, миъа, уд, сандал, мушк, кофур ва марр истифода мешаванд.

Бо вожаи *подзаҳр* дар объекти мо чунин ибораистилоҳҳи тиббӣ ба мушоҳида расиданд: *подзаҳри аскарӣ, подзаҳри корсоз, подзаҳри дарди дандон, подзаҳри морҳо, подзаҳри гули махтум, подзаҳри бузург, подзаҳри чаҳоргона.*

*Обтанӣ*  - обпошӣ, шустани бадан, ба тан об пошидан,  аз калимаҳои аслии *об, тан*, пасванди *-ӣ* таркиб ёфтааст ва имрӯз дар истеъмол нест:  Инсон бояд а*з* ***обтанӣ****, хасташавӣ, бехобӣ, нӯшидани шароб, бурдборӣ ба гуруснагӣ, ташнагӣ, аз фишорҳои равонӣ, аз зери офтобу ҷойҳои гарм ва ҳар он чи ки танро доғ намояд, канорагирӣ намояд.*

Вожаи *гуж* ба маънои кузпушт истифода мегардид. Устухонҳои поини гардан аз дарбаргирандаи ду чанбар, устухоншона, дандонҳо, устухонҳои синаву даст ва устухонҳои синаву по иборатанд.

Дар мисолҳои зерин номи бемориҳо *гол-хоришак, лаку, пес,* ҷӯш мушоҳида гардид, ки дар забони муосири тоҷик мавқеи корбурд надоранд. Закариёи Розӣ қайд мекунад, ки агар дар тане ҳамеша афзоиши талхоб мушоҳида гардад, он шахс гирифтори **гол**, **лаку**, пес ва чурукҳои нохушоянду бузурги сипурзу дигар бемориҳои талхоб гаштанаш мумкин аст. Ӯ бар он назар аст, ки ангезаи сифт шудани шикам ва хушк шудани пӯст, боиси эҷоди тарак ва **бемории гол** дар пӯст шуда метавонад. Ва низ барои бемории гол (хориш) ва ҷӯшҳои тан хуб аст.

Бемории *ҷӯш* чунин шарҳ ёфтааст: Ҷӯш босуроте бар рӯйи пӯст, ки маъмулан бо сурхӣ ё хориш ҳамроҳ бошад” [154,581]. Ҷӯш гармича мебошад. Бемории **гол** ва **ҷӯш** дар касоне, ки доимо хӯрокиҳои ҷӯш, хӯрокҳои табоҳкунандаи хун, ба мисолим намак, обкома, ҷошанҳои гарм, сир, асал, шароби ноби кӯҳна мехӯранд, ва инчунин шахсоне, ки хеле хаста мешаванд, шабзиндадорӣ мекунанд ва **обтаниро** коҳиш медиҳанд, бештар ба назар мерасад.

Калимаи *обкома* – “нонхуриш, ки аз ҷурғот, шир, тухми сипанд, хамири хушк ва сирко месозанд- Garum” [134, 337] **Обкома** вожаи аслӣ буда, имрӯз дар истифода нест: “*Бақлаи ямония ва сармақ ин ду ба ангезаи* ***лиз*** *буданашон шикамбаро суст мекунанд беҳтар аст, ки бо сирка ва* ***обкома*** *хӯрда шаванд”* [157,97].

*Хиёр* خیار - дар тибби қадим тара, қиссо, хиёрчанбар, навъе аз тараи шабеҳи бодиринг, ки табибони қадим онро доруи сода тавсиф кардаанд. Дар китобҳои тиббии гузаштагон номҳои ин *тара* ва *бодиринг* ба ҳам омехта шуда, баъзан як ном ба маънои акси худ омадааст. “Вале мурод аз исми «хиёр» дар муқобили «бодранг» ва ё «хиёри бодранг» бодиринги дароз аст, ки дар асрҳои охир ба он иштибоҳан номи «хиёрчанбар»-ро низ

додаанд; *хиёри бодранг* - номи дигари бодиринг; *хиёри санбар* -шакли дигари хиёри чанбар; *хиёри талх* - номи дигари ҳанзал; *хиёри чанбар* - рустание, ки самари он бодирингшакли гирда аст; *хиёри шанбар* -шакли дигари хиёри чанбар ё хиёрчанбар” [134,399].

Дар “Тибби Мансурӣ” вожаи хиёр ҳамчун растании табобатӣ омадааст. *Дар хурдани хиёрчанбар,* ***хиёр, каду, фарфин, ва*** *ҷуз он аз хӯрокиҳои сардизо зиёдаравӣ кунанд, ва аз тобиши хуршед ва рӯзадорӣ ва аз истодагӣ бар гуруснагӣ ва ташнагӣ бипарҳезанд*...[157,196].

Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки ҳангоми таб аз хӯроки асфедбо бипарҳезад, **мағзи хиёр ва хиёри чанбар** истеъмол намуда, оби ҳарбузаи ҳиндӣ дар фосилаи навбатҳои таб бинӯшад. Туршии **хиёр ва хиёрчанбар** хусусияти сард ва нармкунандаи нерӯманд дорад.

*“Хиёрак* خیارک. - 1. қисме аз варам ва думмал, ки дар буни рон пайдо ояд, бубон, Bubo (n); 2. думмал ё решҳое, ки рафторафти лимфараги пушти олати таносул дар мавриди оризаи лимфангити оташак (сифилис) ҳодис мешаванд. Bubonuli” [154, 399]: Нишонаҳои пайдоиши бемории **хиёраки** бузург (дабила) бисёрии тарк ва тӯдаҳои нарми пӯстӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳоти аслии зиёде ба кор бурда шудаанд, ки дар истеъмол нестанд: *гарӣ-шукуфа, важан, голпилк, настангоҳ-маъқад, гиҷгоҳ-чакаи сар, гирду-чормағз, гӯштолу-пургӯшт, моҳича -мушак, тарак-кафидагӣ, чуғундар-лаблабу* ва ғ.

Голпилк бемории хоришаки чашм буда, агар сахтҳаракат бошад, кас ба бемори голпилк ва ё омодагии дучор шудан ба онро мефаҳмонад.

Мо дар таҳқиқоти хеш гурӯҳи истилоҳоти аслиеро ки дар “Тибби Мансурӣ”- и Закариёи Розӣ истифода шудааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Омӯзишу баррасии дақиқи истилоҳоти илмии мероси хаттии ниёгонамон, ки фарогири зиёди вожагону истилоҳоти тиббӣ мебошанд, барои ташаккул ва такомули минбаъдаи истилоҳоти ин соҳа аз

манфиат холӣ нестанд. Мо метавонем, барои густариш ва танзими истилоҳоти илмӣ, дар интихоби истилоҳоти тиббии миллӣ аз ин ганҷинаи бебаҳо баҳра барем.

## 3.2. Истилоҳҳои иқтибосии тиббӣ дар ““Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ

“*Забон ҳам аз ҳисоби имкониятҳои вожасозии дохилизабонӣ ва ҳам аз ҳисоби қарзгирӣ аз забонҳои дигар рушду такомул меёбад ва ногузир вожа ва ё истилоҳи забон агар натавонад падида ва ё мафҳумеро дар шакли дурусту дилхоҳ ифода кунад, маҷбур аст, ки ҷойи худро ба вожа ва ё истилоҳоти иқтибосӣ бидиҳад*” [50, 106].

Раванди иқтибосшавии вомвожаҳо ва ё ба ибораи дигар вожаҳои қарзӣ дар забонҳои эронӣ, аз ҷумла, тоҷикӣ аз давраи забони форсии миёна, яъне пеш аз зуҳури ислом оғоз шудааст. Пеш аз зуҳури ислом аввалин истилоҳоти иқтибосӣ дар забони форсии миёна ворид гардид. Забоншинос Д. Саймиддинов вожаҳои иқтибосиро дар забони форсии миёна аз рӯйи мансубияти забонӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: “а) вожаҳои иқтибосӣ аз забонҳои эронӣ (мидиву портӣ); вожаҳои иқтибосӣ аз забонҳои ғайриэронӣ (юнонӣ, оромӣ, суриёнӣ, ҳиндӣ)”[85,251]. Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар раванди ташаккулёбии давраҳои гуногуни забонҳои эронӣ вориди ин забон гардиданд.

### 3. 2. 1. Истилоҳҳои тиббии юнонӣ

Иқтибосшавиии истилоҳоти юнонӣ таърихи тулонӣ дошта, аз замони ҳукмронии Ҳахоманишиҳо маншаъ мегирад ва ин раванд баъдан идома меёбад. Дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ забони юнонӣ нақши муҳим дорад. Дар замони Сосониён дар Академияи Гунди Шопур истилоҳоти зиёди тиббӣ ба таркиби луғавии забони форсии миёна роҳ ёфтанд ва то кунун дар ин соҳа истеъмол мегарданд.

Дар асари тиббии “Тибби Мансурӣ” чунин истилоҳоти юнонӣ истифода гардидаанд:

*Абсантин // афсантин*, шакли дигари вожаи номбурда калимаи *афсинтуюн мебошад.* Ин истилоҳ ба маънои Афсинтин омадааст, ки дар тибби қадим номи гиёҳест шабеҳ ба барги саътар мебошад, ки таъми талхи гиранда дошта, аксар вақт онро барои муолиҷаи дарди сар, иллати меъда, хуноқ, омосҳои гуногун ба кор мебаранд. **Абсантин** // афсантин хусусияти гарму хушк дорад ва онро ҳамчун давои нерӯбахши шикамба, кушояндаи гирифтагиҳои ҷигар ва барои рафъи табҳои дарозмуддат истифода мебаранд, ки судманд аст.

**Устухудус** мизоҷи гарм дошта, ҳамчун даво барои равон ё берун кардани талхоб ва балғам истифода мегардад. Инчунин хусусияти поксозии дигаре дошта, барои дармони саръ ва молихулиё истифода мебаранд.

**Афтимун** гиёҳи сурхрангу талхмазаест, ки онро дар тибби қадим онро барои муолиҷаи баъзе касалиҳои асабу рӯҳ ба кор мебурданд. Закариёи Розӣ қайд мекунад, ки **афтимун** ё ба истилоҳи дигар зираи румӣ мизоҷи гарму хушк дорад ва барои равон кардани талхоб, инчунин растании бодшикан истифода мегарданд.

***Амбарборис*** ба истилоҳи дигар зиришк хусусияти сарду хушк ва бандоварандаи шикам дошта, азмиёнбарандаи ташнагӣ мебошад. Дар тибби қадим онро барои шикамба омоси ҷигар истифода мебурданд.

*Фарбиюн* فـ ربـ يون - дар тибби қадим ҳамчун гиёҳи давоӣ барои рафъи газандагии ҷонварон ва саги девона тило кунанд, самғи ушнони форсӣ низ гӯянд. Аз равған, тухми баласон ва доруи **фарбиюн** (қурсҳои **фарбиюн),** мақли яҳудро дар ченаки аз ҳар кадом ҳафт дирам ва аз сунбули румӣ, ашқӣ, мастакӣ, замъи арабӣ, тухми карафси кӯҳӣ, қардмонои кӯҳӣ, тухми розёна, гули сурхи хушкшуда, **ҷанитонои** румӣ, мушки таромшиъ, аз ҳар кадом панҷ дирам гирифта, дору тайёр намоянд ва барои табобат истифода кунавнд.

Дар порчаи матни зерин истилоҳоти тиббии юнонии *анисун, афюн, уфунат, исқанқур, ҳаюфориқун истифода* гардидааст**:**

**Анисун** – тухми Розӣёнаи румӣ буда, дар тибби қадим онро барои табобати сардард, гижа, дарди гӯш ва таби кухна истифода мекарданд. Дар "Бурҳони қотеъ" чунин шарҳ ёфтааст: "бар вазни шабехун; ба луғати юнонӣ Розӣёнаи румӣ бошад ва онро дар арабӣ ҳулва гӯянд ва ташнагиро фурӯ нишонад ва шикамро бибандад" [215, 123-124].

*"Афюн* - дар тибби қадим чакида ва шираи сахтшудаи кӯкнор, ки асосан ба сифати доруи карахткунанда, хобовар ва оромкунандаи дард ба кор меравад - Opium, laudanum, meconium" [134,178]. Дар матни зерин истилоҳи тиббии исқанқур омада, ки дар "Бурҳони қотеъ" ба маънои - ҷонваре маъруф, ки ӯро сақаеқур гӯянд. Шабеҳ ба сусмор аст, ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ мегардад. Ва муаллифи ин луғат калимаи румӣ мехонад:

**Дар тибби қадим аз анисун**, мар сағбин, ақоқиё, **ҳаюфориқун**, ноб **исқанқур**, яъне аз ҳар кадом чаҳор ва ним дирам, аз асорун ва пудина се дирамӣ ва **афюн** панҷ дирам ва аз барги садот дую ним дирам бигиранд ва ҳамаро дар шароб гузоранд ва месоянд, пас аз обакӣ шуда ва якнавохт гардидан бо асал ба андозаи басанда месиришанд, дору омода созанд ва барои табобат истифода намоянд.

Истилоҳи *молихулиё* вожаи юнонӣ буда, ба таври зерин шарҳ дода шудааст: "Молихулиё бемории руҳиест дар тибби қадим кӯфт ва халали димоғӣ ва савдо ва хиёли хом; бемории димоғӣ, ки боиси хаёлоти воҳимаангез мешавад, савдоӣ, хаёлӣ будан, ғамбеморӣ- Melancholia" [134,65].

Ин истилоҳ дар забони тоҷикӣ маъмул буда, дар «ФТЗТ» чун вожаи юнонӣ зикр шудааст: "Молихулиѐ ю. - бемории рӯҳиест, ки боиси хаѐлоти воҳимаангез мешавад, бемории савдоӣ" [225,811].

Молихулиё ҳамчун истилоҳи тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ" зиёд истифода шудааст. Муаллифи ин асар барои табобати бемории

молихулиё аз раги босалӣ хун гирифтан ва равонкунандаҳои талхоб як усули табобат дониста, тарзи дурусти таҳияи хӯрокро барои ин беморӣ тавсия додааст.

*“Кофур* کافور - моддаи хушбӯйи сафедтоби тақрибан беранг, ки дар тиб кор фармуда мешавад, камфара” [156,509] мебошад. Ин вожа юнонӣ буда, дар асари мавриди назар ҳамчун даво барои бемориҳои гуногун истифода шудааст. **Кофур** мизоҷи сард дошта, онро ҳамчун давои нармкунандаи сардардҳои аз гармӣ, барои табобати бемориҳои аз гармии сар, ҳамаи тан истифода мебаранд. Агар ҳаво бад ва бадбӯ бошад, бояд сандал ва **кофур** дуд намояд, гулоб бипошад, инчунин, бар дари хона пӯшуше, ки бо гулоб олуда аст, овезон кунад ва хӯрокиҳоро аз сирко, адас, сумоқ,қарис, ҳулом ва ғӯра гузоранд. Барои аз хунрезии бинӣ ҷилавгирӣ намудан афшураи гули бустонафрӯзро, ки дар он **кофур** шикофта шудааст, ба даруни бинӣ бирезанд, судманд аст.

**Қарис** дар тибби қадим навъе аз таомро ном баранд, ки он аз гӯштҳои латиф, аз ҷумла, моҳӣ, чӯҷаи мурғ ва почаи гӯсфанд ва бо сирко, турушӣ, меваҳои тозаву хушк ва хушбӯи таҳия мегардад ва барои беморон тавсия дода мешавад.

*“Қалқанд* ба маънои *зоги сабз* - Cipri sulphas бошад” [154, с. 237]. Қалқандро барои нигоҳ доштани хуни бинӣ истифода мекунанд. Тарзи корбурди он чунин аст: онро дар об ҳал карда, як қатра дар бинӣ бичаконанд, сарро соф кунад, инчунин, қалқанд аз ҷумлаи доруҳоест, ки барои пок кардани гӯш ва дардҳои сарди он манфиатбахш ва муфид мебошад. Ба дарди бинӣ ва чашм судманд будани қалқанд дар “Тибби Мансурӣ” зикр ёфтааст. Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки истифодаи зоги кабуд барои бандоварандаю аз миёнбарандаи бавосири бинӣ судманд мебошад. Дар ҳолати бузург шудани осебе, ки сиёҳии чашмро то нозир фаро гирад бо марҳами сабз ва марҳами қалқанд табобат мешавад.

*Диафрагма* ҳамчун истилоҳи тиббӣ маъмул буда, дар забони тоҷикӣ низ истифода мегардад. Он ба маънои девори байни синаву шикам, чодари байни қафаси синаву шикам - Diaphragma, phren [134,351] истифода мешавад: *Аз пушт бар рӯйи муҳраҳои гардан қарор гирифта ва имтидод дорад, то он ки* ***диафрагмро*** *рад кунад ва бо торҳои басташуда ва чун* ***диафрагмро*** *рад кунад кушод мешавад ва «шикамба» ном мегирад, дар зимн каме ба самти чап моил аст* [157,53].

**“***Босалиқ* اسلیق - дар тибби қадим муарраби вожаи юнонии - basilikos, яке аз варидҳои банди оринҷ, ки ба ғарази табобат аз он хун мегиранд, бослиқ. Vena basilica” [134,154]: *Чи басо ба ин дармон беҳбуд наёяд, дар ин сурат пас аз раги софин ба хунгирӣ аз раги* ***босалиқ*** *бипардозед* [157,319].

*“Қантуриюн* قنطریون - дар тибби қадим муарраби истилоҳи юнонии вожаи - kentaureion” [154,237] мебошад ва ин ду навъ рустании доруӣ аст: қантуриюни бузург, қантуриюни ситабр; қантуриюни хурд. Закариё Розӣ ба барои табобати дардҳои пайҳо, қулинҷ онро муфид медонад. Ӯ тавсия медиҳад, ки қантуриюн барои **гарӣ** буда, аз коркарди оби мардона, бордориро боз медорад, инчунин **қантуриюн** барои табобати дарди пайҳо ва қулинҷ муфид аст. Растании шифобахши **қараз** хусусияташ сард буда, бандоварандаи шикам мебошад.

*“Қанбил* قنبیل - дар тибби қадим тухми қанбила, ки сурхтоб буда, тариқи ошомадан ва тило кардан кирмҳо ва кирми кадудонаро бикушад ва онҳоро берун кунад. Kamala” [1345,531].

*Турмус* шакли арабишудаи вожаи юнонии- thermos буда, он муродифи боқилӣ, боқло, боқлӣ мебошад дар асар бо ҳар ду вариант корбаст шудааст. Турмус ва турмусо гиёҳи лӯбиёмонандест, ки дар тибби қадим онро барои дафъи киҷҷа истифода мекунанд. Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки турунҷи пӯсткунда, қилдору,тарбзу ҳабби алнилро ба

миқдори якхела  ва турмус, шоҳӣ, қинбил ним ҷузв бармедоранд, ҳамчун хӯрок истифода мебаранд.

Закариёи Розӣ ба сифати доруи бандоварандаи хун нура, **қалқатор**, хуни сиёвушон ва сабру **ҷабасини** ордшударо зикр намудааст. Ҳамаи ин доруҳоро ба пашми  бурида  ва сапедаи тухми мурғ оғушта карда даруни захм гузоранд ва аз он мавод низ дар  рӯйи захм бисёр пошида, банданд, муфид аст. Инчунин, сарҳами **қалқанд**ро барои рафъи зуфра (нохунаки чашм) ба кор баранд.

*Мумиёро*  ҳамчун маводди доруворӣ барои берун баромадани хун аз даҳон ва дар шикастабандӣ истифода меранд. *Касе, ки харбақи сафед ва ҷабалаҳанг (ҷабри оҳанг) ва* ***кундус*** *ва* ***аратнисо*** *(бухури Марям) хӯрад; касе, ки турбад хӯрад; касе, ки* ***фарфиюн*** *(фариюн) хӯрад; касе, ки дар хӯрдани* ***мозариюн*** *зиёдаравӣ кунад; шинохти нерӯи доруҳои равонкунанда ва андоза ва равиши корбурди онҳо ва намунаи як доруи таркибии равонкунанда”* [157,17].

*“Оқирқарҳа // оқирқарҳо* عاقرقرها\\عاقرقره - дар тибби қадим гиёҳи маъруфи давоӣ -Anacyclus pyrethrum” [134,745]. “*Ғорикун* муарраби юнонии - agarikon буда, навъе аз саморуғи доругист, ки онро «ҷоғари дарахт» низ мегӯянд. Рангаш сафед буда, ҳангоми ба каф молиш додан орд мешавад ва хусусияти давои ислоҳовар дорад. Тарзи тайёр намудани марҳам аз ин гиёҳи шифобахш чунин аст: ***Оқирқарҳо, солиюс, устухудас*** *ба миқдори  даҳ дирамӣ ва   қорчи чаманро ба миқдори панҷ дирам, аз қир ҳалтити хушмаза ва зарованд  ба миқдори  дувуним дирам аз ҳар кадом гирифта,  афшураи* ***ансил*** *ҳамроҳ намуда, бо асал бипазанд ва сипас бо доруҳои пешин хамире созед ва аз он рӯзона як мисқол бакор баред ва ӯро аз хӯрдани хӯрокиҳои сангин дур нигоҳ доред*  [157,319].

Дар матни зерин  истилоҳҳои тиббии юнонӣ: *хиёр*,   *камофитус, шомус, қалимиё  ва фаритус,  анийсун, асорун, фоширшин, нордин, кулятайн, каравё, қанбид, олиюс, сақрадиюн, уфориқун, камодариюс,*

*афсантин ва ғ.* мушоҳида гардиданд, ки дар асар бо варианти тоҷикиашон омадаанд: ***Афшураи хиёри чанбар, салқ (чагандар, лаблабуи қанд), ҳама гунаҳои ятуъ (широбадорон, дарахтони ширдор) ба вижа широбаи онҳо, камофитус (мошдору), ҳама гуна кафи дарёӣ** (забадулбаҳр, кафки баҳр), ушаҷ (ушақ, бадрон, самги дарахт), гули тус ва гули **шомус** ва **фаритус**, зангоре, ки бо мум бисёр зубшуда (ҷӯшонидашуда) ва равғани зайтун омехта шуда бошад, **қалимиё** (сӯхтаи филизҳо), пӯсти сӯхтаи хазаф, хазафи танӯрӣ, шохи гавазни сӯхта (қарнулайййил] ва носӯхта. Доруҳое, ки пешобоваранд Донаи карафси сахраӣ (харсангӣ), донаи Розӣёна, донаи карафси даштӣ, **анийсун** (бодиёни румӣ), ваҷ(ҷ) (агари туркӣ), нонхоҳ, **асорун** (бехи сунбули румӣ), муқли арабӣ  (хурмои арабӣ), **фоширшин**, нахӯд ба вижа сиёҳаш, алафе, ки **кулятайн** гӯянд, наммом (пудина), ҳошо (**сумис**), **каравё** (ираи румӣ), **қанбид** (қанит),, каммун (зира), решаи саъд (геша, қиёқ), мурр, сунбулуттайййиб, **нордини** ақлитӣ(сунбули румӣ), судоб (гиёҳе мисли пудина), ҷаъда, **солиюс**, арар (сарви кӯҳӣ),, **сақрадиюн** (сири даштӣ), ҳавиҷ ба вижа тухми он, шаробулазхар (кум, гиёҳи хушбӯй), ҳаббатулхазро (букалак), ҳиндқавқо (девостип), **уфорикун** (мозариюн), **камодариюс** (мондоруи талх), **камофитус** (мошдору),, **афсантин** (апсантин), ки ба вижа поккунандаи оби даруни рагҳост* [157,166].

Таҳлили мисолҳо нишон дод, ки истилоҳҳои тиббии юнонӣ дар асар зиёд корбаст гардидаанд. Аксарияти онҳоро истилоҳоти фарматсевтӣ ташкил медиҳанд.

### 3. 2. 2. Истилоҳҳои тиббии ҳиндӣ

Иқтибосшавии истилоҳои ҳиндӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз раванди иқтибосшавии истилоҳоти дигар забонҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Аввалан, забонҳои тоҷикӣ ва ҳиндӣ ба оилаи забонҳои эронӣ дохил мешаванд. Дувум, омили дигар ин муносибати иқтисодию фарҳангии ин халқҳо мебошад. Дар баробари истифодаи вомвожаҳои иқтибосии дигар

истилоҳоти иқтибосии ҳиндӣ низ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ ба назар мерасанд.

Вожаи *балила* ҳиндӣ буда, дар асарҳои тиббии ниёгонамон ҳамчун растании шифобахш истифода гардидааст. “Балила рустание, ки самари гавзмонанди зардранги монанд ба ҳалила ва мағзи ширин дошта, қайовар аст. Terminalia belleria” [134,182]. “*Балила* шакли арабишудаи балилаҷ, лафзи ҳиндии “bahera”, дар санскрит “bahera” буда, самари дарахт мебошад ва дар ФТЗТ чунин омадааст: “*Балила* ю.-а. “1 بليله. меваи зардранг ва тухми шакли дарозрӯя, ки донаи он хусусияти доругӣ дорад ва дар дорусозӣ истифода мешавад. 2. гиёҳи ин мева, ки дарахтчаест аз хонаводаи бодоми ҳиндӣ” [151,178].

Закариёи Розӣ тарзи омода намудани марҳамро тавсия додааст. Атрефали кӯчак, ҳалилаи сиёҳу кабуд, **балила** ва амларо ба миқдори як ченак гирифта, пас аз кӯбидан дар равғани зайтун гузошта, бо асал биомезед, марҳам омода мегардад. Мураббои аз атрифули кӯчак (омла, ҳалила, балил) хусусияти нерӯмандтар дорад, ба ҷуз он ки оби мардонаро коҳиш медиҳад.

Як хусусияти услуби Закариёи Розӣ дар он аст, ки ҳангоми омода намудани доруву давоҳо як чанд маводро пайиҳам меоварад. Дар матни зерин истилоҳоти *ҳиндии ҳалилаи (сиёҳ), балила, омула, филфил, зангбил* мушоҳида гардиданд. *“Ҳалила* рустании маъруфи давоӣ. Terminalia chebula, T.citrina, T.Horrida” [134,437] буда, муарраби он ҳалилаҷ мебошад.

Омула гиёҳи маъруфи шифоҳӣ буда, барои рафъи дарди пайвандҳо, заифии биноӣ, заифии дилу меъда истифода мебаранд ва хусусияти иштиҳоовару қайнишон дорад. Закариёи Розӣ тавсия медиҳад, ки дар мавриди басанда набуд доруи хубс аз **ҳалилаи** сиёҳ, **балила, омула** аз ҳар кадом понздаҳ дирам ва рими оҳанро як ҳафта дар сирка хобонда, мазрам тайёр намуда диҳанд, дармон мебахшад.

Истилоҳи занҷабил таърихи қадима дошта, дар забони санскрит дар шакли Zanqibel ва забони ҳиндии қадим дар шакли зрнҷаверам (Zrnqaveram) истифода мегардид ва маънояш “амбари тару тоза” мебошад. Занҷабил дар забони форсии қадим дар шакли зангабир, зангавир дар забони арабӣ занҷафил ва юнонӣ zizziberis ва sinqivera, дар забони ҳозираи тоҷикӣ занҷабил буда, номи илмии рустанӣ низ zinqiber қабул шудааст. “Занҷабил гиёҳи наймонанде, ки гулу мева надорад, бехи онро, ки таъмаш тунду муаттар аст, онро ба хӯрок меандозанд ва ҳамчун дору истеъмол мекунанд, Zingiber officinale “ [135,389].

Закариёи Розӣ ҳар ду гунаи ин растаниро ба кор бурдааст. Ӯ тавсия медиҳад, ки хӯрока падидоварандаи талхоб бошад, бояд **ҳалилаи** сиёҳ, баспоя, афтимун ба кор бурд ва агар падидоварандаи намуриҳо ҷой дошта бошад, атрифили кӯчаки бо айёра ва тарбад омехташударо истифода намуд ва аз **занҷабил**, тарбад, шакар ҷаворишан омода намуда, истифода кард.

Макони аслии *занҷабил* Ҳиндустон мебошад ва дар решааш ғуддаҳои тундмазаи хушбӯй пайдо мешавад, чун дорувор ба таом ҳамроҳ мекунанд ва дар тиб низ ба кор меравад, қаранфул.

*“Қаранфул* (garanto) - гиёҳест хушбӯй, ки дар Ҳиндустон мерӯяд ва асли он *каранпхул* буда, маънии он ба луғати ҳиндӣ «гули шуои офтоб» мебошад” [134,745].

Истилоҳи *нил* таърихи қадима дошта, дар забони санскрит ба шакли nila омада, гиёҳест дар мамлакатҳои гарм, ки аз шираи он ранги нилӣ мегиранд, мерӯяд. Нил ранги кабуди баланди сиёҳтоб ва лоҷувардӣ дорад. Вожаи *нил* дар “Вожаномаи тиббӣ” чунин шарҳ ёфтааст: “1. сипанди сӯхта, ки ба ҷиҳати чашмзахм бар баногӯш ва пешонии атфол кашанд; 2. гиёҳ ё буттаи гулаш гулобӣ, қирмизӣ ё сафед, ки аз барги онҳо басма мегиранд, индигофера - Indi-gofera tinctoria. 3. индиго, моддаи булӯрии кабуди тира, ки аз рустаниҳои ниловар мегиранд” [135,713].

Истилоҳи *нил* дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ ҳамчун маводди доруворӣ барои табобати омосҳо тавсия шудааст. **Нил** мизоҷи гарм дошта, хусусияти бандоваранда ва обкунандаи омосҳои сахт мебошад. *Қокиёи нишаста, ҳастаи кишмиш, говшер (ҷовшер), ҷав, дулб (чанор), решаи ширинбаён,* ***нил****, гулобӣ агар аз берун понсимон шавад, момийсо, барги най, алафе, ки шушаро дурахшон мекунад* [157,159].

*Мош* дар забони тоҷикӣ ҳамчун маҳсулоти хӯрока серистеъмол аст. “Мош гиёҳи маъруф, ки дони онро чун ғизо ва даво кор мефармоянд - Phaseolus mungo ё Ph. Max” [134,667]. Онҳо аксарият кишт мекунанд ва он хусусияти давой дорад: *Чалгузи парасту, росини хушкшуда,* ***мош****, тухми турб, гули насрини хушкшуда, гугирд ва шукуфаи кабари хушкшуда бо кисаи зардоби гов ва сирко ва шаробро ба ҳам биёмезад* [157,214].

*“Норгил // норгул* - рустании монанд ба нахл, ки меваи чормағзшакли калон дошта, шири онро менӯшанд - Cocos nucifera” [134, 721]. “*Норгил* - nargi: l) гавзи ҳиндӣ ва ба забони порсӣ *гавҷи ҳиндук* [154], гавзи ҳиндӣ хонанд, дар санскрит «narikilo» ва «narikhira» барги дарахти ҳиндӣ, ки ба забони санскрит *норгило* гӯянд” [134,167] .

Закариёи Розӣ онро ҳамчун даво барои бемориҳо тавсия додааст: *Бодому фундуқ ва* ***норгили*** *пӯстканда ва бодому санавбар ва донаи* ***филфил*** *ва донаи залм, ҳуббул азиз ва ҳуббул хазроро ба гунае яксон, занҷабил ва дорулфилфил ва нори мушкро аз ҳар кадом як саввум бахш ва фониди саҷзӣ (пониди сиистонӣ)-ро гирд овартед* [157,240].

Закариёи Розӣ барои тақвият бахшидани нерӯи ҷинсӣ ва афзоиши он норгил, понид ва дигар донаҳои тухми филфил, бодам ва донаи залм, ҳуббул тавсия намудааст.

*Нилуфар* дар сарчашмаҳо ҳамчун даво шарҳ ёфтааст. Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин аз забони санскритӣ - nilotpala ва шакли паҳлавии он - nilopal маншаъ гирифтани нилуфар ишора шудааст [134,1032]. Дар фарҳанги тахассусӣ вожаи *нилуфар* дар шаклҳои *нилупар,*

*нилуфал // нилупал* омада, чунин шарҳ ёфтааст: “Нилуфар гиёҳи обии баргаш гирдаи дилшакл, гулаш калони ранга, мевааш мудаввари сертухм, ки хосияти шифобахшӣ дорад - Nymphaea alba, N. lutea ва N. Lotus [134,713].

Закариёи Розӣ хусусияти шифобахшии нулуфарро барои табобати чандин бемориҳо зикр намудааст, ки имрӯз низ бояд корбаст гардад. **Нилуфар** миҷози сард дошта, хусусияти хобовар, оромкунандаи сардард дорад ва барои даво истифода мегардад. Бобуна гиёҳи шифоҳӣ буда, гарм ва хусусияти сангинкунандаи сар ва хобовар дорад.**Равғани нилуфар** назар ба равғани бунафша пурқувват ва доидаовар мебошад. **Тухми нилуфар**ро барои равон кардани балғам ва рафъи бемориҳои лак ва песии сапед истифода мебаранд.

*Тамр* – истилоҳи тиббии ҳиндӣ буда, иллатест баъзе аз мардумро, ки дар синни чилсолагӣ ба ҳам мерасад. Тимир ба забони илмии ҳиндӣ ба маънии торикӣ бошад, ки дар муқобили рӯшанӣ аст. Санскрит *тимиро* [157,943]. *Тамр // тамро* تمر - дар тибби қадим рустании давоии маъруф - Phoenix dactylifera [134,272] мебошад. Дар маводди мо ҳамчун даво чунин шарҳ ёфтааст.Тамри ҳиндӣ мизоҷи сард дошта, ҳамчун давои равонкунандаи шикам ва барандаи зардобу хун истифода мегардад. Закариёи Розӣ барои ҷилавгирӣ аз ангезаи падид омадани зиёди зардоб дар ҷисми одамӣ тавсия медиҳад, ки беморро аз истеъмоли ҳалила, зардолу, тамри ҳиндӣ, оби паниру анори кӯбида бо пӯст ва гӯшти он нигоҳ доштан лозим аст. Барои дармони бемориҳои рафъкунандаи зардобу хун тайёр намудани марҳам бояд понздаҳто олу, даҳ дирам **тамри ҳиндӣ**, даҳ дирам шакари табарзадри гирифта ба ҳам омехта намуд ва рӯйи он ду савм ратл оби ҷӯшон бирезанду як шаб канор гузоранд, то он омода гардад, пас барои табобат истифода намоянд.

Дар баробри истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ истилоҳоти иқтибосии ҳиндӣ серистеъмоланд. Чунончи: *қоқула, хардал, шитринҷ,*

*фулфул, нилуфар, балодур* ва ғ. серистеъмоланд: *Бодиринг ва пӯсти таранҷ ва* ***қаранфул*** *ва мустако ва заъфарон ва қарфа ҷуз баво ва* ***қоқула*** *ва* ***нормушк*** *ва сак ва баҳман, зарнабод, дуранҷ, ва донаи* ***бозруҷ*** [157,322]. Закариёи Розӣ барои табобати дарди чашм тавсия медиҳад, ки шиёфи момисо, гули сурх, қардмоно, сабр, ҳазаз, сандали сурх, **филфил** ва заъфаронро ба андозаи фундуқ гирфта, шиёфи яке аз гиёҳу растаниҳоро дар оби гашниз ё оби коснӣ ё гулоби нарм карда, ба чашм бимоланд, муфид мебошад. Қирқарҳо, **хардал, шитриҷ**, бура, **филфил**, **занҷабилро** ба миқдори муайян мегиранд ва марҳам тайёр мекунанд. **Балодур** гиёҳи шифоҳӣ буда, мизоҷаш гарми бисёр хушк мебошад, онро барои бемориҳои сард, фаромушхотирӣ истифода мебаранд. **Нӯшодир** мизоҷи гарм дошта, онро барои дармони забони кӯчаки фурӯафтода, хуноқ ва сафедии чашм истифода мебаранд, ки судманд аст.

Аз натиҷаи таҳлилу баррасӣ маълум гардид, ки дар садаи X дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ, хусусан забони илм истилоҳоти тиббии иқтибосии ҳиндӣ ҷойгоҳи хосеро ишғол мекунанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Закариёи Розӣ донандаи хуби забонҳо буда, аз тибби қадимаи ҳиндӣ огоҳӣ доштааст.

### 3.2.3 Истилоҳҳои тиббии арабӣ

Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ баъди истилои арабҳо роҳ ёфтанд. Арабҳо ҳар як марзу кишвареро ба тасарруфи худ меоваранд, забони арабиро иҷборан ҷорӣ мекарданд. Баъди тасарруфи Моварокннҳру Хуросон ин падидаи номатлуб ба сари мардуми эронинажод низ омад. “*Забони арабӣ - забони табақаи болоии хилофат ва дини ҳукмрони он чун аслиҳаи мутамарказонии ҳокимият ва ҳукмронии идеологияи истилогарони араб хизмат мекард. Соли 81 ҳ. (700-701 м) забони арабӣ забони давлатӣ эълон гардида, ба тадриҷ коргузорӣ ва мукотибаи*

*расмии вилоятҳои таҳти тасарруфи хилофат ба ҳамин забон гузаронида мешавад"* [13,421].

